**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 343+327
**ТКБ:** 67.99(2)93+66.4
Д – 14

**ДАВЛАТЗОДА ДИЛШОД МАҲМАДЗАРИФ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**......................3-4

**МУҚАДДИМА**……………..……………………….....………………..............5-21

**БОБИ I. МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ВА НИЗОМИ ОНҲО**…...................................................22-81

1.1. Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ….......................22-44

1.2. Таснифи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ..…......…...............44-52

1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ...............................................52-81

**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ**.......................................................................................82-139

2.1. Объект ва предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ.......82-101

2.2. Аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ.........................................................................................101-139

**БОБИ III. АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТВИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТ**.......................................................................140-168

3.1. Хусусиятҳои аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоот.........................................................................................140-159

3.2. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таркибҳои бандубастшаванда дар сохтори моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон..................159-168

**ХУЛОСА**........................................................................................169-171

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.......................................................................................172-173

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................174-195

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..............................................................................................196-197

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ –** Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КГ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ –** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМҶ ИДМ** – Кодекси Моделии ҷиноятии ИДМ

**КҶ ФР –** Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Қазоқистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ӯзбекистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Украина –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Беларус –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Озарбойҷон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Арманистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Туркманистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

**КҶ Фаронса** – Кодекси ҷиноятии Фаронса

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**АМО ҶТ –** Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ –** Созмони Милали Муттаҳид

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ФР –** Федератсияи Россия

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**МЭҲ** – Мошинаҳои электронии ҳисоббарор

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б. –** банд

**м. –** модда

**м. м.** – моддаҳо

**ш**. – шаҳр

**н**. – ноҳия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушду пешрафти илмию техникӣ сабаби босуръат паҳн гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо назардошти ин раванд, талаб менамояд, ки соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳарчи бештар бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ фаро гирифта шаванд. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисодирақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд ва «бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад: такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ; рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ; андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот» [16].

Аммо татбиқи густурдаи технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳо мушкилоти зиёдеро барои ҷомеа ба миён меорад, ки дар байни онҳо, махсусан, амалҳое фарқ мекунанд, ки бо истифода аз ин гуна технологияҳо ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида зарар мерасонанд.

Ташаккули муносибатҳои нави марбут ба таъмин намудани иттилоот ба пайдоиши навъҳои нави ҷиноятҳо мусоидат намуд. Таҷовузҳои зикргардида дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ шудаанд. Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабари соли 2022, №71 чунин мақсадҳои асосии ҳифзи иттилоотро муқаррар

намудааст: «пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумшавӣ, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот; пешгирӣ намудани амалиётҳои беиҷозат оиди нобудсозӣ, тағйирдиҳи, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот; пешгирӣ намудани амалиётхои боиҷозат ва беиҷозат, ки боиси қасдан ё бидуни қасд нобудсозӣ, бастани роҳи пахншавӣ, ғалат маънидодкунӣ (сохтакорӣ), дуздӣ, нусхабардорӣ, ихроҷӣ, дигаргунишавӣ ва тағйиребии иттилоот гардиданаш мумкин аст» (м. 1) [7].

Сарфи назар аз қабули санадҳои зиёди меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, густариши доираи муносибатҳо дар ин самт, баланд гардидани сатҳи донишу малакаи истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи ғайриқонунии онҳо боиси афзоиши шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда вобаста ба истифодаи чунин технологияҳо мегардад.

Дар Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003, №1174 зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, ки барои истифодаи васеи ТИК «дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодиёт, муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ, байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо, фароҳам овардани шароит барои таъмини ягонагии фазои иттилоотӣ дар қаламрави ҶТ, бартараф намудани нобаробарии рақамӣ ва рафъи монеаҳои идоравӣ дар паҳнкунии иттилоотӣ, зарурати коркарди низоми чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ оид ба паст намудани сатҳи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот бо нигоҳ доштани сатҳи зарурии эътимоднокии фаъолият дар ин соҳа ва самаранокии фаъолияти воситаҳои ҳифзи иттилоот қайд мегардад» [18].

Истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ, компютерӣ, телекоммуникатсионӣ ва дигар технологияҳо аз ҷониби қисми зиёди аҳолӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҷомеаи муосирро ҳамчун ҷомеаи иттилоотӣ тавсиф

кунем, ки дар он равандҳои иҷтимоӣ бо дастовардҳои илм, техника ва технология алоқаманданд.

Бо рушди технологияҳои рақамӣ зарурати тақвияти механизмҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқии амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла, танзими ҳуқуқии ҷиноятии он, бештар мегардад. Ҷиҳати посух ба ин таҳдидҳо, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал меъёрҳое пешбинӣ гардиданд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои вобаста ба истифодаи технологияҳои компютерӣ муайян мекунанд.

Аммо таҷрибаи татбиқи ин меъёрҳо баъзе камбудиҳоро ошкор менамояд: муқарраротҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои таҳдидҳои муосири кибериро фаро намегиранд, ки ин метавонад барои ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагон мушкилиҳо эҷод кунад. Илова бар ин, бо сабаби нисбатан нав будани танзими ҳуқуқӣ дар самти таъқиби ҷиноятии ҷиноятҳои киберӣ, дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мушкилиҳо дар муайян намудани таркиби ҷиноят, фарқ кардани он аз дигар намудҳои қонуншиканиҳо, инчунин, дуруст муайян намудани бандубасти кирдорҳо ба вуҷуд меоянд.

Баррасии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир сатҳи ҷинояткорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Аз ҷумла, тибқи маълумоти омори расмӣ, вобаста ба м.м. 298 – 304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: соли 2019 – 38, соли 2021 – 23, соли 2022 – 25, соли 2023 – 12 ва соли 2024 – 33 ҳолати содир шудани чунин ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондиҳандаҳо хусусияти ноустувор, вале ҳамоно мубрам будани таҳдидҳо ба амнияти иттилоотиро инъикос мекунанд.

Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ зарур аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ минбаъд такмил дода шавад. Ин раванд дақиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, бартараф кардани камбудиҳо, инчунин, таҳияи дастурҳои методӣ барои мақомоти ҳифзи

ҳуқуқро дар бар мегирад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки механизмҳои самараноктари ҳифзи фазои рақамӣ таъсис ёфта, хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити технологӣ ба ҳадди ақал расонида шаванд.

Дар солҳои охир қонунгузории миллӣ дар самти танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои вобаста ба иттилооти компютерӣ ба таври назаррас пеш рафтааст. Бо вуҷуди ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии муфассалро тақозо мекунанд. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои муҳим муайян кардани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин ҷиноятҳо, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии онҳо, инчунин, камбудиҳои эҳтимолии ҳуқуқие мебошанд, ки ба ҷараёни криминализатсия ва декриминализатсияи ин кирдорҳо таъсир мерасонанд.

Имрӯз зарурати ҷиддӣ ба такмили истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар санадҳои меъёрӣ истифода мешаванд, ба миён омадааст, зеро набудани истилоҳоти ягона ва муқарраршуда татбиқи амалии қонунгузориро мушкил мегардонад. Илова бар ин, норасоии таҳқиқоти бунёдӣ дар ин соҳа ва набудани тавсияҳои равшан оид ба истифодаи меъёрҳои таъмини амнияти иттилоотӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мушкилоти муайянеро эҷод менамояд.

Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти муқовимат бо ҷиноятҳои компютерӣ аҳаммияти махсус дорад. Бисёр кишварҳои хориҷӣ аллакай механизмҳои самараноки мубориза бо ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳоро таҳия намудаанд, ки таҷрибаи онҳо метавонад асосе барои такмили қонунгузории миллӣ гардад. Бо вуҷуди ин, то ҳол таҳлили муфассали равишҳое, ки метавонанд ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд, анҷом дода нашудааст.

Ниҳоят, масъалаи зарурати ҷорӣ намудани меъёрҳои нави қонунгузории ҷиноятӣ ё, баръакс, хориҷ кардани муқарраротҳои кӯҳнашудае, ки ба воқеияти рақамии имрӯза мутобиқ нестанд, ҳанӯз кушода боқӣ мемонад. Бидуни таҳқиқоти ҳамаҷониба ҷавоб додан ба ин савол, ки оё ҳамаи

таркибҳои ҷиноятии мавҷуда дар ин соҳа аз нуқтаи назари хавфи ҷамъиятӣ ва мақсаднокии таъини ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок мебошанд ё не, ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр, зарурати омӯзиши амиқи илмии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ аз арзёбии ҳамаҷонибаи кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок, ки метавонанд муносибатҳоро дар ин соҳа вайрон созанд, бармеояд. Ин зарурати такмили КҶ ҶТ-ро бо назардошти тағйирёбии моделҳои киберҷинояткорӣ ва таҳкими механизмҳои миллии ҳифзи фазои рақамӣ асоснок менамояд.

Инчунин, дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ миқдори зиёди мушкилоте мавҷуданд, ки бо ҳуқуқвайронкуниҳои таҳлилшаванда алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, аҳаммияти омӯзиши ин мавзуъ ба зарурати баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас вобаста ба ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии самараноки ин гуна ҷиноятҳо вобастагӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ як зумра олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода (У.А. Азизов) [150], Ҷ.З. Маҷидзода [130] ва дигарон таълифоти худро ба нашр расонидаанд.

Дар ин миён таҳқиқоти доктории К.Д. Давлатзодаро [160] бояд қайд намуд, ки бевосита ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо бахшида шудааст.

Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои мавриди баррасӣ, намудҳои алоҳидаи онҳо ва ҷанбаҳои криминологии онҳо дар рисолаҳои номзадии олимони хориҷӣ, аз қабили Р.М. Айсанов [151; 152], И.Р. Бегишев [153], С.Ю. Битко [156], С.Д. Бражник [154], В.В. Воробев [157], М.С. Гаджиев [158], Р.Р. Гайфутдинов [159], М.Ю. Дворетский [47; 161], К.Н. Евдокимов [162], М.А. Ефремова [50; 163], У.В. Зинина [165], М.А. Зубова [166] ва дигарон [169; 171; 175; 183; 187; 190; 194] таҳқиқ шудаанд.

Муаллифони мазкур барои ошкор намудани масъалаҳо оид ба омилҳои инкишофи ҷиноятҳои компютерӣ, муайян намудани хусусияти аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятҳои компютерӣ, пешгирии ҷиноятҳои компютерӣ, бандубасти ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ заминаҳои дахлдори назариявиро фароҳам овардаанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки то ҳол таҳқиқотҳои комплексӣ, ки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноятҳо ва рушди меъёрҳои қонуни ҷиноятиро дар ин самт баррасӣ намоянд, мавҷуд нест. Рисолаҳои алоҳидаи дифоъшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба ҷанбаҳои сиёсии таъмини амнияти иттилоотӣ бахшида шудаанд [168; 176; 182].

Бинобар ин, паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкур ниёз ба таҳқиқоти нав дошта, зарурати таҳқиқоти комплексиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мафҳумҳои дар боби 28 КҶ ҶТ истифодагардида; оид ба ҷой ва таркиби ҷиноятҳои баррасишаванда дар низоми умумии ҷиноятҳо дар соҳаи амниятии иттилоотӣ; вобаста ба аломатҳои объективӣ ва субъективиии таркибҳои ҷиноятҳои баррасишаванда андешаҳои ягона ҷой надорад.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таркиби алоҳидаи ин ҷиноятҳо, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд [11].

Ҳамчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи барномаи дурнамои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – аз таҳлили хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, муайян кардани хусусиятҳо ва асоснокии қонунгузории ҷиноятӣ дар қисмати сохтани таркиби ҷиноятҳо дар ин соҳа ва, дар ин замина, пешниҳоди роҳҳои такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ барои ҳифзи иттилоот аз кирдорҳои ғайриқонунӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита бо мақсади гузошташуда доираи муайяни вазифаҳо муқаррар гардидаанд, ки ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти мазкур иҷрои чунин вазифаҳо масъалагузорӣ карда шудаанд:

– таҳлили мафҳум ва аломатҳои муҳимми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ;;

– таснифоти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ;

– таҳлили объект ва хусусияти предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ;

– таҳлили аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ;

– таҳлили аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** омӯзиши меъёрҳое ташкил медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (м. 298-304 КҶ ҶТ), аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноятҳо, қоидаҳои асосии бандубасти ин ҷиноятҳо, инчунин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он аз замони истиқлолидавлатӣ то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2012-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд. Зимни таҳияи диссертатсия муаллиф ба асарҳои олимони ватанӣ У.А. Азиззода, К.Д. Давлатзода, А.Х. Ибодов, Н.А. Қудратов, П.А. Махмадов, Ҷ.З. Маҷидзода, К.И. Сафиев, Т.Ш. Шарипов ва хориҷӣ Р.М. Айсанов, И.Р. Бегишев, С.Ю. Битко, С.Д. Бражник, В.В. Воробев, М.С. Гаджиев, Р.Р. Гайфутдинов, М.Ю. Дворетский, К.Н. Евдокимов, М.А. Ефремова, У.В. Зинина, М.А. Зубова ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро усули диалектикии умумиилмӣ ташкил медиҳад, ки бо методҳои хусусии илмӣ, аз

ҷумла, методҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ, мантиқи шаклӣ, муқоисавӣ ва оморӣ пурра карда мешавад.

Истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ таҳлил шуда, қонуниятҳои ташаккул ва рушди он муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнокӣ шароити баррасии ҳамаҷонибаи меъёрҳоеро, ки ин соҳаро танзим менамоянд, ҳамчун низоми санадҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманди дорои мақсад, истилоҳот ва мантиқи дохилии ягона фароҳам овард.

Усули мантиқӣ-расмӣ барои таҳлили муфассали меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, сохтор, муҳтаво ва робитаи онҳо истифода гардид. Усули муқоисавӣ ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ истифода шуд, ки дар натиҷа имкони муайян намудани фарқиятҳои асосӣ ва самтҳои эҳтимолии такмили қонунгузории миллӣ фароҳам оварда шуд.

Усули оморӣ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти эмпирикӣ, аз ҷумла, иттилооти вобаста ба парвандаҳои ҷиноятиро дар бар гирифт, ки ин имкон дод тамоюлҳои тағйирёбии сатҳи ҷинояткорӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ муайян карда шаванд.

Илова бар ин, дар доираи тадқиқот корҳои монографӣ, мақолаҳои илмӣ, таҳлилҳо ва тавсияҳои методие, ки ба масъалаҳои мавриди назар бахшида шудаанд, омӯхта шуданд, ки дар натиҷа таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ таъмин гардид.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Заминаи эмпирикии диссертатсия ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2015-2021, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, инчунин, парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки он аввалин кори илмӣ буда, бевосита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои содиршаванда дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои таркиби чунин ҳуқуқвайронкуниҳо бо дарназардошти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ва хусусиятҳои муқаррароти ҳуқуқии чунин кирдорҳо дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст, ки бо назардошти ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи хориҷӣ барои такмил ва танзими чунин кирдорҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ин ҷиҳат низ аҳамияти илмӣ ва асолати тадқиқотро муайян мекунад.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

– дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мафҳумҳои асосии дар боби 28 КҶ ҶТ истифода гардида, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳумҳои нави ин истилоҳот таълиф гардидаанд;

– таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ;

– дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили м.м. 298-304 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад мебошад;

– дар хусуси муайян намудани объекти бевосита, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии моддаҳои баррасишаванда, пешниҳодҳо кор карда карда шудаанд, ки мумкин аст барои ғанӣ гардонидани донишҳои ҳуқуқӣ дар ин самт, дарки моҳияти хавфнокии иҷтимоии ин ҷиноятҳо, фарқ намудани онҳо аз дигар таркибҳои ҷиноятҳои монанд хизмат намуда барои ҳал намудани бандубасти дурусти ин гуруҳи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок кумак намоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуқтаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии беиҷозат ба системаҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори муътадили онҳо шаванд. Чунин кирдорҳо механизмҳои муқарраршудаи ҳифзи иттилоотро заиф намуда, барои ҳифз, дастрасӣ ва махфияти маълумот хатар эҷод мекунанд.

2. Таҳлили қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ба хулосае меорад, ки ҳимояи амнияти иттилоотӣ дар тамоми қонунҳои ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ пешбинӣ гардидааст, зеро қонунҳои ҷиноятии ин давлатҳо дар асоси Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ таҳия шудаанд ва аксарияти таркибҳои ҷиноятӣ қариб бетағйир ба қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ ворид гардидаанд. Аммо қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ дорои таркибҳои ҷиноятие мебошанд, ки барои Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хос нестанд. Аз ин рӯй, ворид намудани чунин таркибҳои ҷиноятӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад дониста мешавад.

3. Истифодаи истилоҳи «киберҷиноятҳо» нисбат ба ҷиноятҳое, ки дар боби 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, асоснок ҳисобида намешавад, зеро ин истилоҳ бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ истифода гардида, кирдорҳоеро ифода мекунад, ки дар интернет ё бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ содир мешаванд. Яъне истилоҳи «киберҷиноятҳо» доираи нисбатан васеътари кирдорҳоеро дар бар мегирад, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ анҷом дода мешаванд.

4. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо таъмини ҳифзи иттилооти дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо алоқамананд, бояд ҳамчун объекти бевоситаи ҷиноятҳо зидди амнияти иттилоотӣ баррасӣ карда шаванд. Дар баробари ин, хавфи чунин ҷиноятҳо танҳо бо зарар расонидан

ба муносибатҳои ҷамъиятии зикршуда маҳдуд намегардад; дар доираи таркибҳои алоҳидаи чунин ҷиноятҳо объектҳои иловагӣ метавонанд саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин, дигар арзишҳои таҳти ҳимояи қонун қароргирифта бошанд.

5. Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста ба таркиби ҷинояти мушаххас ба сифати предмети он метавонанд ҳам ҷузъҳои моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ баромад кунанд. Ба чунин ҷузъҳо намудҳои гуногуни иттилооти компютерӣ, барномаҳои зараровар, вирусҳои компютерӣ, маълумотҳои рақамӣ ва дигар унсурҳои ба инҳо монанд дохил мешаванд.

6. Бо назардошти таҳлили диспозитсияи моддаи 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърифи зерини дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот пешниҳод мегардад – таҳти дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бояд ҳама гуна воридшавии беиҷозат ба захираҳои иттилоотии дар компютер нигоҳ дошташуда, новобаста аз намуди интиқолдиҳанда, фаҳмида шавад.. Ғайриқонунӣ будани чунин дастрасӣ метавонад ҳам дар вайрон кардани меъёрҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва ҳам дар мавҷуд набудани иҷозати соҳиби иттилоот ифода ёбад.

7. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо тартиби умумӣ барои таркибҳои асосии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ аз синни 14-солагӣ асоснок ҳисобида намешавад. Бо вуҷуди ин, бо назардошти таҷрибаи баъзе давлатҳои хориҷӣ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои компютерӣ аз синни 14 ё 15-солагӣ пешбинӣ намудаанд, имкон дорад, бо дарназардошти оқибатҳои ҷиноят ҷавобгарӣ барои таркибҳои вазнинтари чунин ҷиноятҳо аз 14-солагӣ муқаррар карда шавад.

Илова бар ин, оқибатҳои ҷиноятҳои мазкур метавонанд ба расонидани зарари вазнин ба ҷабрдидагон (қ. 2 м. 298, м. 273, қ. 3 м. 301, м. 304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё ба робитаи онҳо бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият (дуздӣ, қасдан несту нобуд кардани молу мулк ва ғайра) алоқаманд

бошанд, ки барои чунин ҷиноятҳо мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ пешбинӣ шудааст.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:**

Таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки вобаста ба ҷиноятҳои мавриди баррасӣ як қатор масъалаҳои баҳсталаб мавҷуданд. Барои бартараф кардани онҳо аз ҷониби муаллиф чунин тавсияҳои амалӣ пешниҳод мегарданд:

1. Номгузории Фасли XII ва боби 28-и КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» тағйир дода шуда, он ба таври зерин таҳрир карда шавад «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ компютерӣ», зеро мазмуни мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз доираи таркибҳои ҷинояти дар боби 28-и КҶ ҶТ пешбинигардида васеъ мебошад.

2. Ба м. 298 КҶ ҶТ ҷиҳати дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дуруст бандубаст намудани моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ илова намудани мафҳуми иттилооти компютерӣ дар таҳрири зерин асоснок мегардад: «ин ҳама гуна маълумоте мебошад, ки дар шакли рақамӣ ё дигар шаклҳои электронӣ пешниҳод шуда, барои нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ё истифодаи автоматикӣ бо истифода аз системаҳои ҳисоббарор, воситаҳои барномасозӣ ва технологияҳои шабакавӣ пешбинӣ шудааст».

3. Дар қ. 1 м. 300 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ» бояд ба ибораи «вайрон кардани системаи компютерӣ ё шабака» иваз карда шавад.

4. Бо мақсади дуруст татбиқ намудани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 298 КҶ ҶТ-ро бо эзоҳ дар таҳрири зерин пурра карда шавад. «Дар боби мазкур зарари ҷиддӣ андозаи зарари расонидашудае мебошад, ки аз рӯйи вазъи моддии ҷабрдида муайян гардида, аз 200 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар буда наметавонад».

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳам диспозитсия ва ҳам номи моддаи 303 КҶ ҶТ бо калимаи «Ғайриқонунӣ» оғоз карда шуда, дар баробари ин,

ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор ҳолатҳои қонунии таҳияи барномаҳои компютерӣ ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда, ки дорои хусусияти зараровар мебошанд, пурра карда шаванд.

6. Дар моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти дараҷаи хавфнокии кирдорҳои марбут ба истифодаи мақоми хизматӣ, равона шудани кирдор алайҳи мақомоти давлатӣ ва эҷоди мушкилот дар фаъолияти муътадили онҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ, инчунин, содир намудани ҷиноят бо мақсадҳои ғаразнок, пешниҳод мегардад, ки ҳолатҳои зикршуда ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда дар таркиби ин ҷиноятҳо муқаррар карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд, мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди ҷиноятҳои ба муқобили амнияти итттилоотӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд. Хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои зерин истифода гарданд: такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқие, ки мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ танзим мекунад; истифода дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ, аз ҷумла ҳангоми омода намудани Қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи якхелаи қонунгузории ҷиноятӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд; таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки ба рушди мавзуи диссертатсия нигаронида шудаанд, инчунин татбиқ дар равандҳои таълим дар муассисаҳои олии таълимӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия бо мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои КҶ ҶТ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ироа гардиданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани лексияҳо дар муассисаҳои таълимӣ корбурд мегарданд. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Правовое государство и гражданское общество в современном мире» – маъруза дар мавзуи «Уголовная ответственность за преступления против информационный безопасности (компьютерной информации) по уголовному законодательству стран СНГ: сравнительно правовое анализ (Караганды: Карагандинский государственный Университет им. Е.А. Букетова, 2014);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Таснифоти ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (ш. Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 майи соли 2023);

– Конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ» – маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳои предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (ш. Душанбе: Донишгоҳи байналмиилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2024).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Ҷавонон ва илми муосир» – маъруза дар мавзуи «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва криминологии ҷиноятҳои компютерӣ» (ш. Душанбе, 2013).

Инчунин, ин натиҷаҳо дар ҷараёни таълим ва фаъолияти илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон васеъ истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 8 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ВА НИЗОМИ ОНҲО

## 1.1. Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ

Рушди босурати технологиятҳои нави иттилоотӣ ва ҳар чӣ бештар дохил шудани онҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ боиси пайдо шудан ва паҳн гардидани кирдорҳои нави барои ҷамъият хавфнок, яъне кирдорҳои ба амнияти иттилоотӣ таҷовузкунанда гардиданд.

Ҷиноятҳои мазкур бо сабаби вусъат ёфтани дастрасӣ ба иттилоот ва осон гардидани коркарди он боиси суйистифода аз технологияҳои компютерӣ гардидааст, ки аксар вақт он бо мақсадҳои ғаразнок ба манфиатҳои шахсӣ ғайриқонунӣ истифода бурда мешавад. Бинбар ин, дар шароити имрӯза масъалаи ҳифз намудани иттилоот аз дастрасӣ ва истифодаи дигари ғайриқонунии он ҳар чӣ бештар аҳаммияти муҳим пайдо менамояд.

Вобаста ба ин, мубориза бо дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровари он ва дигар ҷиноятҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ ҳарчӣ бештар зарурати пешгирии чунин кирдорҳоро ба миён меорад.

Бояд қайд намуд, ки бори аввал бо қабули КҶ ҶТ дар соли 1998 амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ) мақоми объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро касб намуд. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар фасли XII «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ», боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад: «Дар қонуни ҷиноятии давлатҳои баъдишуравӣ зуҳури унсурҳои ҷиноят дар соҳаи иттилооти компютерӣ на танҳо дар мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ, балки, умуман, дар соҳаи мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотии компютерӣ бешубҳа як қадам ба пеш аст» [78, с. 432]. Ин нуқтаи назарро таҳлил намуда, С.С. Шахрай қайд менамояд, ки «дар баробари ҷиҳатҳои бешубҳа мусбати компютерикунонии тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа, ҷиҳатҳои

манфӣ, аз ҷумла, пайдо шудани навъҳои нави ҷиноятҳо – ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ низ ҷой доранд» [194, с. 18]. Ба андешаи С.С. Шахрай, яке аз омилҳои зарурати дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам намудани чунин таркиби ҷиноятҳо, мавҷудияти шумораи зиёди аломатҳои махсус, ки пештар дар истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баъзеи онҳо дар қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии иттилооти истифода нашудаанд, мебошанд. Аз ҷумла, дар таркиби дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, ки дорои як қатор истилоҳоту мафҳумҳои махсус, аз қабили «дастрасии ғайриқонунӣ» ба иттилооти аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи компютерӣ, «нобудкунӣ», «банд кардан», «тағйир додан» ва «нусхабардорӣ», «иттилооти компютерӣ» ва ғайра мебошанд. Баъдан ӯ қайд мекунад, ки қисми зиёди онҳо аз рӯйи табиати худ ба истилоҳоти техникии байнисоҳавӣ ё хеле махсусгардонидашуда ишора мекунанд ва, аз ин рӯ, ҳангоми бандубасти ин гуна кирдорҳо бояд моҳияти иттилооти компютерӣ хусусиятҳои чунин техника ба инобат гирифта шаванд [194, с. 19].

Ҳолати дигаре ки сабаби афзоиши таваҷҷуҳ ба низоми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (ҷиноятҳои компютерӣ) мегардад, он аст, ки дар давраи гузариш аз ҷомеаи сунатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ, иттилоот ҳамчун як намуди захираҳои ба ҷамъият аҳаммиятнок эътироф мегардад ва ба монанди ҳар як арзиши дигар андешидани чораҳои дахлдори ҳифзро тақозо менамояд [102, с. 3].

Боби 28 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» чунин таркибҳои ҷиноятиро пешбинӣ намудааст:

Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (м. 298 КҶ ҶТ);

Тағйир додани иттилооти компютерӣ (м. 299 КҶ ҶТ);

Тахриби компютерӣ (м. 300 КҶ ҶТ);

Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (м. 301 КҶ ҶТ);

Тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ (м. 302 КҶ ҶТ);

Таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар (м. 303 КҶ ҶТ);

Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (м. 304 КҶ ҶТ).

Тавре таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии ҶТ нишон медиҳад, дар он дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» қонунгузор ҳангоми созмондодани як қатор таркиби ин ҷиноятҳоибораҳоеро истифода намудааст, ки на танҳо барои қонуни ҷиноятӣ, балки барои қонунгузориҳои соҳаи иттилоот низ нав буда, маънидоднамоӣ ва шарҳи алоҳидаро талаб месозанд.

Яке аз мушкилоти асосӣ таърифи худи мафҳуми «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» мебошад. Ба андешаи мо, ҳангоми коркарди таърифи мафҳум ва моҳияти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ), пеш аз ҳама, зарар аст, ки мафҳумҳои «иттилоот», «амният», «иттилооти компютерӣ» муайян шуда, баъдан, дар асоси ин мафҳумҳо мафҳуми «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» дода шавад.

Тавре М.З. Раҳимзода, қайд менамояд «...иттилоот ҳамчун мол ва маҳсули меҳнати инсон метавонад барои иваз намудан ва истеъмол пешниҳод карда шавад, қобилияти қонеъ намудани талаботи шахс ва ба ҳайси воситаи истеҳсоли неъматҳои моддӣ хизмат намояд» [138, с. 67]. Тибқи андешаи В.А. Копилов, иттилоот имрӯз ба захираи тавонои моддие табдил ёфтааст, ки аз захираҳои табиӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳо пурарзиштар мебошад [61, с. 21]. Ҳамин аст, ки солҳои охир байни олимони ватанӣ масъалаи пайдоиши як намуди махсуси муносибатҳои ҳуқуқӣ–ҳуқуқи иттилоотӣ мубрам гардида истодааст. Ҳуқуқи иттилоотӣ пояи ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад ва, аз ин рӯ, бе ташаккули босуръати чунин қонунгузорӣ рушди муътадили ҷомеаи иттилоотӣ дар асри XXI ғайриимкон мегардад.

Мафҳуми иттилоот дар баъзе санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии ҶТ оварда шудааст. Аз ҷумла, тибқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» «иттилоот –

маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад» [6]. Дар Қонунҳои ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» [12], «Дар бораи иттилооти экологӣ» [10] низ мафҳумҳои ба ин монанд оварда шудааст.

Ба субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ Конститутсияи ҶТ [1] ва қонунгузории иттилоотии ҶТ ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро муқаррар намудааст, ки ин ба имконияти озодона гирифтан, истифода бурдан, нигоҳ доштан ва паҳн намудани иттилоот, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии худро амалӣ намудан, вазифа ва функсияҳои худро иҷро намудан имкон медиҳад. Ҳамзамон, амалӣ намудани ҳуқуқ ба иттилоот дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқ набояд ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, экологӣ ва дигар ҳуқуқу, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии дигар вайрон карда шавад, ба манфиатҳои ҳифзшавандаи ҶТ зарар расонанд ё таҳдиди расонидани чунин зарраро ба вуҷуд оранд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» [6] дар м. 26 иттилооти дастрасиаш маҳдудро муайян намудааст, ки он «тибқи низоми ҳуқуқӣ ба пинҳонӣ ва иттилооти махфӣ ҷудо карда мешавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дорои иттилооти пинҳонии касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ва хусусияти дигардошта мебошанд, онҳоро тавассути маблағҳои худӣ ба даст овардаанд. Натиҷаи амали касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ё дигар манфиатҳои онҳо, сирри мувофиқи қонун пешбининамударо вайрон накарда, низоми дастрасӣ ва ҳифзи онро муайян мекунанд. Мансуб донистани иттилоот ба гурӯҳи маълумоти махфии дорои сирри давлатӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба онҳо мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» сурат мегирад. Тартиб ва муҳлати ошкор намудани иттилооти махфӣ тибқи қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад» [6].

Иттилоот метавонад аз ҷониби ҳар шахс озодона истифода шавад ва аз ҷониби як шахс ба шахси дигар дода шавад, ба шарте ки қонунҳо маҳдудиятҳои дастрасӣ ба иттилоот ё дигар талаботро оид ба тартиби

пешниҳод ё паҳн намудани он муқаррар накарда бошанд. Дар қонунгузорӣ муқаррар гардидани маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот онро ба объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ табдил медиҳад [165, с. 22-23].

Ҳама сирҳо, ки иттилооти дастрасии маҳдудро ташкил медиҳанд, метавонанд ба категорияҳои зерин тақсим карда шаванд:

– сирри шахсӣ;

– сирри оилавӣ;

– сирри тиҷоратӣ;

– сирри бонкӣ;

– сирри касбӣ;

– сирри давлатӣ ва хизматӣ.

Ба ақидаи У.В. Зинина «ҳар шакли ба даст овардан ва истифода бурдани иттилоот бе розигии соҳиби он (ба истисноии ҳолатҳое, ки дар қонуни возеҳ нишон дода шудааст) вайрон намудани ҳуқуқи ӯ, яъне ғайриқонунӣ мебошад. Барои чунин суиистифода аз иттилоот ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст» [165, с. 28].

Иттилооти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда бо дигар асосҳо низ тасниф карда мешавад. Таснифи иттилоот барои рушди қонуни ҷиноятӣ ва амалияи ҷиноятӣ муҳим аст, зеро масъалаҳои дуруст муайян намудани низоми ин ё он иттилоот ҳам барои дуруст муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам барои бандубасти ҷиноят мусоидат менамояд [188, с. 31]. Ҳамин тавр, В. Копилов чунин таснифоти иттилоотро пешниҳод менамояд:

1. Аз рӯйи аҳаммият дар низоми ҳуқуқӣ, иттилоот ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад:

– иттилооти ҳуқуқӣ;

– иттилооти ғайриқонунӣ.

2. Аз рӯйи дараҷаи дастрасӣ ба иттилоот:

– иттилооти кушода;

– иттилооти дастрасии маҳдуд, ки интишори он дар шароити махфият имконпазир аст [188, с. 32].

Муносибатҳои иттилоотӣ ба монанди ҳама гуна муносибатҳои иҷтимоӣ зери хавфи вайроншавӣ қарор доранд. Тавре Л.Р. Клебанов қайд менамояд, сабаби ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави иттилоотӣ боиси ба тасвиб расонидани санадҳои ҳуқуқӣ мегардад, ки ин муносибатҳои мазкурро аз таҷовузҳои гуногун, аз ҷумла, ҷиноятҳо муҳофизат мекунад. Қонунгузории муосири ҷиноятӣ бояд муносибатҳои иттилоотиро маҳз ҳамчун неъмат, ки бояд бо воситаҳои қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд, бо назардошти аҳаммияти хосаашон афзалиятнок эътироф намояд [170, с. 165]. Дар баробари ин, бояд эътироф намуд, ки «табиати иттилоот ва маҳсулоти иттилоотӣ ба шаклҳои муқаррарии объектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ монанд намебошанд ва худи муносибатҳо дар ин робита ба механизмҳои нави танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд» [111, с. 65]. Ба андешаи Л.А. Букалерова «иттилоот як низоми мураккабе мебошад, ки онро бо меъёрҳои як соҳаи ҳуқуқ танзим намудан ғайриимкон аст» [155, с. 5]. Аз ин рӯ, зарурати коркарди механизмҳои ҳуқуқие ба миён меояд, ки танзими муносибатҳоро дар соҳаи иттилоот пурра амалӣ намуда тавонад.

Истилоҳи дигари муҳим, ки дар боби 28 КҶ ҶТ истифода мегардад «Ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ», яъне «амнияти иттилоотӣ» мебошад. Истилоҳи «амният» солҳои охир дар асарҳои илмӣ хеле маъмул гаштааст [149, с. 204; 61]. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 25 июни соли 2011 дар баробари мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» мафҳумҳои «амнияти иқтисодӣ», «амнияти озуқаворӣ», «амнияти экологӣ», «амнияти ҳарбӣ» ва «амнияти ҷамъиятӣ» шарҳ дода шудаанд [5].

Омӯзиши масъалаҳои амнияти иттилоотӣ пеш аз ҳама бо ташаккули заминаи назариявии мафҳумҳои марбут ба худи амният алоқаманд аст. Аслан, соҳаи омӯзиши масъала дар назария давраи бунёдиро аз сар мегузаронад, аммо олимон то ҳол дар атрофи худи мафҳуми амният баҳс мекунанд. Ягон соҳаи илм пурра ин масъаларо таҳлил накардааст. Тавре ки

С.В. Новоселов қайд менамояд, бисёрҷабҳа будани ин истилоҳ ба хусусиятҳои ин мафҳум мувофиқ аст [132, с. 42].

Ҳифзи амнияти иттилоотӣ яке аз мақсадҳои асосӣ ва қисми таркибии фаъолияти одамон, ҷамъият, давлат мебошад. Мафҳуми «амният»-ро Т. Гоббс, Ж.Ж. Руссо ва дигар мутафаккирони асрҳои XVII-XVIII ба илм ворид намуданд. Маънои он вазъият, ҳолати оромие буд, ки дар натиҷаи мавҷуд набудани хатари воқеӣ (ҳам ҷисмонӣ ва ҳам маънавӣ) ба вуҷуд омадааст. Тибқи андешаи Сонненфелс «амният» ҳолате мебошад, ки дар он касе аз чизе наметарсад. Барои шахси мушаххас, ин вазъият амнияти шахсӣ ва барои давлат амнияти ҷамъиятӣ мебошад. Амният ҳадафе мебошад, ки тамоми фаъолияти давлатро муайян мекунад [52, с. 34]. Дар луғати тафсирии В.И. Дал «амният ҳамчун мавҷуд набудани хатар, бехатарӣ шарҳ дода мешавад» [46, с. 107]. С.И. Ожегов амниятро чун «вазъияте таъриф мекунад, ки дар он ба касе ё чизе хатар таҳдид намекунад» [77, с. 74]. Дар луғати энсиклопедӣ амният ҳамчун гарави асосии ташаккули инсон, сабаби пайдоиш ва моҳияти мавҷудияти давлат дониста мешавад. «Амният тавассути пешгирии хатарҳое ба вуҷуд меояд, ки метавонад ҳам шаҳрвандони алоҳида ва ҳам ба ҷомеа ва, умуман, давлатро таҳдид кунад. Амният бо роҳи ба амал баровардани як катор тадбирҳо таъмин карда мешавад» [104, с. 305]. Амният ба шароити оромӣ, қувва ва эътимоднокӣ дахл дорад. Сухан дар бораи шартҳои аз хавфу хатар муҳофизат кардан, инчунин, муҳофизати манфиатҳои шахсият, ташкилот ва давлат аз таҳдидҳо ва ба амал баровардани чораҳои дахлдор меравад.

Асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти инсон ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлат низоми амният, вазифаҳо, ҳадафҳо, самтҳои асосии онро танзим мекунанд. Онҳо, инчунин, ваколатҳои мақомоти давлатиро дар ин самт муайян мекунанд. Ҳамзамон, Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011. худи мафҳуми амниятро дар бар намегирад. Ба андешаи мо, мафҳуми «амният»-ро ба таври умумӣ ба ин Қонун ворид намудан зарур аст [5].

Яке аз воситаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ дар ҶТ ин истифода аз воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар боби 28 КҶ ҶТ амнияти иттилоотӣ ба сифати яке аз объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст. Бинобар ин, муайян намудани мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз нуқтаи назари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии он зарар шуморида мешавад.

Новобаста аз ҷой доштани таҳқиқотҳои зиёд оид ба мафҳуми амнияти иттилоотӣ то ҳанӯз таърифи ягонаи он дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд намебошад.

Аз ин лиҳоз, мушаххас намудани категорияи мазкур пеш аз ҳама бо роҳи муроҷиат намудан ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт эҷодшуда амалӣ гардад.

Мафҳум ва мазмуни истилоҳи «амнияти иттилоотӣ»-ро м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» муайян намудааст, ки мутобиқи он «амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот» [5] фаҳмида мешаванд. Ба андешаи мо, амнияти иттилоотӣ ба маънои васеътар бояд чунин фаҳмида шавад: амнияти иттилоотӣ ин рафъи таъсири номатлуби иттилоотӣ ва таблиғотӣ ба шаҳрвандони кишвар мебошад, ки бо паҳн намудани ақидаҳои зидди манфиатҳои давлат, анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқон дар бораи истилоҳи «амнияти иттилоотӣ» фаҳмиши ягона надоранд. Таҳқиқотҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ ба таври боварибахш исбот мекунанд, ки иттилоот як падидаи мураккаби иҷтимоӣ аст [36, с. 31], ки мазмуни он ба ғайр аз ахбор дигар унсурҳо, ба монанди манбаи ахбор ва истеъмолкунандаи ахборро дар бар мегирад. Чунин ба назар мерасад, ки иттилоот ҳамчун падида танҳо дар ҳузури ҳар се унсур (манбаи иттилоот, воситаи интиқол ва истеъмолкунандаи иттилоот) вуҷуд дорад [177, с. 58]. Мутобиқан, мазмуни амнияти иттилоотӣ, бояд амнияти манбаи иттиллот, воститаи итиқол ва таъмини манфиатҳои истеъмолкунандаи иттилоотро дар бар гирад.

Вобаста ба ин К.И. Сафиев ба мазмуни амнияти иттилоотӣ унсурҳои ҳолати ҳифзи манбаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва дастрасӣ ба манбаҳои иттилоотиро дохил менамояд [182, с. 133].

Д.А. Ловтсов «амнияти иттилоотӣ»-ро ҳамчун вазъи ҳифзи манфиатҳо дар соҳаи иттилоот: қонеъгардонии иттилоотӣ-психологии талаботи шаҳрвандон ва сатҳи таъсири манфии иттилоотӣ-психологӣ ва иттилоотӣ-техникӣ муайян месозад [66, с. 34]. Ин ақидаи Д.А. Ловсовро танқид намуда, О.А. Федотов қайд менамояд, ки «Д.А. Ловтсов амнияти иттилоотиро тавассути эҳтиёҷот муайян намуда, манфиатҳои давлатро дар соҳаи иттилоот ҳамчун объекти мустақили ҳимоя ба назар намегирад» [192, с. 22].

С.Ю. Собол амнияти иттилоотро бо амнияти инфрасохтори иттилоотӣ, аз ҷумла, компютерҳо ва инфрасохтори иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва иттилооти дар онҳо мавҷудбуда вобаста намуда, таъмини онро барои ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат аз иттилооти зараровар ё ғайриқонунӣ, аз иттилооте, ки ба шуури шахс таъсири манфӣ расонида, ба рушди устувори шахсият, ҷамъият ва давлат монеъ мешавад, зарур мешуморад [184, с. 22].

Дар ин мафҳум, С.Ю. Собол кӯшиш намудааст, ки равиши башардӯстона ва техникиро барои фаҳмиши истилоҳи «амнияти иттилоотӣ» муттаҳид намояд. Мундариҷаи истилоҳи «амнияти иттилоотӣ» ҷузъҳои иттилоотӣ-психологӣ ва иттилоотӣ-техникӣ ва унсурҳои дигарро дар бар мегирад. Ба ин унсурҳо таъмин намудани тартиби муқарраршудаи истифодаи иттилоот дар муомилот маҳдудшуда ва ғайра дохил мешаванд, аммо С.Ю. Собол ин аломатҳоро ба назар намегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки амнияти иттилоотӣ, чун қобилияти давлат, ҷомеа, гурӯҳи иҷтимоӣ, шахс бо эҳтимолияти муайян, таъмини захираҳои иттилоотӣ ва ҷараёнҳои иттилоотӣ барои нигоҳ доштани ҳаёт ва қобилият, фаъолият ва рушди устувори кофӣ ва ҳифзшаванда, муқовимат ба хатару таҳдидҳои иттилоотӣ, таъсири манфии иттилоот ба шуур ва равони

шахс ва ҷамъият, инчунин, шабакаҳои компютерӣ ва дигар манбаъҳои техникии иттилоот муайян карда мешавад [135, с. 265].

Ба андешаи мо, бештари ин ақидаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 мухолиф аст, ки дар асоси он амниятро набояд ҳамчун қобилияти ҷомеа ва давлат барои ҳимоя, балки вазъияти ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим фаҳмид. Бинобар ин, таърифи амнияти иттилоотӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 дода шудааст, бештар қобили қабул мебошад.

Бо мақсади якзайл муайян гардидани истилоҳи «амнияти иттилоотӣ» дар меъёри ҳуқуқии соҳавӣ, мустаҳкам шудани мафҳуми он зарур шуморида мешавад: «Амнияти иттилоотӣ – ҳолати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот, инчунин, ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои ҷомеа дар соҳаи иттилоот мебошад».

Амнияти иттилоотӣ ҳамчун категорияи асосии таркиби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ низоми ба худ хос дорад. Ба низоми амнияти иттилоотӣ, ки аз маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст, ҳифз намудани муносибатҳо дар доираи истифодаи иттилоот, ҳифзи худи иттилоот ва ҳомилони иттилоот, ҳифзи манфиатҳои истифодабарандагони иттилоотро бо мақсади ба таври дахлдор фаъолият намудани соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дохил намудан мумкин аст [172, с. 48-49].

Дар баробари дигар истилоҳот муайян намудани истилоҳи «иттилоти компютерӣ», ки дар тамоми м.м. 298-304 истифода гардидааст, мувофиқи мақсад мебошад. Бояд қайд намуд, ки қонунгузории иттилоотӣ ва ҷиноятии ҶТ таърифи истилоҳи «иттилоти компютерӣ»-ро дар бар намегирад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, таърифи ягонаи истилоҳи «иттилоти компютерӣ» мавҷуд нест, зеро он табиати хеле мураккаб дорад [116, с. 73].

У.В. Зинина баён медорад, ки шарти асосии зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор додани иттилооти компютерӣ аз он иборат мебошад, ки дастрасӣ ба чунин маълумот бояд маҳдуд муқаррар шуда бошад [165, с. 18].

Мавҷудияти моддаҳои 298, 299, 300, 301, 302, 303, 304-и КҶ ҶТ аз он гувоҳи медиҳанд, ки қонунгузор иттилооти компютериро ҳифз намуда истодааст. Маҳз иттилооти компютерӣ предмети умумӣ ва намудии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ мебошад, ки дар моддаҳои 298, 299, 300, 301, 302, 303, 304 пешбинӣ шудаанд. Меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ хусусияти бланкетӣ дошта, барои шарҳи истилоҳот ба меъёри қонунҳои дигар ҳавола менамоянд, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилоот заминаи ҳуқуқиро ба вуҷуд оранд. Дар ин маврид, инҳо қонунҳо ва санадҳои қонунгузории ҶТ мебошанд, ки муносибатҳои вобаста ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва иттилоотро танзим менамоянд. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 май соли 2002, №55 «Дар бораи иттилоот» [6];

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2002, №40 «Дар бораи иттилоотонӣ» [12];

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002 № 71 «Дар бораи ҳифзи иттилоот» [7];

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2008, №411 «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» [13];

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2011 № 705 «Дар бораи иттилооти экологӣ» [10];

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июл соли 2012 № 839 «Дар бораи криптография» [9];

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, №1783 «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» [14];

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014 № 1095 «Дар бораи сирри давлатӣ» [15];

Аммо дар қонунҳои мазкур мафҳуми иттилоот ба таври умумӣ дода шуда, зарурати дар асосӣ ин қонунҳо маънидоднамоии мафҳуми «иттилооти

компютерӣ» бо мақсади дуруст татбиқ намудани таркиби ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ мустаҳкамшударо талаб месозад.

Дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ метавон ба хулоса омад, ки иттилооти компютерӣ ин иттилооти дастрасии маҳдуди на танҳо ҳомили моддии иттилоот, балки иттилооти дар компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо ҷойгир шуда мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои аъзои ИДМ Созишнома дар бораи ҳамкории кишварҳои узви ИДМ дар мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютериро имзо ва ба тасвиб расонидааст.

Мутобиқи санади мазкур иттилооти компютерӣ ҳамчун иттилооте ҳисоб карда мешавад, ки «дар хотираи компютер, дар мошин ё дигар васоити ахбори омма ҷойгир буда, дар шакли барои дарки компютер дастрас ё тавассути каналҳои алоқа интиқол дода мешавад». Ба андешаи мо, агар мо ин таърифро ҳангоми коркарди мафҳуми иттилооти компютерӣ ба асос гирем, ин бешубҳа татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкурро осон карда, ҳангоми иҷрои он баҳсҳои имконпазирро пешгирӣ мекунад. В.Г. Степанов-Егиянц таклиф мекунад, ки мафҳуми иттилооти компютерӣ дар асоси Созишномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ муқаррарнамуда мувофиқи мақсад мебошад [187, с. 8].

Мафҳуми «иттилооти компютерӣ» дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври гуногун муайян шуда, то ҳол мафҳуми ягона ва умумэътирофшудаи он ҷой надорад. Масалан, иттилоотӣ компютерӣ ҳамчун дар ҳомили моддӣ дарҷ гардидани маълумотҳо дар бораи шахсон, далелҳо, зуҳуроту ҳодисаҳо, предметҳо ва ҷараёнҳое фаҳмида мешавад, ки имконияти айниятдодани онҳо ҷой дошта, муносибати ғайриқонунӣ бо онҳо боиси расонидани зарар ба молик, соҳиби он, истифодабарандагони дигар мегардад [169, с. 81]. Инчунин, «иттилооти комютерӣ, ҳамчун иттилооти хусусияти махфӣ тавсиф дода мешавад, ки дар он маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё тиҷоратӣ дарҷ

гардидаанд» [133, с. 132]. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки таърифҳои пешниҳодшуда аз камбудиҳо холӣ нестанд. Аз таърифи Т.Г. Смирнова чунин бармеояд, ки иттилоот ва ҳомили моддии он аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд ва дар асоси ин равиш, иттилооти компютерие, ки дар шабакаи компютерӣ гардиш мекунад, предмети ин категорияи ҷиноятҳо шуда наметавонад ва, аз ин рӯ, берун аз ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор мегирад. Аз мазмуни мафҳуми «иттилооти компютерӣ»-и пешниҳоднамудани А.А. Петров, умуман, хусусиятҳои тафовуткунандаи иттилооти компютериро ба таври умум ҷудо намудан ғайриимкон аст.

Яке аз таърифҳои доктриналии иттилооти компютериро М.А. Зубова пешниҳод менамояд, ки тибқи он иттилооти компютерӣ «муқаррароти воқеияти объективие мебошад, ки қобилияти тағйир додани хусусияти муносибатҳои иҷтимоиро дошта, натиҷаи фаъолияти инсон аст ва дар як мошини ҳомил, компютер, системаи МЭҲ, шабакаи онҳо, яъне иттилооти дар шакли электронӣ пешниҳодшуда ҷойгир шудааст [166, с. 8-9].

Ба андешаи Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссаров, «Иттилооти компютерӣ ин маълумоте мебошад, ки дар яке аз ҳомилони моддии иттилоот (ҳофиза, муҳитҳои нигаҳдории беруна дар дискетҳои магнитӣ (дискета) ва чипҳо, дискҳо), ки онҳо тавассути шабакаҳои алоқаи компютерӣ интиқол дода мешаванд, ҷойгир аст ва коркарди ин маълумот танҳо бо ёрии компютер имконпазир аст» [38, с. 643]. Дар ин мафҳум унсурҳои предмети ҷиноятҳо ба муқобили иттилооти компютерӣ равшан инъикос гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таснифи гуногуни чунин иттилоот пешниҳод шудааст:

– аз рӯйи муҳити ҷойигиршавии худ дар лентаи магнитӣ, дискетҳо, дискҳои лазерӣ, дискҳои магнитию оптикӣ, дар диски сахт ва хотираи компютер, система ё шабакаи комютерӣ дигар ҳомилони моддие, ки барои сабт ва нигоҳ доштани иттилоот бо кумаки техникаи электронии ҳисоббарор истифода шудаанд, сабт карда мешаванд;

– аз рӯйи намуд: матнӣ, графикӣ, садоӣ; нармафзор, файлҳои маълумот;

– аз рӯйи хусуиятҳо: бойгонӣ, танҳо барои хондан, система, пинҳонӣ;

– аз рӯйи усулҳои нигоҳдории иттилооти компютерӣ: мантиқӣ ва техникӣ.

Иттилооти компютерӣ дорои чунин хусусиятҳои ба худ хос мебошад:

1) иттилооти компютерӣ ҳаҷмнок ва босуръат коркард мешавад. Компютери муосири Pentium (дар айни замон маъмултарин) дорои диски сахти 1 гигабайт, метавонад иттилооти баробар ба 1500 саҳифаро нигоҳ дорад;

2) иттилооти компютерӣ чун қоида пурра несткардашаванда аст. Барои нест намудани иттилооти компютерии баробар ба 1500 саҳифаи матн ду пахшкунии клавиатура кофӣ аст, ки пас аз се сония ҳамааш тоза карда мешавад. Дар ҳоле ки сӯзондани 1500 саҳифаи матни чопшуда ё дастнавис вақти бештарро талаб мекунад;

3) ин намуди иттилоотро танҳо дар ҳомили моддии иттилоот (флешкарта, лентаи магнитӣ, диски лазерӣ, схемаҳои нимноқил ва ғайра), дар худи компютер (хотираи дастрасии тасодуфӣ – RAM) ҷойгир кардан мумкин аст;

4) навъи иттилооти баррасишвандаро танҳо бо ёрии компютер сохтан, тағйир додан, нусхабардорӣ кардан ва истифода бурдан (истифода кардан) мумкин аст;

5) ин иттилоот ба осонӣ тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионии компютерӣ интиқол дода мешаванд ва амалан, ҳар миқдори иттилоотро ба ҳар масофа интиқол додан мумкин аст.

Тибқи андешаи Р.М. Айсанов «зери мафҳуми иттилооти компютерӣ маълумоте фаҳмида мешавад, ки моликияти зеҳнӣ буда, дар ҳомили моддии иттилоот сабт шудааст ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ дар шакле фиристода мегардад, ки барои коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли автоматии он дастрас аст ва аз ҷониби соҳибмулк барои истифодаи озоди он ба таври возеҳ маҳдуд карда шудааст» [152, с. 8].

Аз мазмуни м. 36 Қонун ҶТ «Дар бораи иттилоот» ва м. 28, 30-33 Қонуни ҶТ « Дар бораи иттилоотонӣ» маълум мешавад, ки назорат аз болои риояи талабот оид ба ҳифзи иттилоот ва истифодаи воситаҳои махсуси муҳофизати барномавӣ ва сахтафзор, инчунин, таъмини тадбирҳои ташкилии ҳифзи системаҳои иттилоотӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Молики захираҳои иттилоот ва ё шахсони ваколатдор ҳуқуқ доранд ба иҷрои талабот оид ба муҳофизати иттилоот назорат кунанд ва коркарди иттилоотро дар сурати иҷро нанамудани ин талабот манъ кунанд ё боздоранд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, иттилооти компютериро метавон ҳамчун иттилооти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда чунин муайян намуд:

«Иттилооти компютерӣ» ин маълумотҳо дар бораи муҳити атроф ва ҷараёнҳои дар он суратгиранда мебошад, ки дар шакли маълумотҳо дар намуди электронӣ дарҷ гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки на ҳама маълумотҳои компютери зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дода мешаванд, балки танҳо он маълумотҳое, ки ғайриқонунӣ дастрасии онҳо метавонад ба соҳиби чунин маълумот зарар расонад ё зери хавфи расонидани зарар қарор мегирад, ҳифз карда мешаванд.

Мафҳуми иттилооти компютерӣ бо ҷиноятҳои компютерӣ робитаи зич дошта моҳияти охиронро муайян месозанд. Истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» ба андешаи баъзе аз олимони соҳа дар солҳои 60-уми асри XX, вақти содир шудани баъзе аз ҷиноятҳо бо истифода аз техникаи компютерӣ ба қайд гирифта шуда, мавриди истифода қарор гирифт [42, с. 396]. Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми ҳуқуқии «ҷинояткории компютерӣ» бори аввал дар ИМА соли 1978 дар қонунгузории иёлоти Флорида ҷорӣ карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки пайдоиши ҷиноятҳои компютерӣ дар ИҶШС ба миёнаҳои солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта рост меояд. Ҳамин тариқ, дар ИҶШС аввалин ҷиноятҳои компютерӣ соли 1979 дар Вилнюс (зарар ба давлат 78584 рубл) ва соли 1982 дар Горкий (Нижний

Новгород) ба қайд гирифта шудааст [40, с. 16, 18, 70-71]. Бо вуҷуди ин, то ҳол дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳум ва аломатҳои ҷиноятҳои компютерӣ ва доири чунин кирдорҳо ба таври гуногун муайян карда мешавад [193, с. 7].

Тавре В.В. Крилов қайд менамояд, «баъзе нашрияҳои солҳои охир бо истилоҳоти гуногун ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро тавсиф мекунанд. Сабаби чунин тафовути истилоҳот на танҳо ба нигаронии ҷомеа аз таҳдиди нав, инчунин, ҷой надоштани дарки якхела оид ба моҳияти ин таҳдид мебошад» [63, с. 156]. Ҳамзамон, Н.С. Полевой ба бисёрҷанба будани фаъолияти ҷиноятӣ, ки бо истифода аз технологияи компютерӣ анҷом дода мешавад ишора намуда, қайд менамояд, ки ин навъҳои ҷиноятро дақиқ муайян кардан ғайриимкон аст [63, с. 158].

Дар байни истилоҳоте, ки таҷовузҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро дар соҳаи иттилоот ифода мекунанд, дар илм «ҷиноятҳое, ки ҳуқуқи инсон ба иттилоотро поймол мекунанд», «ҷиноятҳои дорои хусусияти иттилоотӣ», «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот», «ҷиноятҳои иттилоотӣ» ба назар мерасанд» [178, с. 9]. Аз ҷумла, Е.В. Красненкова ҷиноятҳои бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир шавандаро пешниҳод менамояд, ки ҳамчун ҷиноятҳои иттилоотӣ номбар шаванд, зеро мафҳуми технологияти иттилоотӣ аз доираи техникаи компютерӣ берун баромада, он истифода шудани дилхоҳ воситаи алоқаи муосирро барои коркард ва интиқоли маълумотҳо пешбинӣ шудааст, дар бар мегирад [172, с. 80].

Дар баробари ҷиноятҳои компютерӣ дар як қатор корҳои илмии муҳаққиқон истилоҳи ҳуқуқии хориҷӣ – «киберҷиноят» истифода мешаванд, ки он кирдорҳои бо истифода аз технологияти компютерӣ содиршавандаро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, ба андешаи Т.Л. Тропина ҷиноятҳои компютерӣ танҳо як намуди киберҷиноятҳо маҳсуб мешавад ва охирон тамоми кирдорҳои бо истифода аз технологияи компютерӣ содиршавандаро фаро мегирад [189, с. 36].

Дар ҳамин ҳол, ба андешаи мо истифодаи истилоҳи «киберҷиноятҳо» нисбат ба ҷиноятҳо дар боби 28 КҶ ҶТ асоснок шуморида намешавад, зеро чунин истилоҳ бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар адабиёти илмӣ истифода шуда, таҷассумкунандаи кирдорҳое мебошад, ки дар Интернет ё бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ содир мешаванд, яъне истилоҳи «киберҷиноятҳо» доираи нисбатан васеи кирдорҳои бо истифода аз технологияи компютерӣ содиршавандаро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, ҷиноятҳои компютерӣ гурӯҳи муайяни кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокеро дар бар мегирад, ки ба муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятии таъминкунандаи амнияти иттилоотӣ таҷовуз меоваранд.

Дар сатҳи байналмилалӣ мафҳуми ҷиноят ба муқобили амнияти иттилоотӣ (ҷинояткории компютерӣ) низ муайян карда нашудааст, аммо ин ҷиноятҳо дар гурӯҳи кории махсуси Конгреси Даҳуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Яке аз гурӯҳҳои кории Конгресс ҳуҷҷатеро (A/CONF.187/10) қабул намуд, ки он имкон дод на танҳо масъалаҳои асосии мубориза бо чунин ҷиноятҳо, балки тадбирҳо ва тавсияҳои мувофиқ тартиб ва таҳия карда шаванд. Дар сатҳи байналмилалӣ низ борҳо ба имконнопазирии додани таърифи пурра ва мукаммали ҷиноятҳои компютерӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Инчунин, соли 1990 Кумитаи Аврупо оид ба масъалаҳои ҷинояткорӣ тавсияи № R (89)-ро оид ба ҷиноят бо истифода аз компютер таҳия намуд. Дар давоми тамоми таҳқиқот Кумита истилоҳи «ҷинояткории компютерӣ»-ро истифода мебарад. Ягон таъриф барои ин истилоҳ ба таври умум қабул карда нашудааст. Мафҳуми зерин ҳамчун таърифи корӣ қабул карда шудааст: «Суйистифодаи компютерӣ ҳамчун ҳама гуна рафтори ғайриқонунӣ, ғайриахлоқӣ ё беиҷозат вобаста ба коркарди автоматии компютерӣ ва интиқоли маълумоти компютерӣ муайян карда мешавад» [53, с. 123-124].

Ҳуҷҷати қабулшуда тадбирҳои мувофиқашудаи байналмилалиро оид ба пешбурд, пурзӯр ва такмил додани усулҳое, ки ҳоло дар мубориза бо

киберҷинояткорӣ истифода мешаванд, пешниҳод менамояд. Дар ин бора нақши СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан назаррас аст. Баъзе намудҳои ҷиноятҳое, ки метавонанд дар шабакаҳои электронии байналмиллалӣ содир шаванд, мавриди таҳлил қарор гирифта, сабабҳои таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва андешидани чораҳои дастаҷамъиро тақозо менамоянд. Қабули истилоҳоту мафҳумҳои мувофиқашуда ва пеш аз ҳама, таърифи дар банди 9 истилоҳи «ҷиноятҳои киберҷинояткорӣ» ба ҳамон андоза муҳим буд [166, с. 23-24].

Дар Тоҷикистон мафҳуми «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ)» танҳо баъд аз соли 1998 баъди қабули КҶ ҶТ пайдо шуд.

Тавре аллакай қайд намудем, дар айни замон дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷ мафҳуми ягонаи ин гурӯҳи ҷиноятҳо мавҷуд нест. Бинобар ин, таҳияи мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили аминияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ) ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми қонуни ҷиноятӣ дар асоси КМҶ ИДМ мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар Фасли XII ва боби 28 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ гардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба номгузорӣ ва аз ин рӯ, ба мафҳуми гурӯҳи ҷиноятҳои баррасишаванда ду мавқеъ вуҷуд дошт, ки бархе аз олимон пешниҳод карданд, ки ин гурӯҳи кирдор «ҷиноятҳои компютерӣ» ва баъзеи дигар «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» номида шаванд. Тағйир додани ин муқарраротбештар ба вижагиҳои рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар ин соҳа вобаста аст. Тавре қайд намудем, тамоми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, ки дар боби 28-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҷиноятҳои компютерӣ ё ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотии компютерӣ мебошанд ва дар адабиёти илмӣ ҳамин тавр муайян карда мешаванд.

Д.В. Шибаев зери мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ кирдорҳои зиддиҳуқуқии гунаҳкорона содиршудаеро мефаҳмад, ки ба

муносибатҳо оид ба амнияти истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, ҷустуҷу, истифода ва паҳн намудан ё ҳифзи маълумотҳои дар компютер маҳфузбуда таҷовуз оварда, ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшавндаи шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ҷамъият, давлат зарар мерасонанд ё зери таҳдиди расонидани чунин зарар қарор медиҳанд [147, с. 137].

Ба андешаи Гайфудинов ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилооти компютерӣ ин кирдорҳои бо қонуни ҷиноятӣ манъшудаи барои ҷамъият хавфноке фаҳмида мешаванд, ки ба амнияти муомилоти иттилооти компютерӣ ё инфрасохтори муҳимми иттилоотии давлат зарар мерасонанд ё зери таҳдиди чунин зарар мегузоранд [159, с. 11-12].

Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ бояд кирдорҳои гунаҳкорона содиршудаи барои ҷамъият хавфноке эътироф шаванд, ки ба тартиби муътадили муносибат бо иттилооти компютерии тавассути қонун ҳифзшаванда [166, с. 16], ба тартиби муътадили рушди муносибатҳои соҳаи иттилооти компютерӣ ва амнияти фаъолияти компютерҳо, системаҳои ҳисоббарор ё шабақаҳои онҳо таҷовуз меоваранд [169, с. 42].

С.С. Шахрай таърифи нисбати мураккаби ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютериро ба таври зерин додааст, ки мувофиқи он ҷиноятҳои мазкур аз кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ муқарраршудае иборат мебошанд ва ба муқобили иттилоотӣ дар намуди махсус (мошинӣ) таҷассумшудаи мансуб ба давлат, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, инчунин, ба тартиби ташкил, истифода ва нобуд сохтани чунин иттилоот, ки аз тарафи молики он ё давлат муайян шуда равона гардидааст, агар чунин кирдорҳо ба соҳиби иттилоот ё низоми автоматикунонидашуда, ки дар он чунин иттилоот ташкил, коркард, интиқол ё нобуд карда мешавад, таҳдиди воқеии расонидани зарарро ба вуҷуд орад ё боисти дигар оқибатҳои вазнин гарданд [194, с. 33].

Ба андешаи Д.А. Зикова, «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) қасдан содиргардидаи барои ҷамъият хавфнок мебошанд. Онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки истеҳсол,

истифода, паҳнкунии захираҳои иттилоотӣ ва ё ҳифзи онҳоро танзим мекунанд зарар мерасонанд ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меоранд» [167, с. 19]. Албатта, ин таъриф баъзе нуқсонҳо дорад. Аввалан, дар он ба манъи кирдор дар қонуни ҷиноятӣ ва ҷазо ишора намегардад ва дуюм, изҳороте, ки ҳама ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ танҳо қасдан содир карда мешаванд, баҳснок мебошанд.

Тибқи андешаи М.Ю. Дворетский – «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ пешбининамуда мебошанд, ки ба вайрон намудани дахлнопазирии иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшавандае нигаронида шуда дар ҷараёни эҷод, истифода ва паҳн намудани иттилоот ва захираҳои иттилоотии компютерӣ, инчунин, ҳангоми истифодаи системаҳои коркарди иттилоот, бо истифода аз компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳо содир карда мешаванд ва сабаби расонидани зарар ё ба вуҷуд овардани таҳдиди зарар ба манфиатҳои қонунии моликони иттилоот ё ҳаёт ва саломатии шахс, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти давлат ва ҷамъият гардидаанд» [47, с. 15]. Дар ин мафҳум ишорат ба ҷазо ва муҷозот ҷой надорад.

Дар баробари мафҳуми «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» дар адабиёти ҳуқуқӣ ин категорияҳои ҷиноятҳоро «ҷиноятҳои компютерӣ» меноманд. Ҳамин тавр, Ю.И. Ляпунов ва В.Ю. Максимов зери мафҳуми ҷиноятҳои компютерӣ, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро дар назар доранд, ки дар онҳо иттилооти (электронӣ) компютерӣ предмети таҷовузи ҷиноятӣ мегардад [129, с. 11].

О.В. Голубев бар он ақида аст, ки; «ҷиноятҳои компютерӣ бояд ҳамчун маҷмуи амалҳои ғайриқонунӣ фаҳмида шаванд, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи коркарди иттилоот дар компютерҳо, системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, ҳуқуқи моликияти шахсони воқеӣ ба иттилоот ва дастрасӣ ба онро поймол месозад» [196].

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ», «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» ва «ҷиноятҳои компютерӣ» мафҳумҳои баробармаъно нестанд. Тавре дар адабиёти илмӣ дуруст қайд мегардад, «тафовутҳо байни ҷиноятҳои компютерӣ ва ҷиноятҳои соҳаи иттилооти компютерӣ бояд аз рӯйи объекти таҷовузи ҷиноятӣ сурат гирад» [44, с. 11].

Ҳамин тариқ, мафҳуми «ҷиноятҳои компютерӣ» нисбат ба мафҳуми «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» васеътар буда, он тамоми кирдорҳои марбут ба иттилооти компютерӣ, кирдорҳои бо вайрон кардани қоидаҳои истифодаи компютерҳо, системаҳо ё шабакаҳои вобастабударо дар бар мегирад.

Як зумра олимон пешниҳод менамоянд, ки ҷиноятҳои баррасишаванда «ҷиноятҳои иттилоотӣ» номида шаванд. Масалан, Дворнеский баён медорад, ки истифодаи ибораи «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» асоснок ба ҳисоб намеравад, зеро компютер танҳо яке аз воситаҳои таҷҳизоти иттилоотӣ ба шумор рафта, он тамоми мушкилоти маҷмуи муносибатҳои бо махфиёти ҳуҷҷатии иттилоот вобастабударо дар бар гирифта наметавонад. Бинобар он, истифодаи ибораи «ҷиноятҳо дар соҳаи захираҳои иттилоотӣ»-ро, ба сифати номгузории умумии маҷмуи ҷиноятҳо дар ин соҳаро асосноктар мешуморад [47, с. 16].

Вале бояд зикр намуд, ки ибораи «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» на танҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ, балки дар санадҳои сатҳи байналмилалӣ низ мавриди истифода қарор дода шудааст. Масалан, дар Созишномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза ба муқобили ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ҷиноят дар соҳаи иттилооти компютерӣ ба таври зайл муайян карда шудааст: «Кирдори ҷиноятие, ки предмети он иттилооти компютерӣ мебошад» [22]. Истилоҳи дар Шартнома истифодашуда ба назар мерасад, ки аз ҳад зиёд маҳдуд аст. Мо чунин мешуморем, ки истифодаи истилоҳи «ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» ба маънои қонуни ҷиноятӣ дурустар мебошад.

Таърифҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (итилооти компютерӣ), ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуданд, ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳоро пешниҳод менамоем:

1. Зери мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бояд танҳо кирдорҳои қасдонаи ба ҷамъият хавфнок фаҳмида шаванд, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амалӣ намудани фаъолияти иттилоотӣ, оид иттилооти компютерӣ, ки предмет ва воситаи он чунин иттилоот мебошад, таҷовуз менамоянд.

2. Дар эзоҳи м. 298 КҶ ҶТ ҷиҳати дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дуруст бандубаст намудани моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ мафҳуми иттилооти компютерӣ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад: «зери мафҳуми иттилооти компютерӣ ҳама гуна ахбор (паёмак, маълумотҳо) новобаста аз воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқол фаҳмида мешавад, ки дар шакли ишораҳои барқӣ пешниҳод карда мешавад».

3. Пешниҳод карда мешавад, ки номгузории Фасли XII ва боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» тағйир дода шуда, он ба таври «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилооти компютерӣ» муқаррар карда шавад, зеро мафҳуми амнияти иттилоотӣ аз доираи таркибҳои ҷинояти дар боби 28 КҶ ҶТ пешбини гардида берун баромада, васеъ мебошад.

4. Истифодаи мафҳуми «киберҷиноятҳо» дар бештари адабиёти илмӣ ба мафҳуме, ки тамоми амалҳои ҷиноятиро дар бар мегиранд, бо ёрии дастгоҳҳои компютерии шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва технологияҳои IT содир карда мешаванд, баҳснок мебошад. Истифодаи истилоҳи «киберҷиноятҳо» нисбат ба ҷиноятҳо дар боби 28 КҶ ҶТ асоснок шуморида намешавад, зеро чунин истилоҳ бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар адабиётҳои илмӣ истифода шуда, таҷассумкунандаи кирдорҳое мебошад, ки дар Интернет ё бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ содир мешаванд, яъне истилоҳи «киберҷиноятҳо»

доираи нисбатан васеи кирдорҳои бо истифода аз технологияи компютерӣ содиршавандаро дар бар мегирад.

5. Мафҳуми ҷинояти компютерӣ мураккаб буда, он ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳо фаҳмида мешавад, ки ба муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятии таъминкунандаи амнияти иттилоот таҷовуз оварда, дар натиҷа манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи давлат, ташкилотҳо ва шахсони алоҳидаро халалдор месозанд.

6. Дар ҳолатҳои алоҳида таркибҳои мушаххаси ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мумкин аст ба сифати восита ё усули содир намудани ҷинояти дигар баромад намоянд (тасарруф, тамаъҷӯйӣ, ифшои маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ, хиёнат ба давлат, ҷосусӣ ва ғ.).

## 1.2. Таснифи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ

Таснифоти кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ доранд, зеро он шарти зарурии таъмини фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ мебошад. Дар соҳаи амнияти иттилоотии баррасишаванда ба низом даровардани қисми махсуси КҶ ҶТ барои тафсири ин ё он меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ва рабт додани кирдори мушаххас ба ҷиноятe, ки ба ин ё он таркибҳои дар моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ пешбинигардида зарур мебошад.

Дар адабиёти илмӣ ҳангоми таҳлили маҷмуи кирдорҳое, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла, амнияти иттилоотӣ пешбинӣ менамоянд, ба таври гуногун номгузорӣ мегарданд. Баъзе муҳаққиқон онро гурӯҳ, дигарон – намудҳо, дигарон – низом меноманд. Ҳамин тавр, Ю.В. Гаврилин қайд менамояд, ки: «Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ (амнияти иттилоотӣ) гурӯҳи мустақили ҷиноятҳоеро ташкил медиҳанд, ки объекти ягонаи бевоситаи онҳо иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда мебошад» [44, с. 12]. Чунин ба назар мерасад, ки номи ин ё он маҷмуи меъёрҳои якхела, аз ҷумла, оид ба ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ бо истифода аз мафҳуми «низом» аз нигоҳи илмӣ мувофиқтар мебошад.

Бори аввал дар илми ҳуқуқ истилоҳи «низом»-ро нисбат ба Қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ И.Я. Фойнитский истифода намуд, аммо онро шарҳ надод [98, с. 1]. Э.С. Тенчов менависад, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ин низоми мунтазам инкишофёбанда мебошанд. Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун низом баррасӣ намудан мумкин аст, зеро он тамоми аломатҳои муҳими хоси ҳар як низомро доро мебошад [142, с. 75-76]. Ба андешаи Е. Тенчов розӣ шудан мумкин аст, чунки асоси сохтори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятиро бояд зернизомҳо, яъне низомҳои сатҳи поёнтар ташкил диҳанд [142, с. 84-85]. Чунин низоми мустақил ё зернизом хоси ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мебошад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фарзия мавҷуд аст, ки қисми махсуси КҶ (қонуни ҷиноятӣ) аз рӯйи низоме сохта мешавад, ки асоси онро объекти таҷовузи ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Б.С. Никифоров оид ба ин масъала чунин қайд менамояд: «дар асоси сохтмони қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ гурӯҳҳои манфиатҳои якхела дохил мешаванд, ки ба як иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятӣ тааллуқ доранд ва бо меъёрҳои ҳамон фасли қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд» [74, с. 15].

Дар асоси андешаи Б.С. Никифоров, низоми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар асосои як принсипи (меъёр)-и тақсимоти тамоми ҷиноятҳое, ки қонунгузор дар боби 28 КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ба гурӯҳҳо асос ёфтааст. Ба андешаи мо, чунин тақсимот вобаста ба объекти намудии таҷовузи ҷиноятӣ амалӣ мегардад, яъне ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷамъият ва давлат, ки ба сифати молик баромад мекунанд, муносибатҳои ҷамъияти вобаста ба амнияти истифодаи компютер, техникаи компютерӣ, шабакаҳои онҳо ё васоити мошинҳо ҳисобарор мебошанд.

Дар назария, таснифоти гуногуни ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ (ҷиноятҳои компютерӣ) мавҷуданд. Ин ҷиноятҳо вобаста ба объект, предмет, вобаста ба усулҳои содир намудани ҷиноят ва ғайра тасниф мегарданд [190, с. 24].

Олимони амрикой дар соли 2000 омӯзиши умумиҷаҳонии қонунҳои ҷиноятии Албания, Австралия, Бразилия, Булғористон, Бурунди, Канада, Чили, Чин, Дания, Ҷумҳурии Доминикан, Миср, Эстония, Эфиопия, Фиҷи, Фаронса, Гамбия, Югославия, Исландия, Ҳиндустон, Эрон, Италия, Ҷопон, Урдун, Қазоқистон, Латвия, Лубнон, Лесото, Малайзия, Малта, Мавритания, Молдова, Марокаш, Нав Зеландия, Никарагуа, Полша, Руминия, Россия, Африқои Ҷанубӣ, Испания, Судон, Туркия, Британияи Кабир, ИМА, Ветнам, Югославия (зиёда аз 52 кишвари ҷаҳон) анҷом дода, ба хулосае омаданд, ки дар он кишварҳои унсури ҷиноятҳои дар «соҳаи иттилоотӣ» содиршуда пешбинишуда даҳ намуди ҷиноятҳои компютериро (ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ) ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо дар навбати худ ба чор категория муттаҳид мегарданд:

а) ҷиноятҳои марбут ба иттилоот, аз ҷумла, боздошт, тағйир додан ва тасарруфи он;

б) ҷиноятҳои марбут ба шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла, дахолат ба кори онҳо ва тахриб;

в) ҷиноятҳои марбут ба дастрасӣ, аз ҷумла, хакерӣ ва паҳнкунии вирусҳо;

г) ҷиноятҳои вобаста ба истифодаи компютерҳо, аз ҷумла, мусоидат намудан ва шарикӣ дар содир намудани ҷиноят, қаллобии компютерӣ ва сохтакории компютерӣ.

Рӯйхати мукаммали киберҷиноятҳо ҷиноятҳои компютериро (ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ) дар Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба киберҷиноят пешбинӣ намудааст. Моддаҳои Конвенсия айни замон қариб тамоми фаъолиятҳои ғайриқонунии мавҷударо дар ин соҳа фаро мегиранд [187, с. 79]. Конвенсияи мазкур панҷ намуди ҷиноятҳои компютериро (ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ) муайян мекунад:

1. Дастрасии ғайриқонунӣ (м. 2);

2. Боздошти ғайриқонунӣ (м. 3);

3. Дахолат ба маълумот (вайрон намудани ягонагӣ) (м. 4);

4. Дахолат ба система (м. 5);

5. Истифодаи ғайриқонунии дастгоҳҳо.

Тавре ки дар боло қайд гардид, дар айни замон дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таснифоти мукаммали ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ амалан вуҷуд надорад.

А.А. Жмихов ду категорияи ҷиноятҳои компютериро фарқ менамояд: ҷиноятҳое, ки бо компютер алоқамананд ва ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои бо компютер алоқамандбуда танзими мустақилро дар қонунгузории ҷиноятӣ талаб намесозанд. Чунки захираҳои иттилоотӣ ё унсурҳои он танҳо ба сифати предмети таҷовузи ҷиноятӣ баромад менамоянд. Вобаста ба ин ҷавобгарӣ барои вайрон намудани чунин муносибатҳо дар асоси моддаҳои дахлдори қонуни ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд, масалан, аз рӯйи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои муҷовир ва ғайра. Дар ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ бошад, амнияти иттилоотӣ ба сифати унсури ҳатмии тавсифдиҳандаи предмет, инчунин, ба сифати олоти махсус унсури ҳатмии тарафи объективии таркиби ин гурӯҳи ҷиноятҳо, баромад менамоянд, ки бидуни он содир намудани ин ҷиноятҳо ғайриимкон мебошад [164, с. 22].

В.С. Карпов ҷиноятҳои компютериро ба ду гурӯҳ ҷудо месозад: 1) худи ҷиноятҳои компютерӣ; 2) ҷиноятҳое, ки бо ҷиноятҳои компютерӣ наздик мебошанд. Ба гурӯҳи аввал таркиби ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ФР (боби 28 КҶ ҶТ) мустаҳкамшударо дохил менамояд [169, с. 29-30]. Вале ба гурӯҳи дуюми таснифшаванда кадом ҷиноятҳо дохил мешаванд, номбар намесозад.

Таснифоти дигари ба ин монанд низ пешниҳод мешавад, ки мутобиқи он ҷиноятҳои компютерӣ ба 1) ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ва 2) ҷиноятҳои бо истифода аз компютер содиршаванда гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ба гурӯҳи аввал ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ муқарраршуда дохил карда мешаванд. Гурӯҳи дуюм бошад дар навбати худ ба якчанд зергӯруҳҳо ҷудо карда мегардад: а) ҷиноятҳои компютерӣ ба муқобили

шахсият м. 146 (Вайрон кардани маҳрамияти мукотиба сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот), м. 148 (Радди додани маълумот ба шаҳрванд), м. 150 (Монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ), м. 151 (Сохтакории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ, ҳуҷҷатҳои раъйпурсӣ ё ҳисоби нодурусти овоз), м. 162 (Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии рӯзноманигорон); б) ҷиноятҳои компютерии хусусияти иқтисодӣ дошта (дуздӣ, қаллобӣ, тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсус, қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк, дидаю дониста додани рекламаи бардурӯғ, ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани картаҳои сохтаи (қалбакии) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар асноди пардохт; в) ҷиноятҳои компютерӣ ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ (иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ); г) ҷиноятҳои компютерӣ ба муқобили ҳокимияти давлатӣ (хиёнат ба давлат, ҷосусӣ, ифшои сирри давлатӣ) [144, с. 73-74].

Таснифотҳои зикршуда ба андешаи мо қобили қабул буда наметавонанд. Зеро дар онҳо асоси чунин таснифнамоӣ муайян нашудааст. Ҷиноятҳо танҳо вобаста аз имконияти содиршуданашон бо истифода аз компютер номбар шудаанду халос. Ғайр аз ин, ба гурӯҳи дуюм, яъне ҷиноятҳои бо истифода аз компютер содиршаванда номгӯйи пурраи чунин ҷиноятҳо номбар нашудааст. Шумораи зиёди ҷиноятҳои анъанавӣ дар ҳақиқат мумкин аст бо истифода аз техникаи компютерӣ содир шаванд. Вале танҳо истифода шудани компютер ба сифати воситаи содир намудани ҷиноят барои ба таври фаврӣ дохил намудани он ба қатори ҷиноятҳои компютерӣ асос шуда наметавонад. Қонунгузор кирдорҳои ҷиноятиро вобаста ба объекти таҷовуз ба гурӯҳҳои алоҳида муттаҳид намуда, аз ҷумла, дар бобҳои КҶ ҶТ ҷойгир намудааст. Ҷиноятҳои компютерӣ низ аз рӯйи ин аломат дар боби 28 КҶ муттаҳид карда шудаанд. Бинобар ин, ҷиноятҳои компютерӣ бояд дар доираи боби мазкур таснифбандӣ карда шаванд.

Гребнюк ҷиноятҳои компютериро ба се гурӯҳ ҷудо месозад: 1) ба гурӯҳи аввал кирдорҳоеро дохил менамояд, ки танҳо бо истифода аз технологияи иттилоотӣ содир шуда метавонанд; 2) ҷиноятҳои умумӣ, ки дар онҳо истифодаи технологияи иттилоотӣ содир шудани кирдори ҷиноятиро ё пинҳон доштани онҳоро осон мегардонад; 3) ҷиноятҳои умумӣ, ки ҳангоми содир шудани онҳо компютер истифода шавад ҳам, вале он ба натиҷаи ҷиноят таъсири ҷиддӣ намерасонад [118, с. 111].

Соло ҷиноятҳои компютериро ба чунин гурӯҳҳо тасниф менамояд: Ба гурӯҳи аввал ҷиноятҳое мансуб мебошанд, ки ба амнияти иттилоотӣ дар соҳаи истифодаи техникаи компютерӣ таҷовуз меоваранд. Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои дар м.м. 272-274 КҶ ФР (м.м.298, 303,304 КҶ ҶТ) пешбинишударо дохил менамояд. Ба гурӯҳи дуюм ҷиноятҳоеро дохил менамояд, ки дар онҳо иттилооти компютерӣ ба сифати олот ё воситаи содир намудани ҷиноят ба дигар муносибатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда таҷовузкунанда баромад менамояд. Гурӯҳи сеюм бошад, ҷиноятҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳангоми содир шудани онҳо то ин ё он дараҷа компютер ва дигар воситаҳои техникаи электронӣ истифода мешаванд [181, с. 28].

В.В. Крилов низоми дигари ҷиноятҳои баррасишавандаро низ пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ, «аломати муҳимтарин барои қонунгузор дар қисми махсус ҷудо намудани ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, коркарди иттилоот бо истифода аз воситаҳои компютерӣ мебошад», гарчанде ки воситаҳои компютерӣ метавонанд воситаи содир гардидани дигар ҷиноятҳо бошанд [63, с. 164].

Қонуни ҷиноятии ҶТ дар асоси муқаррароти кодекси моделӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ ва қисман аз Созишномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар муқобили ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ барои ҷиноятҳои зерин ҷавобгариро муқаррар кардааст:

Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (м. 298 КҶ);

Тағйир додани иттилооти компютерӣ (м. 299 КҶ);

Тахриби компютерӣ (м. 300 КҶ);

Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (м. 301 КҶ);

Тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ (м. 302 КҶ);

Таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар (ст. 303 КҶ);

Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (м. 304 КҶ).

Ҳамин тавр, таҳлили таснифоти ин ҷиноятҳо нишон дод, ки онҳо на танҳо ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, инчунин, ҷиноятҳои компютериро низ дар бар мегиранд. Мафҳуми ҷиноятҳои компютерӣ нисбат ба мафҳуми ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ васеътар мебошад. Муносибати муфассал ва ҷудокунии ин унсурҳои ҷиноятро мо дар банди қаблӣ баррасӣ кардем.

Ба андешаи мо, тамоми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро метавон аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кард:

1) Вобаста ба объекти таҷовузи ҷиноятӣ, ҷиноятҳоро дар соҳаи амнияти итилоотӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

а) ҷиноятҳое, ки ҳангоми онҳо бештар ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибони иттилооти компютерӣ зери таҷовуз қарор дода мешаванд. Ба ин гурӯҳ таркиби ҷиноятҳои дар м. 298-и КҶ ҶТ (дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ) ва м. 303-и КҶ ҶТ (Таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар) мустаҳкамшударо дохил намудан мумкин аст.

б) Таҷовуз ба ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибонӣ воситаҳои иттилоотӣ. Ба онҳо кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки дар қ. 3 м. 146 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дохил шуда метавонанд (ғайриқонунӣ истеҳсол кардан, ба соҳибияти каси дигар додан ё соҳиб шудан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси техникӣ, ки барои ниҳонӣ ба даст овардани маълумот), м. 304 КҶ ҶТ (вайрон кардани қоидаҳои истифодаи системаи ё

шабакаи компютерӣ), «истифодаи беиҷозати барномаҳои компютерии муҳофизатшаванда», «истифодаи беиҷозати компютерҳо»).

2) Ҷиноятҳое, ки бевосита ба расонидани зарар ба иттилоот равона шудаанд, масалан, тағйир додан, нобуд кардан, маҳкам кардан, корношоям гардонидани он, нусхабардории иттилоот, таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар ва ғайра. Дар таркиби ҷиноятҳои алоҳида чунин кирдорҳо аз тарафи қонунгузор ба таври алтернативӣ ифода гардидааст, масалан м.м. 299, 300 КҶ ҶТ.

3) Вобаста ба шакли гуноҳ ҷиноятҳои комютериро аз кирдорҳои қасдона ва аз беэҳтиёти содиршуда ҷудо намудан мумкин аст: кирдорҳои қасдона (м.м. 298-304-и КҶ ҶТ) ва ҷиноят аз беэҳтиётӣ қ. 2 м. 298, 299, 300, 303 ва қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ).

Бо тавсифи тафовути ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ вобаста ба шакли гуноҳ, бояд таъкид намуд, ки таркибҳои асосӣ ва бандубастшванда дар қ. 1 м. 298-304, қ. 2 м. 304-и КҶ ҶТ пешбинигардида метавонанд танҳо қасдан, таркибҳои дар қ 2 м. 298, 303 КҶ ҶТ пешбинигардида – аз беэҳтиётӣ ва ҷинояти дар қ. 3-и м. 298, 304 ва қ. 2 м. 299-300-и КҶ ҶТ қасдан ва аз беэҳтиётӣ содир карда шаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст;

1.Мавҷудияти низоми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, ки дар КҶ ҶТ аз як тараф, ҷиҳати прагматизми худ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ асоснок бошад, аз дигар тараф, он зарурати такмил додани таркиби ҷиноятҳои мазкур, вобаста ба вазъи муосири ҳифзи амнияти иттилоотӣ криминализатсия намудани кирдориҳои нави барои ҷамъият хавфноки дар ин соҳа ба вуқуъояндаро талаб менамояд.

2. Таснифи ҷиноятҳои компютерӣ вобаста ба объект таҷовузи ҷиноятӣ мумкин аст; аз руйи хусусияти зараре, ки ба иттилооти компютерӣ

расонидашаванда; вобаста ба усулҳои содир намудани ҷиноят ва шакли гуноҳ амалӣ карда шавад.

3. Кодекси ҷиноятии моделии давлатҳои аъзои ИДМ-ро ба инобат гирифта, чунин таркибҳои ҷинояти дар алоҳидагӣ «ғайриқонунӣ нигоҳ доштани иттилооти компютериро мувофиқи мақсад шуморидан мункин аст.

## 1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ

Таҳлили қонунгузории муосири хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо бар зидди амнияти иттилоотӣ шабоҳат ва тафовути зиёдеро дар муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноятҳо нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низ бо номгузориҳои гуногун, аз ҷумла, «Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ» [28], «Ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи компютерҳо, низомҳо ва шабакаҳои компютерӣ» [32], «Ҷиноятҳои иттилоотӣ» [23] ва ғайра муқаррар шудааст.

Чи тавре ба назар мерасад, қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ барои номгузорӣ намудани гурӯҳи ҷиноятҳои дорои ҳамон як хусусият номгузориҳои гуногунро истифода намудааст.

Аммо ба андешаи мо дар муқоиса бо КҶ ҶТ равиши номгузории ҷиноятҳои мазкур дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ дурусттар ба назар мерасад, зеро тавре аз диспозитсияҳои моддаҳои боби 28 КҶ ҶТ ба назар мерасад дар онҳо на иттилоот, балки иттилооти компютерӣ ҳифз мегардад.

Таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавӣ яке аз усулҳои таҳқиқот буда, он имкон медиҳад, ки ҳангоми қонунэҷодкунӣ таҷрибаи мусбӣ ва манфии давлатҳои дигар ба назар гирифта шаванд. Таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавӣ имкон медиҳад, ки норасоиҳо ва дастовардҳои қонунгузории дигар давлатҳо ҳангоми ҳалли

масъалаҳои криминализатсияи ва декриминализатсияи кирдорҳои мушаххас муайян ва ба назар гирифта шаванд, барои фаҳмидани нақш ва аҳаммияти қонуни ҷиноятӣ ҳамчун воситаи танзими иҷтимоӣ кӯмак мерасонад.

Раванди сохтмони иқтисоди бозаргонӣ шароити иҷтимоии ҷамъиятро ба шароити иҷтимоии кишварҳои Ғарб то рафт наздик намуда истодааст. Ин моро водор мекунад, ки дар ҷараёни қабули қарорҳои худ қонунгузории онҳоро таҳлил намоем [119, с. 55-56]. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ гуфта, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан бо истифодаи усули муқоисавии ҳуқуқӣ бо омӯзиши ҳодисаҳо ва равандҳои воқеияти ҳуқуқӣ тавсифгашта, ки дар рафти, он, пеш аз ҳама, падида ва равандҳо, аз қабили: қонунгузории ҷиноятӣ, амалияи татбиқи он, институтҳои ҳуқуқӣ, инчунин, доктринаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлил мегарданд.

Арзиши ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар муайян намудани навъҳои гуногуни усулҳо, дар танзими қонунии муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, хусусиятҳои категорияҳои алоҳидаи таркибҳои ҷиноятӣ, шарҳи мафҳумҳои ҳуқуқӣ, муқоисаи мундариҷаи қонунҳои аз ҷониби қонунгузорони давлатҳои гуногун қабулгардида иборат аст [70, с. 3-17].

Масъалаи ҳифзи иттилооти компютерӣ аз гирифтани худсарона, нусхабардорӣ, такрорӣ ва паҳнкунӣ бори аввал дар кишварҳое, ки саноати информатика босуръат рушд мекард, пеш аз хама дар ИМА, Япония, Франсия, Германия, Британияи Кабир, беш аз пеш тезутунд гардид. Танҳо даромад аз ҳисоби фурӯши нармафзори тиҷоратӣ дар саросари ҷаҳон дар соли 1985 аз 30 то 40 миллиард долларро ташкил дод. Табиист, ки чунин ҳаҷми сармоягузорӣ муҳофизати боэътимодро талаб мекунад, зеро унсурҳои нусхабардории нармафзори компютерӣ бо нархе фурӯхта мешаванд, ки баъзан аз 1% нархи истеҳсолкунанда зиёд нест, ки ин албатта, ба соҳиби он зарари калон мерасонад [88, с. 349].

Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд мегардад барои, муқоисаи дақиқтари объектҳои интихобгадида таҳқиқотӣ танҳо усули муқоисавии ҳуқуқӣ кофӣ нест. Барои дарк намудани гуногунии истилоҳоти қонунгузории

ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, инчунин, истифодаи усули расмии-ҳуқуқӣ (догматики) низ зарур аст [70, с. 5]. Мо андешаи Р.Н. Дусаев дуруст мешуморем. Вай чунин қайд менамояд; «усули таърихӣ-ҳуқуқӣ (муқоисаи диахронӣ) низ метавонад аҳаммияти махсус пайдо кунад ва он имкон медиҳад, ки сабабҳои пайдоиши баъзе институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян шуда, таҳаввулоти инкишофи қонунгузорӣ дар бораи ҷиноят ва ҷазо пайгирӣ карда шавад» [49, с. 128].

Вобаста ба объектҳо, таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ метавонад дар якчанд сатҳ гузаронида шавад. Сатҳи аввал муқоисаи меъёрҳои ҳуқуқӣ (микромуқоиса) мебошад. Дар ин маврид, ҳангоми мувозинати меъёрҳои муқоисашаванда шабоҳат ва тафовути онҳо ошкор карда мешавад. Сатҳи дуюм муқоисаи институтҳои ҳуқуқӣ ва соҳаҳои ҳуқуқии оилаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошад. Сатҳи сеюм – муқоисаи системаҳои ҳуқуқӣ дар маҷмуъ (муқоисаи макро) [83, с. 47-53].

Таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, ба андешаи мо, бояд пеш аз ҳама вобаста ба қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ анҷом дода шавад. Зеро муттаҳид гардидани фазои ҳуқуқи ҷиноятии дар кишварҳои ИДМ зарурати объективӣ ва табиии рушди муносибатҳои байнидавлатӣ, кафолати таъмини амнияти манфиатҳои ҳаётии шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад, зеро «бо ягонагии ҳозираи фазои ҷиноятӣ, ки аз тафовутҳои на ҳамеша асоснок дар қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳод, метавонад амалиёти ҳамоҳангшудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ душвор созад» [114, с. 88-89]. Бо мақсади наздик намудани қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва иҷрои қарори Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ аз 28 октябри соли 1994 «Дар бораи таъмини ҳуқуқии рушди интегратсияи ИДМ» санади қонунгузории тавсиявӣ Иттиходи Давлатҳои Мустақил – Кодекси моделии ҷиноятӣ коркард карда шуд (минбаъд – КМҶ ИДМ) [21, с. 92].

Ин КМҶ ИДМ мувофиқ ба андешаи В.В. Волженкин, «тавсияномаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба мақомоти қонунгузори давлатҳо ва намунаи

инкишофи қонунгузории худи онҳо мебошад [113, с. 8]. Қонунгузории моделӣ дар аввал барои давлатҳои пасошуравӣ имкон дод, ки дар сатҳи ҳуқуқэҷодкунӣ аз таҷрибаи ҳамдигар истифода намуда, дар муайян намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор додани муносибатҳои нисбатан муҳимми ҷамъиятӣ ба таври ҳамоҳанг амал намоянд [179, с. 182].

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки КМҶ ИДМ ба қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ таъсири муайяне дошт. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар фасли XII КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» пешбинӣ гардида, дар боби 30-и КМҶ ИДМ айнан чунин номгузорӣ гардидаанд.

КМҶ ИДМ ва КҶ ҶТ таркибҳои ҷиноятҳоеро дар бар мегирад, ки ба амнияти иттилоотии компютерӣ таҷовуз менамоянд: дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютерӣ, м. 286 КМҶ ИДМ (м. 298 КҶ ҶТ); Тағйир додани иттилооти компютерӣ м. 287 КМҶ ИДМ (м. 299 КҶ ҶТ); таҳриби компютерӣ 288 КМҶ ИДМ ( 300 КҶ ҶТ); азхудкунии маълумоти компютерӣ м. 289 КМҶ ИДМ (301 КҶ ҶТ); истеҳсол ва фурӯши воситаҳои махсус барои ба даст овардани дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи компютерӣ ё шабака м. 290 КМҶ ИДМ (302 КҶ ҶТ); таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар м. 291 КМҶ ИДМ (303 КҶ ҶТ); Вайрон намудани қоидаҳои кори шабакаи компютерӣ м. 292 КМҶ ИДМ (304 КҶ ҶТ). Аз ҷиҳати мазмун тамоми ин моддаҳо м.м. 298-304 КҶ ҶТ монанд мебошанд.

Дар баробари ин, КМҶ ИДМ барои содир намудани ҷиноятҳои ба муқобили амнитяи иттилоотӣ вобаста ба истифодаи компютер ё вайрон намудани маълумоти компютерӣ пешбинӣ менамояд, масалан, тасарруф бо истифода аз техникаи компютерӣ содиршуда (м. 243); расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб, вайрон намудани эътимод ё тағйир додани маълумоти компютерӣ (м. 250); ғайриқонунӣ гирифтани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бо роҳи боздоштани алоқа, ғайриқонунӣ ворид

шудан ба системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ, истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ (м. 269); вайрон намудани коидаҳои муомилоти ҳуҷҷатҳо ё иттилооти компютерии дорои сирри давлатӣ (м. 300).

Н.А. Қудратов баён менамояд, ки ҳарчанд қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ дар асоси КМҶ ИДМ таҳия шуда бошанд ҳам, вале имрӯз онҳо субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ буда, дорои қонуни ҷиноятии худ мебошанд ва таҳлили муқоисавии онҳо метавонад барои бартараф намудани камбудиҳо ва мукаммалгардии қонуни ҷиноятии Тоҷикистон асос бошад [173, с. 38]. Илова бар ин, солҳои охир қонунгузориҳои аксарияти давлатҳои пасошуравӣ дучори тағйиротҳои куллӣ шудаанд ё давлатҳои алоҳида ба монанди Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон Кодекси ҷиноятии худро бо таҳрири нав қабул намудаанд, ки аз рӯйи сохт ва хусусиятҳои худ аз қонунгузориҳои давлатҳои дигари пасошуравӣ фарқияти калон доранд. Бинобар, ин таҳқиқи қонунгузориҳои давлатаҳои мазкур мумкин аст барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҶТ, албатта, бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он аз манфиат холӣ намебошад.

Ба андешаи мо таҳқиқи муқоисавии ҳуқуқии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ тибқи қонунгузории баъзе давлатҳои хориҷии наздик ва давлатҳои узви ИДМ, аз қабили Ҷумҳурии Арманистон [24], Ҷумҳурии Озарбойҷон [23], Ҷумҳурии Беларус [25], Ҷумҳурии Қазоқистон [27], Ҷумҳурии Қирғизистон, Туркманистон [30], Федератсияи Россия [28; 29] ва Украина [32] ба мақсад мувофиқ мебошад. Бештари ин давлатҳо аъзои ИДМ буда, фаъолияти қонунгузориро асосан мувофиқи тавсияҳои КМҶ ИДМ анҷом додаанд. Ҳамин тавр, соли 1996 Федератсияи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Беларус ва Гурҷистон – соли 1999, Украина соли 2000, Ҷумҳурии Молдова соли 2002 ва Ҷумҳурии Арманистон соли 2003 ба итмом расонидаанд [194, с. 44].

Пас аз пош хӯрдани ИҶШС, Ҷумҳурии Узбекистон дар байни давлатҳои пасошуравӣ пештар аз ҳама Кодекси ҷиноятии худро 22 сентябри соли 1994 қабул намуд, ки он аз 1 апрели соли 1995 ба эътибори қонунӣ гирифт. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон чунин таркибҳои ҷиноятҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст: тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифода аз техникаи компютерӣ (банди «г» қ. 3 м. 167); қаллобӣ ва истифодаи техникаи компютерӣ (банди «в» қ. 3 м. 168); тасарруф бо беиҷозат ворид шудан ба системаи компютерӣ (банди «в» қ. 3 м. 169); вайрон намудани қоидаҳои иттилоотонӣ (м. 174); ғайриқонунӣ ҷамъоварӣ, ифшо кардан ё истифодаи маълумот (м. 191); бадном намудани рақиб (м. 192) [31].

Ғайр аз ин, боби алоҳидаи КҶ Узбекистон ба «Ҷиноятҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ» бахшида шудааст (боби XXI), ки чунин таркиби ҷиноятҳоро дар бар мегирад: вайрон намудани қоидаҳои иттилоотонӣ (м. 287-1); дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ (м. 287-2); бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ё ба соҳибияти каси дигар додан ва паҳн намудану тайёр намудани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои бадастовардани дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи компютерии ҳифзшаванда, инчунин, ба шабакаҳои телекоммуникасионӣ (м. 278-3); тағйир додани иттилооти компютерӣ (м. 278-4); таҳриби компютерӣ (м. 278-5); таҳия, истифода ё паҳн намудани барномаҳои зараровар (м. 278-6); дастрасии ғайриқонунӣ ба шабакаҳои телекоммуникасионӣ (м. 278-7); вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи муомилоти крипто дороиҳо(м. 278-8); ғайриқонунӣ амалӣ намудани фаъолият оид ба майнингҳо (м. 278-9).

Тавре таҳлили Кодекси ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили амнитяи иттилоотӣ пешбинӣ менамоянд, дар тамоми ин кишварҳо мавҷуд мебошанд.

Ҳамин тавр, чунон ки С.С. Шахрай дуруст қайд менамояд; «муқоисаи тамоилҳои асосии инкишофи ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар асоси Кодекси ҷиноятии давлатҳо-аъзои ИДМ, бешубҳа, бо назардошти

нияти умумии ибтидоии қонунгузории онҳо, инчунин, рушди минбаъдаи инфиродӣ дар асоси ғояҳои миллии худ оид ба ҳифзи иттилоот ва амнияти компютерӣ дар давлатҳои дахлдор манфиатдор мебошанд» [194, с. 45].

Дар аксари қонунҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ меъёрҳои махсусе мавҷуданд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ муқаррар мекунанд. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Озарбойҷон (минбаъд КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон) ин ҷиноятҳо «Киберҷиноятҳо» номгузорӣ гардида, дар боби 30 мустаҳкам шудаанд, ки панҷ таркиби ҷиноятро дар бар мегиранд (м.м. 271-273, 273.1, 273.2).

Моддаи 271 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон ба монанди КҶ ҶТ «Дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи компютерӣ» ном дорад. Аммо таркиби ин ҷиноятҳо ҳам монандӣ ва ҳам тафовут доранд. Мутобиқи қ. 1 м. 271 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон, ғайриқонунӣ даромадан ба системаи компютерӣ ҳамчун «барқасдона дохил шудан ба системаи компютерӣ ё ба ин ё он қисмҳои он бидуни ҳуқуқи дастрасӣ ба чунин система ё қисмҳои алоҳидаи он бо вайрон намудани чораҳои муҳофизатӣ, ё бо мақсади бадаст овардани иттилооти компютерии дар он маҳфузбуда ё бо дигар мақсадҳои шахсӣ» [23] муқаррар шудааст.

Дар фарқият аз КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон, дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ таркиби алоҳида буда, ҷавобгарӣ барои он дар м. 301 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Қисми 2. м 271-и КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон дорои аломатҳои бандубастшаванда мебошад, яъне барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, ки такроран, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ, аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад.

Ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда бошад, содир шудани кирдорҳои мазкур нисбати системаи компютерии объектҳои инфрасохтори аҳаммияти ҷамъиятидошта ё қисмҳои алоҳидаи он муқаррар шудааст.

Хусусияти дигари қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон дар он мебошад, ки дар эзоҳи м. 271 КҶ мафҳумҳои «системаи компютерӣ», «иттилооти компютерӣ» ва «объектҳои инфрасохтори аҳаммияти ҷамъияти дошта» муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, зери мафҳуми «иттилооти компютерӣ» иттилооти дилхоҳе (фактҳо, маълумотҳо, барномаҳо ва мафҳумҳо) фаҳмида мешаванд, ки барои кор ва коркард дар системаи компютерӣ коршоям мебошанд.

Хусусияти дигари фарққунанда ин моддаи таъини ҷазо барои ин ҷиноятҳо мебошад. Дар баробари ҷарима, КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон дар қ. 1 м.м. 271 ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар намудааст.

Дар м. 272 КҶ Озарбойҷон бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, яъне «қасдан бо истифодаи воситаҳои техникӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки барои истифодаи омма пешбинашуда тавассути системаи компютерӣ додашаванда, аз системаи компютерӣ ё дохили ин система, аз ҷумла, тавассути афканишоти электромагнитӣ аз системаи компютерии ҳомили чунин иттилооти компютерӣ буда, аз ҷониби шахси барои ин ҳуқуқ надошта» [23], муқаррар шудааст.

Дар КҶ ҶТ бошад, ҷавобгарӣ барои эҷод, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар барои компютерҳо дар ду моддаи алоҳидаи мустақил муқаррар шудааст. Ин м. 302 ва 303-и КҶ ҶТ, яъне барои истеҳсол ва фурӯши воситаҳои махсус барои дастрасии беиҷозат ба система ё шабакаи компютерӣ, таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар мебошад.

Таркиби дигари ҷиноятӣ ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон ғайриқонунӣ дахолат кардан ба системаи компютерӣ ё иттилооти компютерӣ (м. 273) ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин модда, «барқасдона вайрон намудан, несту нобуд кардан, зарар расонидан, тағйир ё муҳосира намудани иттилооти компютерӣ, ки аз ҷониби шахси барои ин

ҳуқуқ надошта содир шуда, боиси расонидани зарари ҷиддӣ шуда бошад» [23].

Дар қ. 2 моддаи мазкур бошад, ҷавобагрӣ барои ба таври ҷиддӣ монеъ шудан ба системаи компютерӣ бо роҳи даровардани тағйирот, зарар, несту нобуд кардан, муҳосираи иттилооти компютерӣ аз ҷониби шахси барои ин ҳуқуқнадошта муқаррар шудааст. Дар эзоҳи м. 273 КҶ Озарбойҷон мафҳуми «монеъаи ҷиддӣ ба кори системаи компютерӣ» ҳамчун халалдор сохтани кори муътадили системаи компютерӣ, ки ҳангоми он имкониятҳои соҳиб ё истифодабарандаи системаи компютерӣ ҷиҳати истифодаи ин система ё мубодилаи иттилоот бо дигар системаҳои компютерӣ ба таври назаррас маҳдуд мегардад, фаҳмида мешавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон таркиби ҷиноятҳои компютерӣ дар боби 7 «Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоотонӣ ва алоқа» мустаҳкам шуда, 9 таркиби ҷиноятиро дар бар мегирад. Таркибҳои ҷиноятҳо ба муқоибли амнияти иттилоотӣ ба таркибҳои ҷиноятии дар КҶ ҶТ пешбинигардида монанд мебошанд. Ҳамзамон, КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон кирдорҳоеро дар бар мегирад, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ нагардидаанд. Ҳамин тавр, м. 209 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон барои маҷбур намудан ба додани иттилоот, м. 211. ғайриқонунӣ паҳн намудани захираҳои электронии иттилоотии дастрасиашон маҳдуд; м. 212. хизматрасонӣ оид ба ҷойгиркунии захираҳои интернетӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Инчунин, дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҷавобгарии ҷиноятӣ «барои ғайриқонунӣ тағйир додани рамзи идентификасионии таҷҳизоти алоқаи мобилӣ, дастгоҳи муайянкунии муштариён, инчунин, таҳия, истифода, паҳн намудани барномаҳо барои тағйир додани рамзи мушаххаси дастгоҳи абонентӣ» [27] ворид гардид ( м. 213 КҶ).

Моддаи мазкури КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон барои қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ нав аст. Моддаи мазкур аз 3 қисм иборат буда,

қисмҳои якум ва дуюм ҷавобгариро барои таркибҳои вазнинкунанда муқаррар мекунанд.

Тибқи қ. 1 м. 213 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон «ғайриқонунӣ тағйир додани рамзи мушаххаси дастгоҳи муштарии мобилӣ бе розигии истеҳсолкунанда ё соҳиби қонунӣ алоқа, сохтани дубликати корти мушаххаси муштарии мобилӣ» [27] ҷиноятӣ мебошад.

Дар қисми дуюми ҳамин модда «барои ғайриқонунӣ сохтан, истифода бурдан, паҳн намудани барномаҳое, ки имкон медиҳанд рамзи мушаххаси дастгоҳи муштарии мобилиро тағйир диҳад ё сохтани дубликати корти мушаххаси муштарии мобилӣ» [27] ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

Қисми сеюми м. 213 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон танҳо як аломати вазнинкунандаро муқаррар намудааст, ки боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии пурзур мегардад, яъне кирдорҳои дар қ. 1-2 м. 213 КҶ пешбинишуда, ки аз тарафи гурӯҳи ҷиноятӣ содир шуда бошанд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо барои такмили минбаъдаи КҶ ҶТ соҳаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ саривақтӣ мебошад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Туркманистон ҷиноятҳои компютерӣ дар боби XXXIII «Ҷиноятҳо дар соҳаи информатика ва алоқа» муқаррар шудааст, ки 11 таркиби ҷиноятро пешбинӣ намудааст (м. 373-383 КҶ).

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон (минбаъд КҶ Ҷумҳурии Туркманистон) дар моддаи 381 КҶ барои ҷойгиркунии захираҳои интернетӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Дар қ. 1 м. 381 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон такрибӣ ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: «ҷойгир намудани захираҳои интернетӣ бо мақсадҳои ғайриқонунӣ, инчунин, дидаву дониста расонидани хизматҳои ғайриқонунӣ оид ба пешниҳод намудани маҷмуи барномаҳои техникӣ дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникасионӣ ба таври ошкоро амал менамоянд» [30].

Ба андешаи мо, дар КҶ ҶТ пешбинӣ намудани чунин таркиби ҷиноятӣ мувофиқи мақсад мебошад, зеро чунин кирдорҳо дар шароити имрӯзаи рушди технологияҳои иттилоотӣ хело зиёд ба назар мерасанд. Ворид намудани чунин таркиби алоҳида барои муборизаи босамар ба муқобили чунин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок мувофиқи мақсад мебошад.

Дар КҶ Туркманистон, ба қатори ҷиноятҳои компютерӣ, инчунин, таркиби ҷиноятҳое муқаррар шудаанд, ки дар КҶ ҶТ ҷой надоранд. Масалан, дар м. 380 КҶ Туркманистон ҷавобгарӣ барои «ғайриқонунӣ паҳн намудани иттилооте, ки ба он қонунгузорӣ маҳдудияти иҷозатдиҳиро нисбат ба соҳиб ё шахсони дорои он гузоштааст, аз ҷумла, манбаҳои иттилооте, ки дорои маълумотҳои шахсии шаҳрвандон мебошанд; дидаву дониста паҳн намудани иттилоотҳои бардуруғ, агар ин боиси ба таври назаррас халалдор шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷомеа ва давлат гашта бошад ё метавонист боиси таҳдиди воқеии халалдор шудани тартиботи ҷамъиятӣ гардад» [30] (м. 378 КҶ).

Дар КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон ҷиноятҳои компютерӣ дар боби 40 «Ҷиноятҳо ба муқобили кибер-амниятӣ» пешбинӣ шудаанд. Дар байни қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ КҶ Қирғистон аз ҳама шумораи ками чунин ҷиноятҳоро муқаррар намудааст. Зеро боби мазкури КҶ Қирғизистон танҳо чор таркиби ҷиноятро муттаҳид менамояд:

Дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютерӣ ва ҳуҷҷатҳои электронӣ дар системаи иттилоотӣ ё шабакаи алоқаи барқӣ (м. 319 КҶ); таҳияи маҳсулоти зарароварӣ барномавӣ (м. 320); таҳрибии киберӣ (м. 321) ва ба таври оммавӣ паҳн намудани паёмҳои электронӣ (м. 322 КҶ).

Таркиби ҷиноятe дар м. 322 пешбинӣ гардидааст, ки ба КҶ ҶТ хос намебошад. Моддаи 322 КҶ Қирғизистон «Паҳнкунии оммавии паёмҳои электронӣ» ҷавобгарии ҷиноятиро барои «Паҳни оммавии паёмҳои электронӣ», ки бе ризоияти пешакии гирандагони чунин иттилоот анҷом дода шудааст, ки сабаби вайрон ё қатъ гардидани кори барномаҳо,

системаҳои телекоммуникатсионӣ, таҷҳизот ва терминалҳои абонентӣ гардидааст, муқаррар намудааст.

Кодекси ҷиноятии Украина (минбаъд КҶ Украина), ки аз 1 сентябри соли 2001 эътибор пайдо кард. Ҷиноятҳои компютерӣ дар фасли XVI пешбинӣ шуда, ин гурӯҳи ҷиноятҳо ҳамчун «Ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи мошинҳои электронии ҳисоббарорӣ (компютерҳо), системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ, шабакаҳои алоқаи барқӣ» номгузорӣ шудаанд, ки аз таркибҳои зерин иборат мебошад:

а) Моддаи 361 «Дахолати ғайриқонунӣ ба корӣ системаҳои иттилоотӣ, коммуникасионии барқӣ, иттилоотии коммуникасионӣ, шабакаҳои барқии коммуникасионӣ»;

б) Моддаи 361-1 КҶ «Сохтан бо мақсади истифодаи ғайриқонунӣ, паҳн кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани барномаҳои зараровар ё воситаҳои техникӣ, инчунин паҳн ва ба соҳиби каси дигар додан»;

в) Моддаи 361-2 КҶ «Фурӯш ё паҳн кардани ғайриқонунии маълумоти дорои маҳдудияти дастрасӣ, ки дар компютерҳо, системаҳои автоматӣ, шабакаҳои компютерӣ ё дигар воситаҳои нигоҳдории маълумот ҳифз мешаванд»;

г) Моддаи 362 КҶ «Ҳаракатҳои ғайриқонунии марбут ба маълумот дар компютерҳо, системаҳои автоматӣ, шабакаҳои компютерӣ ё воситаҳои нигоҳдории маълумот коркард мешаванд ва аз ҷониби шахсе содир мешаванд, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба чунин маълумотро дорад»;

д) Моддаи 363 «Вайрон кардани қоидаҳои истифодаи компютерҳо, системаҳои автоматӣ, шабакаҳои компютерӣ ё шабакаҳои иттилоотӣ ё тартиб ва қоидаҳои ҳифзи маълумот, ки дар онҳо коркард мешаванд» [32].

Дар баробари ин, тибқи тавсияи КМД ИДМ объекти намудии ҷиноятҳои баррасишаванда дар КҶ Ҷумҳурии Беларус дар фарқият аз КҶ ҶТ амнияти компютерӣ мебошад. Таркиби ҷиноятҳои дар боби 31 КҶ Ҷумҳурии Белорус ҷойгиршуда тақрибан бо таркиби ҷиноятҳои боби 28 КҶ ҶТ наздики дошта, аз инҳо иборат мебошад: дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ

(м. 349); нesту нобуд, муҳосира ё тағйир додани иттилооти компютерӣ (м. 350); ғайриқонунӣ бадаст овардани иттилооти компютерӣ (м. 352); коркард, истифода, паҳн намудан ё ба соҳибияти каси дигар додани барномаҳои компютерӣ ё воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ (м.354 КҶ); вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (м. 355 КҶ).

Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ, метавон чунин хулоса кард, ки объекти намудии ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои гуногун бо истилоҳҳо ва мафҳумҳои мухталиф номбар ва муайян карда шудаанд:

Иттилооти компютерӣ – мувофиқи КҶ ФР.

Амнияти компютерӣ – КҶ Ҷумҳурии Белорус.

Ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи мошинҳои электронии ҳисоббарор (компютерҳо), системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ, шабакаҳои алоқаи барқӣ – КҶ Ҷумҳурии Украина.

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти киберӣ – мувофиқи КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон.

Ҷиноятҳо дар соҳаи информатика ва алоқа – КҶ Ҷумҳурии Туркманистон.

Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоотонӣ ва алоқа – мувофиқи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон.

Киберҷиноятҳо – мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон.

Ҷиноятҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ – мувофиқи КҶ Ҷумҳурии Узбекистон.

Ҷиноятҳои иттилоотӣ ва ҷиноятҳо дар соҳаи коммуникатсияи электронӣ – мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Молдова.

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти низоми компютерӣ ва иттилооти компютерӣ – Ҷумҳурии Арманистон.

Дар робита бо ин С.С. Шахрай қайд менамояд, ки дар Кодекси ҷиноятии як қисми давлатҳои пасошуравӣ объекти намудиро доираи аз ҳад зиёди муносибатҳои иҷтимоӣ ифода мекунанд, ки аз нуқтаи назари тафриқаи

низоми гурӯҳҳои ҷиноятҳои якхела дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда муайян карда шудааст, ба таври кофӣ асоснок карда намешавад [194, с. 47-48]. Кодексҳои ҷиноятии баъзе давлатҳои пасошуравӣ тақсимоти дохилӣ ба фаслҳо надоранд, балки танҳо бо тафриқа ба бобҳо маҳдуд мешаванд, ки амалан объекти хелии ҷиноятҳоро дар соҳаи иттилооти компютерӣ ҷудо кардан ғайриимкон аст. Намунаҳои чунин қонунгузорӣ КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, КҶ Ҷумҳурии Украина мебошанд.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошурваӣ ба мо имкон дод, ки як гурӯҳи алоҳидаи мафҳумҳои иттилооти компютериро ҳамчун предмети ҷиноятҳои баррасишаванда дар асоси муттаҳидсозии онҳо дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии давлатҳои мазкур ҷудо кунем. Масалан, дар КҶ Федератсияи Русия иттилооти компютерӣ ҳамчун «маълумоти дар шакли сигналҳои барқӣ, новобаста аз воситаҳои нигоҳ доштан, коркард ва интиқоли онҳо» [28] шарҳ дода мешавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Беларус – онҳо ҳамчун «маълумотҳое, ки дар системаи компютерӣ, шабака ё дар ҳомии мошинӣ нигоҳ дошта мешаванд» [25]. Дар Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон «маълумоти дар системаҳои иттилоотӣ-ҳисоббарорӣ, шабакаҳо ва қисмҳои таркибии онҳо нигоҳдошташаванда» [31] ҳамчун иттилооти компютерӣ эътироф мешаванд.

Ҳамин тавр, набудани истилоҳоти возеҳ ва якхела дар Кодекси ҷиноятии кишварҳои гуногун ба ихтилофот дар муайян кардани мазмун ва мундариҷаи иттилооти компютерӣ ҳамчун объекти таҷовузи ҷиноятӣ оварда мерасонад. Ин мушкилот на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ барои ташаккули консепсияи ягонаи мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ монеа эҷод мекунад.

Ҳангоми таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ) ба шумораи таркиби ин намуди кирдорҳои ҷиноятӣ

ва алоқамандии онҳо бо таркибҳои шабеҳ, ки дар КҶ ҶТ мавҷуданд, зарур мебошад.

КҶ давлатҳои пасошуравӣ шумораи гуногуни таркиби ҷиноятҳои компютерӣ, масалан, дар КҶ Молдова – 12, Ҷумҳурии Туркманистон – 11, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон – 9, ФР, Украина – 6, Ҷумҳурии Белорус – 5, Ҷумҳурии Қирғизистон – 4 муқаррар шудаанд.

Илова бар ин, таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ нишон дод, ки Кодексҳои ҷиноятии мавҷудаи давлатҳои пасошуравӣ тамоми номгӯйи амалҳои ғайриқонунии содиршударо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (маълумоти компютерӣ) фаро намегиранд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи муқоисаи қонугузории давлатҳои пасошуравӣ бояд қайд намуд, ки онҳо дар маҷмуъ зиёда аз се таркиби ҷиноятҳои ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номаълумро дар бар мегиранд:

а) бо мақсадҳои ғайриқонунӣ ҷойгир намудани захираҳои интернетӣ инчунин, дидаю дониста расонидани хизматҳои ғайриқонунӣ доир ба пешниҳоди маҷмуи барномаҳои техникӣ, ки дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ошкоро амал мекунанд (м. 381 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон);

б) Паҳнкунии оммавии паёмҳои электронӣ, ки бе ризоияти пешакии гирандагони чунин паёмҳо анҷом дода шуда, боиси халалдор шудан ё қатъ гардидани кори маҳсулоти барномавӣ, системаҳои телекоммуникатсионӣ, таҷҳизот ва терминалҳои абонентӣ гардидааст (м. 322 КҶ Қирғизистон).

в) таркиби ҷинояти дар м. 213 КҶ Ҷумҳурии Қазокистон пешбинишуда дар намуди «ғайриқонунӣ тағйир додани рамзи мушаххаси дастгоҳи мобилӣ, тайёр намудани нусхаи картаи мушаххасгардонии абоненти алоқаи мобилӣ, агар чунин кирдор бе розигии истеҳсолкунанда ё соҳиби қонунии он анҷом дода шуда бошад (м. 213 КҶ).

г) вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи муомилоти крипто дороиҳо (м. 278-8); ғайриқонунӣ амалӣ намудани фаъолият оид ба майнингҳо ( м. 278-9 КҶ Узбекистон).

Меъёрҳои мазкур мумкин аст барои такмил додани КҶ ҶТ истифода шаванд.

Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои Ғарб ва Шарқи Дур бошанд, аз он нуқтаи назар ҷолиби диққат мебошанд, ки дар ин кишварҳо то қабули КМҶ ИДМ қонунҳо мавҷуд буданд. Онҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекарданд. Ин қонунҳо се объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро, аз қабили: хизматрасонӣ, моликият ва иттилоот ҳангоми таҷовузҳо ба компютерӣ ҷудо мекунанд [137, с. 16-19].

Аксари муҳаққиқони ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ қайд мекунанд, ки аввалин ҷинояти компютерӣ дар ИМА содир шудааст [166, с. 155]. Ҳамин тариқ, дар ИМА ҷиноятҳои компютерӣ дар охири солҳои 70-ум пайдо шуданд. Аз он вақт инҷониб, савол ба миён омад, ки то чӣ андоза қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ эҳтиёҷоти мубориза бо ҷиноятҳои компютериро пешбинӣ мекунад. Муҳаққиқони амрикоӣ ба хулосае омаданд, ки қонунгузорӣ ба қонунҳои нав ниёз дорад, ки ба муқобили бо падидаҳои қаблан номаълум нигаронида шуда бошад [139, с. 207].

Аввалин лоиҳаи қонун дар бораи ҳифзи системаҳои компютерии федералӣ дар соли 1977 пешниҳод гардид. Дар соли 1979, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико «Санади ҳифзи системаҳои компютерӣ»-ро қабул намуд, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳои зерин муқаррар мекард: ба системаи компютерӣ дохил намудани маълумоти бардуруғ; ғайриқонунӣ истифода кардани таҷҳизоти компютерӣ; халалдор кардан ё тағйир додани равандҳои коркарди иттилоот; дуздии дороиҳо тавассути истифодаи технологияҳои компютерӣ [42, с. 88].

Баъдан ба қонуни мазкур борҳо тағйирот ворид карда шуда, пурра карда шуд.

Ин санад ҳоло ҳамчун § 1030 дар Титули 18 Кодекси ИМА ворид шудааст ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳое муқаррар мекунад, ки предмети онҳо «компютер» ё маълумоти дар он мавҷудбуда мебошад.

Тибқи ин қонун, компютер ба таври зайл муайян мешавад:

Компютере, ки дар истифодаи истиснoии муассисаҳои давлатӣ ё молиявӣ қарор дорад, ё компютере, ки ҳангоми истифода дар ҳукумат ё муассисаҳои молиявӣ осеб дидааст.

Компютере, ки ҷузъи система ё шабакае мебошад, ки унсурҳои он дар зиёда аз як штати ИМА ҷойгиранд.

Қонун ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳолатҳои зерин пешбинӣ мекунад:

Дастрасии беиҷозат: ҳолатест, ки шахсе, ки ваколат надорад, ба компютер ё системаҳои компютерӣ аз берун ворид шуда, онҳоро истифода мебарад. Ин ҳаракатҳо метавонанд боиси вайрон шудани махфияти маълумот, халалдор гардидани кори система ё дуздии маълумот гарданд.

Сӯиистифода аз дастрасии иҷозатдодашуда: ҳолате буда шахсе, ки дастрасии қонунии ваколатдор ба компютер ё системаи компютерӣ дорад, аз ин ваколат берун рафта, ба маълумоти ба доираи салоҳияти ӯ дохил нашуда, дастрасӣ пайдо мекунад. Чунин ҳаракат метавонад истифодаи ғайриқонунии маълумоти ҳифзшуда ё махфиро дар бар гирад.

Бо меъёрҳои ин қонун чунин ҷиноятҳои компютерӣ пешбинӣ шудаанд:

Ҷосусии компютерӣ – дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бо мақсади гирифтани маълумоти махфӣ.

Дастрасии беиҷозат – ворид шудан ба иттилооти компютерӣ бе иҷозати соҳиби он.

Сӯиистифода аз дастрасии иҷозатдодашуда – истифодаи иҷозати дастрасӣ ба иттилоот ба таври ғайриқонунӣ ё бо нияти зараровар.

Таъсир ба компютерҳои ҳукуматӣ – вайрон кардани кори компютере, ки пурра ё қисман аз ҷониби Ҳукумати ИМА ё муассисаҳои давлатӣ истифода мешавад.

Қаллобӣ бо истифодаи компютер – ба даст овардани манфиатҳо тавассути истифодаи қаллобонаи компютер, аз ҷумла, истифодаи ғайриқонунии вақти компютерӣ ба маблағи беш аз 5000 доллари ИМА дар як сол. Инчунин, истифодаи шабакаҳои компютерӣ ва серверҳо бе пардохти зарурӣ.

Зарар расонидан ба компютер – қасдан ё беэҳтиётона халал расонидан ба кори компютерҳои муҳофизатшаванда.

Қаллобӣ тавассути савдо бо паролҳо – фурӯши рамзҳои компютерӣ ё маълумоте, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳоро имкон медиҳад, агар чунин савдо ба тиҷорат байни давлатҳо ё ба компютерҳои ҳукуматӣ таъсир расонад.

Таҳдид ва тамаъҷӯйи – истифодаи компютер барои таҳдид, иръоб (шантаж) ё амалиётҳои ғайриқонунии дигари марбут ба тамаъҷӯйӣ.

Ҳамин тавр, қонунгузории ИМА доираи васеъи ҷиноятҳои компютериро муқаррар намудааст, ки аз хусусиятҳои низоми ҳуқуқии ин давлат вобаста мебошад.

Бештари пажӯҳишгарон наздикшавии ду низоми ҳуқуқӣ-англосаксонӣ ва континенталӣ қайд менамоянд. Имрӯзҳо ҷиноятҳои компютерӣ дар ИМА бештар маъмул шуда истодаанд, сабаби ин вобаста ба компютеризатсияи умумии кишвар аст, гарчанде шумораи умумии онҳо маълум нест. Тибқи ҳисобҳои тахминии пажӯҳишгарони амрикоӣ, ҳисорот аз ин гуна ҷиноятҳо ҳамасола миллиардҳо долларро ташкил медиҳад [136, с. 58]. Дар ИМА таърифи умумӣ қабулшуда, ки ҷинояти компютерӣ чӣ маъно дорад вуҷуд надорад.

Ғайр аз ин, ҳар як иёлоти ИМА қонунҳои алоҳидаи худро дошта, дар онҳо низ ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ муқаррар мешавад.

Дар соли 1986 дар Кодекси ҷиноятӣ Олмон (1987) якчанд ислоҳоти нав ворид карда шуд, ки тавсифи ҷиноятҳои компютериро дар бар мегиранд [33; 34]. Дар ин Кодекси ҷиноятӣ, айни замон ягон боб ё фасли махсус ба ҷиноятҳои компютерӣ бахшида нашудааст. Меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар бар мегиранд, дар фаслҳои Қисми махсуси кодекс пароканда ҷойгир гардидаанд. Илова ба кодекси ҷиноятӣ дар соли 1994 Қонуни федералии «Дар бораи ҳифзи иттилоот» қабул карда шуд. Дар § 43-44-и Қонуни мазкур, «ғайриқонунӣ ба даст овардани

маълумот барои худ ё шахси дигар, агар онҳо аз дастрасии беиҷозат махсус муҳофизат карда шуда бошанд» бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 1 то 2 сол ё ҷарима ба андозаи то панҷоҳ ҳазор евро ҷазо дода мешавад.

Кодекси ҷиноятии Олмонро таҳлил намуда, И. Сало қайд менамояд, ки меъёрҳои зеринро метавон ба ҷиноятҳои соҳаи иттилооти компютерӣ мансуб кард.

Дар фасли 15, ки ба вайрон намудани дахлнопазирӣ ва сирри шахсӣ бахшида шудааст, чунин ҷиноятҳо пешбинӣ шудаанд: § 202а – Ба даст овардани ғайриқонунии иттилооте, ки онро метавон ба тарзи электронӣ ё бо дигар роҳ такрор, истифода ё интиқол дод; § 268 – Ҳаракатҳое, ки ба сохтакорӣ ё истифодаи сабтҳои техникии қалбакӣ равона шудаанд; § 269 – Сохтакории маълумоте, ки аҳаммияти далелӣ доранд; § 274 – Ҳаракатҳои шахсоне, ки бо мақсади несту нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ё сабтҳои техникӣ анҷом дода мешаванд; тағйир ё пинҳон менамоянд; § 303а – ҳаракатҳои шахсе, ки ғайриқонунӣ маълумотҳоро бекор, несту нобуд, корношоям ё тағйир медиҳанд; § 303b – таҳриби компютерӣ (коркарди иттилоот бо роҳи нобуд кардан, вайрон кардан, корношоям ё нест намудани дастгоҳи коркарди иттилоот ё васоити иттилоотӣ) [181, с. 37].

Ҳамин тавр, КҶ Олмон дар бобҳои гуногун ҷавобгарии ҷиноятиро барои чунин таркиби ҷиноятҳо муқаррар намудааст:

§ 202а – Ба таври ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооте, ки онро дубора аз нав истеҳсол, интиқол ё ба тариқи электронӣ, магнитӣ ё дигар роҳҳо истифода бурдан мумкин аст.

§ 268 – Сохтакорӣ ё истифодаи сабтҳои бардурӯғи техникӣ.

§ 269 – Сохтакории иттилоот бо мақсади пешниҳоди далел дар суд.

§ 274 – Нест кардан, тағйир додан ё пинҳон намудани сабтҳои техникӣ.

§ 303а – Ғайриқонунӣ бекор кардан, нест кардан, корношоям намудан ё тағйир додани иттилоот.

§ 303б – Халалдор намудани коркарди иттилоот бо роҳи нобуд кардан, вайрон намудан, корношоям кардан ё нест намудани дастгоҳҳои коркарди маълумот ё васоити нигоҳдорӣ.

§ 206 – Вайрон намудани сирри алоқаи телекоммуникатсионӣ.

§ 317 – Дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти дастгоҳҳои телекоммуникатсионӣ.

Ин таркиби ҷиноятҳо ба кирдорҳое дахл доранд, ки дар фазои компютерӣ ё бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд.

Илова бар ин, Кодекси ҷиноятии Олмон дар фасли 22 «Қаллобӣ» § 263а як намуди мустақили қаллобӣ «Қаллобии компютерӣ»-ро муайян менамояд. Қаллобӣ бо компютер амали барқасдона бо мақсади ба даст овардани фоидаи молумулкӣ ба худ ё шахсони сеюм фаҳмида мешавад, ки дар расонидани зарар ба молу мулки шахси дигар бо роҳи таъсир расонидан ба коркарди маълумот тавассути сохтакории нодурусти барномаҳо, истифодаи маълумоти нодуруст, истифодаи беиҷозати маълумот ё таъсири дигар ба натиҷаи коркарди маълумот ифода меёбад (§ 263а КҶ Олмон). Дар муқоиса бо дигар ҷиноятҳои дар боло номбаршуда ба муқобили амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ), танҳо қаллобии компютерӣ таркиби ҷиноятие мебошад, ки дорои аломатҳои бандубастшванда мебошад.

Дар КҶ Олмон чунин аломатҳои бандубастшвандаи қаллобии компютерӣ муқаррар карда шудаанд:

а) дар ҳайати гурӯҳ;

б) ба миқдори калон;

в) содир намудани ҷиноят дар ҳолати вобастагии иқтисодӣ қарор доштани шахс;

г) сӯйистифода аз мансаб.

Барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ) чунин ҷазоҳои алтернативӣ пешбинӣ шудаанд, ки ду намуди имконпазири ҷазоро муқаррар мекунанд: маҳрум сохтан аз озодӣ ба

муҳлати муайян (§ 303а - то 2 сол, § 202а, 206 – то 3 сол, § 263а, 268, 269, 274, (§ 303б), 317 – то 5 сол) ё ҷарима.

Пас аз таҳлили меъёрҳои КҶ Олмон ва муқоиса намудани меъёрҳои мазкур бо меъёрҳои КҶ ҶТ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ намудани таркиби мустақили ҷиноят «қаллобии компютерӣ» мувофиқи мақсад мебошад. Ҷойгиркунии меъёрҳо оид ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (маълумоти компютерӣ) дар бахшҳои алоҳидаи КҶ афзалиятҳоро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Дар тафовут аз КҶ ҶТ, иттилоот дар бораи ҳаёти шахсӣ ва иттилоотӣ барои корхонаю ташкилотҳо муҳим дар таркибҳои алоҳида ҳифз мегарданд (§ 202а ва § 303б-и КҶ Олмон).

Дар КҶ Испания низ ба монанди КҶ Олмон таркиби ҷиноятҳои компютерӣ ба таври низомнок пешбинӣ нашуда, чунин таркибҳо дар боб ё фаслҳои алоҳидаи қонуни ҷиноятӣ муқаррар шудаанд. Масалан, дар м. 197 КҶ таркиби ҷинояти ошкор ва паҳн намудани маълумотҳои махфӣ бидуни розигии соҳиби он, аз ҷумла маълумотҳо аз почтаи электронӣ, маълумотҳои дар базаҳои иттилоотӣ нигоҳдошташаванда муқаррар шудааст. Дар м.м. 198, 199 КҶ ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳо муайян шудааст, ки аз ҷониби шахси барои кор бо чунин маълумотҳо ваколатдоршуда ё бо истифода аз ваколатҳои хизматӣ содир шуда бошад. Дар м. 263 КҶ Испания бошад, ҷавобгарӣ барои истифодаи телекоммуникасия бидуни розигии молик муқаррар шудааст, ки агар он боиси расонидани зарар гардад.

Моддаи 200-и КҶ Испания барои шахсе, ки иттилооти махфиро дар бораи шахсони ҳуқуқӣ бе огоҳии намояндагони онҳо ифшо мекунад ё ба шахсони дигар месупорад, ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Дар КҶ Испания ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ баробар ҳифз карда мешаванд, дар маҷмуъ, меъёрҳои м. 197 ва м. 200-и КҶ Испанияро бо моддаҳои 144-146-и КҶ ҶТ муқоиса кардан мумкин аст. Аммо дар меъёрҳои КҶ ҶТ аломати махсус – муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ

барои истифодаи ғайриқонунии иттилооти компютерӣ (иттилооте, ки дар муҳити дохили компютер ҷойгир аст), дар навбати худ, моддаи 298-и боби 28-и КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани сирри шахсӣ ва сирри шахси ҳуқуқӣ, ки бо истифода аз компютер содир шудааст, пешбинӣ нашудааст.

Моддаи 264-и КҶ Испания барои «ҳар шахсе, ки маълумот, барномаҳо ё ҳуҷҷатҳои электронии шахси дигарро, ки дар шабака, дастгоҳ ё системаҳои иттилоотӣ ҷойгир аст, бо ягон роҳ нобуд, вайрон, корношоям гардонад ё ба тариқи дигар зарар расонад Дар м. 248 КҶ бошад, барои қаллобии компютерӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд» [26].

Моддаи 270-и Кодекси ҷиноятии Испания ҷавобгарии ҷиноятиро дар ҳолатҳои зерин пешбинӣ менамояд;

«– агар шахс бо мақсади фоида ва бар зарари шахси сеюм асари адабӣ, бадеӣ ё илмӣ, пурра ё қисман нусхабардорӣ, плагиат, паҳн ё муоширати ошкоро содир кунад;

– агар ҳама гуна мутобиқсозӣ, тафсир ё иҷрои бадеии он, ки дар ҳама гуна васоити ахбори омма сабт шудааст ё ба ҳар роҳ бе иҷозати соҳибони ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ё вогузоркунандагони дахлдор ирсол намояд;

– агар нусхаҳои асарҳо ё намоишҳои номбаршударо бидуни иҷозати мувофиқ қасдан ворид, содир ё нигоҳ дорад;

– агар барои истеҳсоли оммавӣ ё доштани усули мушаххас, ки боздошт ё безараргардонии воситаҳои техникӣ, ҳифзи барномаҳои компютерӣ осонтар мекунад, ҷавобгарии ҷинояти пешбинӣ менамояд. Моддаи 278-и КҶ Испания барои гирифтани иттилоот, ҳуҷҷатҳои хаттӣ ё электронӣ, дастгоҳҳои иттилоотӣ ё дигар ашёе, ки сирри тиҷоратӣ мебошанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст» [26].

Ҳамин тавр, КҶ Испания барои кирдорҳои зерин, ки бо истифода аз компютер содир шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст:

а) ошкор ва паҳн намудани маълумотҳо аз почтаҳои электронӣ, маълумотҳои дар базаи маълумотҳо маҳфузбуда;

б) қаллобии компютерӣ;

в) сохтакорӣ;

г) ба даст овардан, супоридан, тағйир додан ё несту нобуд намудани иттилоотӣ аз ҷониби қонунгузории дастрасиаш маҳдуд, ки бо амнияти миллӣ ё мудофиаи миллӣ алоқаманд мебошанд.

КҶ Испания барои содир намудани ҷиноятҳои компютерӣ, вобаста ба хусусияти иттилоотӣ бадастовардашаванда, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин ҷиноятҳо ҷазоҳои гуногунро пешбинӣ намудааст, ба монанди ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ, ки ба муҳлатҳои гуногун таъин карда мешаванд.

Хусусияти қонунгузории ҷиноятии Ҳолланд дар мавриди мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ аз он иборат мебошад, ки дар давлати мазкур Кумитаи машваратӣ оид ба ҷиноятҳои компютерӣ фаъолият намуда, он дар такмили қонунгузории ҷиноятии ин кишвар дар самти таҳияи таркиби ҷиноятҳои компютерӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Маҳз бо тавсияҳои Кумитаи мазкур ба таркиби ҷиноятҳои компютерӣ тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд [169, с. 50].

Раёсати иттилоотии полис дар Ҳолланд ҷиноятҳои компютериро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунад:

Компютер ҳамчун объекти ҷиноят – Дар ин ҳолатҳо худи компютер, системаҳои иттилоотӣ ё маълумоте, ки дар онҳо маҳфузанд, ҳадафи асосии ҷиноят мебошанд, масалан:

Дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумот;

Дуздии иттилоот;

Осеб расонидан ба системаҳои компютерӣ.

Компютер ҳамчун василаи содир кардани ҷиноят. – Дар ин ҳолат компютер ҳамчун воситаи амалӣ кардани ҷиноят истифода мешавад. Масалан:

Қаллобии онлайнӣ;

Паҳн намудани вирусҳо ва барномаҳои зараровар;

Шабакаҳои тақаллубӣ ё ҳамлаҳои киберӣ.

Аз соли 1987, Раёсати иттилоотии полиси Нидерландия таснифоти зеринро барои таҳлили ҷиноятҳои компютерӣ истифода мебарад:

«Қаллобии компютерӣ – Истифодаи компютер барои фиреб додан, гирифтани манфиатҳо ё зарар расонидан ба дигарон. Масалан:

Қаллобӣ бо корти бонкӣ;

Дастрасӣ ба ҳисобҳои шахсии онлайнӣ барои тасарруфи маблағҳо.

Террори компютерӣ – амалҳое, ки ба осеби ҷиддӣ расонидан ба системаҳои компютерӣ ё халалдор кардани кори онҳо равона шудаанд. Ин амалҳо шомили:

а) Истифодаи дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳо;

б) Паҳн кардани барномаҳои зараровар (вирусҳо, троянҳо);

в) Осеби физикӣ ба таҷҳизоти компютерӣ ё системаҳои алоқа.

Дуздии барномаҳо ва таҷҳизоти компютерӣ – нусхабардорӣ ё истифодаи ғайриқонунии барномаҳои нармафзорӣ ё тасарруфи таҷҳизоти компютерӣ, ки моликияти қонунӣ доранд.

Несту нобуд кардани компютерҳо – ҷиноятҳое, ки тавассути нобудсозӣ, тағйир ё пинҳон намудани системаҳо ё таҷҳизоти компютерӣ содир мешаванд. Категорияи боқимонда ин категория ҳамаи ҷиноятҳои дигари компютериро дар бар мегирад, ки ба категорияҳои болозикр дохил намешаванд. Масалан:

Содир кардани ҷиноятҳои омехта, ки компютерҳо ва воситаҳои дигари техникӣ иштирок доранд;

Паҳн кардани маълумоти ғайриқонунӣ ё номатлуб» [172, с. 83-84].

Илова бар ин, дар соли 1993, Ҳоланд Қонуни ҷиноятҳои компютериро қабул кард, ки он Кодекси ҷиноятии Ҳолландро бо таркибҳои нави зерин пурра намуд:

а) дастрасии беиҷозат ба шабакаҳои компютерӣ (моддаи 138а (1) Кодекси ҷиноятии Ҳолланд);

б) нусхабардории беиҷозат аз маълумот (моддаи 138а (2) Кодекси ҷиноятии Ҳолланд);

в) саботажи компютерӣ ва паҳншавии вирусҳо (моддаи 350а (1), 350б (1) Кодекси ҷиноятии Ҳолланд);

г) ҷосусии компютерӣ (моддаи 273 (2) Кодекси ҷиноятии Ҳолланд).

Ғайр аз ин моддаҳо м. 161-6-и Кодекси ҷиноятии Ҳолланд қасдан несту нобуд кардан, вайрон кардан ё корношоям гардонидани системаҳои автоматикунонидашудаи коркард, нигоҳдории иттилоот, системаҳои телекоммуникатсионӣ, халалдор намудани фаъолияти ин системаҳо, вайрон намудани самаранокии ҳама гуна чораҳои таъмини амниятро ҷиноят мешуморад. Агар ҳангоми содир намудани ҷиноят ба мол ё хизматрасониҳои пешниҳодгардида зарраси ҷиддӣ расонида шавад, таркиби ҷиноят бандубастшаванда мегардад.

Ҷазоҳо барои чунин ҷиноятҳо тибқи Кодекси ҷиноятии аз озодӣ маҳрум намудан ба муҳлати аз 3 моҳ то 6 сол ва ҷарима пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, якҷоякунии навъҳои асосӣ ва иловагии ҷазо пешбинӣ карда нашудааст. Кодекси ҷиноятии Нидерландия барои мубориза бо намудҳои гуногуни ҷиноятҳои компютерӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, дар баробари қоидаҳои махсус, ҳолатҳои бандубастшавандаро дар меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд [169, с. 53].

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар Кодекси ҷиноятии Фаронса (минбаъд КҶ Фаронса) низ пешбинӣ шудаанд. КҶ Фаронса таркибҳои зиёди ҷиноятҳо ба муқобили иттилооти компютерӣ (амнияти иттилоотӣ) -ро дар бар мегирад.

Дар КҶ Фаронса м.м. 323-1-323-3 бевосита ҷавобгариро барои якчанд ҷиноятҳое пешбинӣ месозад, ки бо системаи автоматикунонидашудаи коркарди иттилоот вобаста мебошанд: дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи автоматикии коркарди иттилоот; монеъ шудан ё халалдор сохтани кори муътадили чунин система; ғайриқонунӣ дохил кардан ё несту нобуд намудани иттилоот дар систамаи автоматикии коркарди иттилоот бо роҳи фиреб алоқаманд мебошанд.

Инчунин, КҶ Фаронса ҷавобгариро барои таҷовуз ба ҳаёти шахс, ки бо истифодаи картотекаҳо ва коркард маълумот дар мошинҳои ҳисобии барқӣ алоқаманданд пешбинӣ месозад. Дар м.м. 266-16-226-22 КҶ Фаронса чунин кирдорҳо ба сифати ҷиноят муқаррар шудаанд: коркарди автоматикии маълумоти шахсӣ бе риояи расмиёти дар қонун муқарраршуда, ки пеш аз ин бояд амалӣ шаванд; коркарди автоматикии маълумотҳои фардӣ бидуни таъмин намудани ҳифзи чунин маълумотҳо аз халалдор шудан, ошкор шудан; бо роҳи фиреб, ғайриқонунӣ ҷамъоварӣ ва коркард намудани маълумотҳо нисбати шахси дигар бидуни розигии ӯ; ғайриқонунӣ дохил намудан ё дар хотираи мошинҳои ҳисобии барқӣ нигоҳ доштани маълумотҳое, ки бевосита ё бавосита барои ошкор шудани баромади нажодӣ, сиёсӣ, андешаҳои динӣ, хусусият ва одатҳои инсон, инчунин, ба ошкор шудани маълумотҳо дар бораи кирдори ҷиноятӣ, ҳукмҳои айбдоркунӣ ва чораҳои амниятӣ мусоидат менамоянд; ғайриқонкнӣ дар хотираи мошинҳои ҳисобии барқӣ нигоҳ доштани маълумотҳои шахсӣ барзиёд аз муҳлати муқарраршуда; бархилофи таъинот истифода намудани маълумотҳои фардӣ, ки ба шахс вобаста ба коркарди чунин маълумот дастрас шудааст ва ғайра. Барои ҷиноятҳои мазкур ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар шудааст.

КҶ Фаронса ҷавобгариии ҷиноятиро, инчунин, барои супоридани иттилооти компютерӣ ба давлати хориҷӣ (м.м. 411-6-411-8); супоридан ё пешниҳод намудани дастрасӣ ба маълумотҳое, ки дар хотираи мошинҳои ҳисобии барқӣ нигоҳ дошта мешаванд, агар истифода ё ошкор намудани онҳо ба манфиатҳои миллӣ таҷовуз намояд; амалӣ намудани фаъолияте, ки барои ба даст овардан ё супоридани маълумотҳо, ҳуҷҷатҳои дар хотираи мошинҳои ҳисобии барқӣ нигоҳ дошта мешаванд, агар истифода ё ошкор намудани онҳо ба асосҳои манфиати миллӣ таҷовуз намояд.

М.А. Зубова Кодекси ҷиноятии Фаронсаро таҳлил карда, танҳо ду таркиби ҷиноятҳои баррасишавандаро қайд менамояд: м.м. 186, 323. В.С.

Карпов зиёда аз 15 усули содир намудани ҷиноятҳои компютериро, ки бевосита дар КҶ Франсия номбар шудаанд, муайян мекунад:

а) бе риояи расмиятҳои зарури коркарди автоматии маълумот;

б) анҷом додани коркарди автоматии додаҳо бидуни андешидани тамоми чораҳои эҳтиётӣ барои ҳифзи додаҳо;

в) бо роҳи ғайриқонунӣ ё қаллобӣ ҷамъ овардани маълумот;

г) бе розигии махсус ворид кардан ва ба хотираи компютер нигоҳ доштани маълумоте, ки барои ошкор намудани пайдоиши нажодӣ, ақидаҳои динӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, маълумоти марбут ба кирдорҳои ҷиноятӣ, эътиқод имкон медиҳад;

д) истифодаи маълумот бо мақсади дигаре, ки пешбинӣ шудааст;

е) ифшои маълумоте, ки метавонад боиси поймол намудани шаъну шараф, дахлнопазирии ҳаёти шахсии шахс гардад;

ж) дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи автоматии коркарди маълумот;

з) монеъ шудан ба кор ё вайрон намудани кори дурусти системаи автоматиконидашудаи коркарди маълумот;

и) ворид кардан, нобуд кардан, бо роҳи қаллобӣ тағйир додани иттилоот ба системаи автоматии коркарди маълумот;

к) ҷамъоварӣ ё муттамарказгардонии иттилоот, усулҳо, объектҳо, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар хотираи компютер мавҷудбуда бо ҳадафи интиқол ба давлати хориҷӣ ё ташкилотҳое, ки ифшои ин маълумот метавонад боиси таҳдид ба манфиатҳои асосии миллӣ гардад;

л) амалӣ намудани фаъолият аз ҷониби давлати хориҷӣ, ташкилот ё корхона, ки ба гирифтан, интиқол додан ё истифодаи таҷҳизот, иттилоот, усулҳо, объектҳо, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар хотираи компютер мавҷудбуда равона шудааст;

м) нобудсозӣ, дуздӣ, мусодира ё нусхабардории иттилоот, усулҳо, ашё, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар хотираи компютер маҳфузбуда, ки дорои хусусияти мудофиаи миллӣ мебошанд, ё додани имконият ба шахсони бегона барои дастрасӣ ва шиносоӣ бо онҳо» [169, с. 56].

Муҳлати ниҳоии ҷазое, ки нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят ба муқобили амнияти иттилоотӣ гунаҳкор дониста мешавад аз 1 то 10 сол озод кардан аз ҷазоро ташкил медиҳад. Аломатҳои бандубастшаванда нобуд кардан, тағйир додани иттилоот, вайрон намудани кор бо дастрасии ғайриқонунӣ, инчунин, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир намудани ҷиноят мебошанд.

Қобили зикр аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар дигар қонунҳои ҷиноятии кишварҳои Аврупо низ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Дания, Полша, Юнон, Португалия, Англия, Швейтсария, Норвегия, Италия ва ғайра, ҳангоми тавсифи қонунгузории хориҷӣ муносибати ягона барои тавсифи таркиби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мавҷуд нест.

Ба ҳайси субъекти ин ҷиноят дар тамоми кишварҳои хориҷӣ ҳама гуна ашхосе эътироф мегардад, ки ба синни 16–солагӣ расидааст.

Ҷамъбасти таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ бо мақсади такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ метавонем чунин ҳолатҳоро пешниҳод намоем:

1. Ба сифати объекти асосии ин ҷиноятҳо, муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ баромад намуда, ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар кишварҳои гуногун ба тарзи мухталиф номгузорӣ шудаанд:

– Федератсияи Русия – Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ;

– Ҷумҳурии Белорус – Ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти компютерӣ;

– Украина – Ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи компютерҳо, система ва шабакаҳои компютерӣ, шабакаҳои алоқаи барқӣ;

– Ҷумҳурии Қирғизистон – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти киберӣ;

– Ҷумҳурии Туркманистон – Ҷиноятҳо дар соҳаи информатика ва алоқа;

– Ҷумҳурии Қазоқистон – Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоотонӣ ва алоқа;

– Ҷумҳурии Озарбойҷон – Киберҷиноятҳо;

– Ҷумҳурии Узбекистон – Ҷиноятҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ;

– Ҷумҳурии Молдова – Ҷиноятҳои иттилоотӣ ва дар соҳаи коммуникатсияи электронӣ;

– Ҷумҳурии Арманистон – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти системаи компютерӣ ва иттилооти компютерӣ.

2. Дар барбдари қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ таркибҳои ҷиноятие пешбинӣ мешаванд, ки ба КМҶ ИДМ ва КҶ ҶТ хос намебошанд, бинобар ин, ворид намудани ин таркибҳои ҷинояти ба ҚҶ ҶТ дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад.

Пешбинӣ намудани ҷавобагарии ҷиноятӣ барои ворид намудани паҳнкунии оммавии паёмҳои электронӣ дар таҳрири зерин амалӣ мешаванд:

«Моддаи 3031 Паҳнкунии оммавии паёмҳои электронӣ.

Паҳнкунии оммавии паёмҳои электронӣ, ки бе ризоияти пешакии гирандагони чунин иттилоот анҷом дода шудааст, ки боиси нобуд ё муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ, корношоям гардидани иттилооти компютерӣ ё барнома, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ, вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ, системаҳои телекоммуникатсионӣ ва терминалҳои абонентӣ гардидааст».

3. Ба КҶ ҶТ ворид намудани таркиби алоҳидаи ҷиноятӣ дар таҳрири зерин:

«Моддаи 304.1. Ғайриқонунӣ тағйир додани рамзҳо ва маълумоти идентификатсионӣ

Ғайриқонунӣ тағйир додани рамзи идентификатсионии дастгоҳи абонентии алоқаи мобилӣ, дастгоҳи идентификатсияи муштарӣ, инчунин, сохтан, истифода ва паҳн намудани барномаҳо барои тағйир додани коди идентификатсионии дастгоҳи муштарӣ, агар ин кирдорҳо бе розигии истеҳсолкунанда ё соҳиби қонунии онҳо анҷом дода шуда бошад...».

4. Барои кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки ба вайрон намудани кори системаҳои гуногуни компютерӣ ва шабакаҳо равона шудаанд ва боиси

халалдор шудани фаъолияти муътадили объектҳои ҳаётан муҳими ҷамъиятӣ гардида, ба амнияти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ё инфрасохтории муҳим таҳдид мекунанд, ҷавобгарии пурзӯр муқаррар карда мешавад.

5. Дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (Олмон, ИМА) ва бо назардошти қонунгузории амалкунанда ба КҶ ҶТ ворид намудани таркиби нави ҷиноятӣ дар таҳрири зерин роиҷ аст:

Моддаи. 301.1. Қаллобии компютерӣ.

1. Тасарруфи молу мулкии ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё сӯйистифодаи бовари система ё шабакаи компютерӣ».

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

## 2.1. Объект ва предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ

Пеш аз муайян намудани объекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ба таври мухтасар масъалаҳои умумии вобаста ба объекти ҷиноятро баррасӣ намудан зарур мебошад.

Таълимот дар бораи объекти ҷиноят, аломатҳои он яке аз назарияҳои асосӣ ва тамоман инкишофнаёфтаи таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие маҳсуб меёфтанд, ки қонуни ҷиноятӣ онҳоро ҳимоя мекунад. Ин муносибатҳо ҳангоми таҷовуз ё таҳдиди расонидани зарар, ки боиси халалдоршавии ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳифзшаванда мегардиданд, зери таҳдид қарор мегирифтанд. Қонуни ҷиноятӣ бо мақсади ҳифзи ин муносибатҳо аз кирдорҳои ғайриқонунӣ ва пешгирии зарар ба онҳо қабул ва татбиқ мегардид [62, с. 78].

Аз замони шуравӣ чун анъана ба сифати объекти ҷиноят аксарияти олимон муносибатҳои ҷамъиятиеро номбар менамоянд, ки зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дода шудаанд ва ба онҳо ҷиноят зарар мерасонад. Вале андешаҳое низ иброз мешуданд, ки мутобиқи онҳо ба сифати объекти ҷиноят молу мулк ё худи шахси ҷабрдида эътироф мешуд [79, с. 132].

Солҳои охир, инчунин, андешаҳое низ иброз мешаванд, ки мутобиқи онҳо объекти ҷиноят арзишҳо, неъматҳо, манфиатҳо ва ғайро ҳисоб мешавад. Чунин андешаҳо аз гуфтаҳои М.С. Тагансев сарчашма мегирад, ки ҳанӯз дар асрҳои XIX баён медошт, ки таҷовуз ба меъёрҳо, воқеан, таҷовуз ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда, ба неъматҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад [84, с. 32]. Масалан, А.В. Нумов қайд мекунад, ки дар як қатор ҳолатҳо назарияи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят на ҳама вақт самарабахш амал мекунад. Аз ин рӯ, ӯ зарурати бозгашт ба назарияи объекти ҷиноят ҳамчун неъматҳои ҳуқуқиро пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ,

объекти ҷиноят бояд ҳамчун неъматҳо ё манфиатҳои аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳимояшаванда фаҳмида шавад, ки ба онҳо кирдори ҷиноятӣ таҷовуз мекунад ва боиси халалдоршавии онҳо мегардад [60, с. 76].

Дар адабиётҳои ватанӣ назарияи объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ бештар тарафдорӣ пайдо намудааст. Масалан, баён мешавад, ки объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳифз намуда, ки дар натиҷаи таҷовуз ба ӯ зарар ворид карда мешавад [103, с. 77]. Ақидаи аз ҳама маъмул ва амалан бебаҳс ҳамон аст, ки объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад [101, с. 117].

Мо низ ҳангоми баррасии объекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ аз назари эътироф шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят амал менамоем.

Барои мушаххас намудан ва дарк намудани моҳияти объекти ҷиноят масъалаи таснифи объект аҳаммияти муҳим дорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар таснифи объекти ҷиноят аз рӯйи самти вертикалӣ ва горизонталӣ анҷом дода мешавад. Вобаста ба самти вертикалӣ объекти ҷиноятро ба объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо менамоянд [103, с. 78-79].

Вобаста ба самти горизонталӣ бошад, объекти асосӣ, иловагӣ ва факултативиро фарқ мекунанд [92, с. 166].

Объекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро мо маҳз аз рӯйи чунин таснифот баррасӣ менамоем.

Объекти умумӣ барои ҳар як ҷиноят ягона ба ҳисоб рафта, он тамоми маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии тавассути қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда ба шумор меравад. Маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор гирифта, дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст.

Бештар барои дарк намудани моҳияти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми қонунгузории

ҷиноятӣ таҳлили объекти хелӣ, намудӣ ва объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти хелии ҷиноят ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии махсус фаҳмида мешавад, ки дар вобаста ба онҳо фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ созмон дода шудааст.

Аз номгӯйи фасли XII КҶ ҶТ маълум мегардад, ки ба сифати объект хелии ин гурӯҳи ҷиноятҳо «амнияти иттилоотӣ» баромад менамояд, зеро фасли мазкур ҳамчун «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ шудааст.

Аз рӯйи мантиқи қонунгузор объекти хелӣ ва намудии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти итилоотӣ, бинобар сабаби номгузории якхелаи фасл ва боби КҶ ҶТ амнияти иттилоотӣ мебошад. Ҳамин тариқ, аз рӯйи хулосаи зикршуда, объекти хелӣ ва намудии ҷиноятҳоро бо назардошти фасли XII КҶ ҶТ ҳамчун муносибатҳо дар доираи амнияти иттилоотӣ ба шумор меравандд.

Тавре дар зербанди якуми боби 1 қайд намудем, амнияти иттилоотӣ ин рафъи таъсири номатлуби иттилоотӣ ва таблиғотӣ ба шаҳрвандони кишвар мебошад, ки бо паҳн намудани ақидаҳои зидди манфиатҳои давлат, анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Чунин фаҳмиши амнияти иттилоотӣ имкон медиҳад, ки он бо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо барои ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ пешбинишуда, балки барои ҷиноятҳои дар дигар бобҳои КҶ ҶТ пешбинишуда ҳифз карда шавад.

Ба андешаи баъзе муаллифон объекти намудии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, истифода, паҳн ё ҳифзи иттилооти компютерӣ мебошад [93, с. 306]. Муаллифони дигар ба ин монанд ақида доранд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, истифода, паҳн ё ҳифзи захираҳои иттилоотӣ объекти хелии ин ҷиноятҳо мебошанд [57, с. 883].

Олимони дигар объекти намудии ҷиноятҳои мазкурро ҳамчун маҷмуи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои гуногун дар соҳаи амнияти истифодаи

захираҳои иттилоотӣ ва технологияи иттилоотӣ мефаҳманд, ки амали шудани онҳо гурӯҳи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бо амнияти ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад ташкил медиҳад [171, с. 66].

Ба андешаи баъзе муҳаққиқони объекти намудии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба бехатарии истифодаи иттилооти компютерӣ мебошанд. Дар аввали солҳои 90-уми асри XX Л.В. Черних яке аз аввалинҳо шуда, объекти ҷиноятҳои компютериро ҳамин тарз муайян мекард [145, с. 117]. Ба андешаи В. Максимов ва Ю. Ляпунов, объекти ҷиноятҳои компютерӣ муносибатҳо оид ба истифода ва амнияти иттилоотии компютерӣ мебошад [129, с. 9]. Гайфутдинов низ объекти намудии таркиби ҷиноятҳои баррасишаванда амнияти иттилооти комютерӣ меҳисобад [159, с. 81].

Воробев баён медорад, ки зарари асосӣ аз ҷиноятҳои компютерӣ ба муносибатҳо дар соҳаи иттилоот расонида мешавад, яъне дар соҳаи чунин иттилооте, ки дар МЭҲ, системаҳои МЭҲ, ва шабакаҳои онҳо дар гардиш қарор дорад ё нигоҳ дошта мешавад. Доираи чунин намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ аллакай ташаккул ёфтааст, иштирокчиёни он муайян мебошад, яъне шахсони идоракунандаи системаҳои компютерӣ ё шабакаҳо, инчунин, истифодабаранда ё хизматрасонандаи компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ ё системаҳо. Одамони мазкурро он чи муттаҳид месозад, ки иттилооти компютерӣ предмети муносибатҳои ҷамъиятии мазкур ба ҳисоб рафта манфиатҳо ва неъматҳои онҳоро ҳифз месозад. Бинобар ин, объекти намудии ҷиноятҳои компютерӣ муносибатҳои оид ба қонунӣ истифода намудани иттилооти компютерӣ ба вуҷуд омада баромад менамоянд [115, с. 55-56].

Объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки бо аз тарафи шахсони гуногун амалӣ шудани ҳуқуқ ба амнияти иттилоот, ки дар намуди махсус (электронӣ) ифода мегардад, алоқаманд мебошад. Ба таври дигар, ҷиноятҳои мазкур ба ҳифзи соҳаи иттилоотӣ таҷовуз меоваранд, ҳолате, ки риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳоро дар соҳаҳои дигар таъмин месозад:

соҳаҳои иқтисодӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ғайра. Дар охир муаллифи мазкур ба хулоса меояд, ки объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба қонунӣ ва бехатар истифода бурдан, нигоҳ доштан ва ҳифзи иттилооти компютерӣ, системаи автоматикунонидашудаи коркарди иттилоот ба шумор мераванд, ки барои фаъолияти муътадили ҷомеа дар умум зарур мебошанд [126, с. 170-171].

Мавқеи дигарро дар ин масъала Н.Ф. Ахраменко ишғол намуда, андеша дорад, ки на амнияти иттилоотӣ, балки амнияти компютерӣ, яъне ҳифзи иттилоотӣ дар МЭҲ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои маҳфузбуда объекти намудии ҷиноятҳои компютерӣ ба ҳисоб мераванд [109, с. 314].

Ба андешаи С.Ю. Битко тартиб додани бобҳои кодексҳои ҷиноятӣ, ки ба амнияти иттилоотӣ бахшида шудаанд ва дар онҳо ҷойгир намудани таркибҳои ҷинояти дорои объекти дахлдор мебошанд, як усули юридикӣ мебошад. Ин барои қонунгузор қаблан маълум намуд, ки истифодаи компютер ба муқобили кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад, аммо бо объекти хелии универсалии онҳо «амнияти иттилоотӣ»-ро дохил намуда, тамоми ҳодисаҳои истифодабарии компютерҳоро барои содир намудани ҷиноят мувофиқи онҳо танзим менамояд. Аммо истифодаи амнияти иттилоотӣ ҳамчун объекти умумӣ, тавре С.Ю. Битко қайд менамояд, имкон намедиҳад, ки мазмуни ин унсури мухимтарини ҷиноят дарк карда шавад ва, бинобар ин, дар қонун криминализатсияи аз ҳад зиёд ба миён меояд [156, с. 61].

Таҳлили КҶ ҶТ ба хулосае оварда метавонад, ки дар он муносибатҳое, ки дар соҳаи истифодаи иттилооти компютерӣ ба вуҷуд меоянд ва бояд ҳифзи махсус дошта бошанд, на он қадар дуруст ҷудо карда шудааст. Дар ҳамин ҳол, номи предмети мушаххас хеле васеъ буда, имкон намедиҳад, ки аломатҳои он нисбат ба ҷиноятҳое, ки дар боби махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ошкор карда шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки амнияти иттилооти компютерӣ ҳамчун объекти намудӣ фаҳмида шавад. Дар баробари ин, бинобар сабаби тамоми ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ

зикршуда бо иттилооти компютерӣ алоқамандaнд ва дар ин ё он шакл ба он зарар мерасонанд. Ба андешаи мо, объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки дар доираи он ҳифзи истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, истифода ва коркарди иттилооти компютериро аз таҷовузҳои гуногун таъмин мегардад.

Муайян намудани мафҳуми объекти намудии ҷиноятҳои компютерӣ барои дуруст муайян кардан ва муқаррар намудани объекти бевоситаи онҳо аҳаммияти калон дорад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти бевосита ҳамчун қисми объекти намудӣ муайян карда мешавад, ки аз муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятии ҳангоми содиршавии ҷинояти муайян халалдоршаванда иборат мебошад [92, с. 176]. Маҳз бо мақсади ҳифз намудани муносибатҳои мушаххас, ки мазмуни объекти хелӣ ва намудиро ташкил медиҳанд, меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқии ҷиноятӣ эҷод карда мешаванд.

Дуруст муайян намудани объекти бевосита барои бандубасти ҷиноятҳо аҳаммияти амалӣ дошта, имкон медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо, ин ҷиноятҳои мушаххас аз ҷиноятҳои якхела фарқ карда шаванд.

Дар мавриди муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноятҳои компютерӣ андешаҳои олимонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Олимони гурӯҳи аввал объекти бевосити ин ҷиноятҳоро дар умум нисбат ба ҳама ҷиноятҳои дар ин соҳа содиршаванда муайян менамоянд.

Масалан, М.Ю. Дворетский объекти бевоситаи ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютериро ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат мешуморад, ки ба сифати молик ё соҳибмулк баромад мекунанд. Ӯ муносибатҳои вобаста ба амнияти истифодаи компютер, системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои компютериро ҷузъи муҳими ин объект медонад [161, с. 45].

Т.Г. Смирнова низ объекти бевоситаи ҷиноятҳои дар ин соҳа мавҷудбударо ҳамчун ҷузъи муносибатҳои иттилоотӣ, ки бевосита ба

амалиётҳои иттилооти компютерӣ алоқамандანд, тавсиф мекунад. Ба назари ӯ, ин объект муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки ба риоя ва таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, усулҳои қонунии бадастовардан, коркард ва истифодаи иттилооти компютерӣ, инчунин, фаъолияти муътадили техникаи компютерӣ дахл доранд [183, с. 33].

Баъзе муаллифон объекти бевоситаи ин гурӯҳи ҷиноятҳоро «маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти истифодаи қонунӣ ва амнияти иттилоотӣ» мешуморанд [129, с. 9]. Муҳаққиқони дигар объекти бевоситаи ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерро ҳифзи иттилоот ва захираҳои иттилоотии ҷомеа аз таъсири таҷовузҳои манфии дохилӣ ва берунӣ» тавзеҳ медиҳанд [50, с. 100].

Аммо чунин равиши умумиро бо назардошти хусусияти ҳар як ҷиноятe, ки қонунгузор дар боби 28 КҶ ҶТ дохил кардааст, қабул намудан мумкин нест.

Гурӯҳи дигари олимон объекти ҷинояҳои мазкурро вобаста ба хусусиятҳои таркибҳои алоҳидаи ин ҷиноятҳо ба таври алоҳида муайян месозанд. Масалан, ба андешаи В.В. Воробев бо назардошти номгузории диспозитсияҳои моддаҳои мушаххас, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ пешбинӣ мекунанд, метавон чунин объектҳои бевоситаи ҳифзшавандаро муайян намуд:

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳифз ва махфияти иттилооти компютериро таъмин менамоянд – ин муносибатҳо, тибқи талаботи м. 272 КҶ, барои муҳофизати маълумоти махфӣ ва пешгирии дастрасии ғайриқонунӣ ба он равона шудаанд.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти иттилооти компютерӣ ва воситаҳои техникӣ (компютерҳо) таъмин менамоянд – мувофиқи м. 273 КҶ, ҳадафи ин муносибатҳо пешгирии таҳдидҳо ба воситаҳои электронӣ ва махфияти иттилооти дар онҳо мавҷудбуда мебошад.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти истифодаи мошинҳои ҳисоббарор (ЭВМ), системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои онҳоро таъмин мекунанд –

тибқи м. 274 КҶ, ин муносибатҳо ба фаъолияти бехатар ва устувори таҷҳизоти компютерӣ ва инфрасохторҳои марбут ба он равона шудаанд [157, с. 44].

Чунон ки Н.И. Коржанский қайд менамояд, объекти иловагӣ он муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки таҷовуз ба он моҳияти ин ҷиноятро ташкил намедиҳад, аммо ин ҷиноят дар баробари объекти асосӣ онро вайрон мекунад ё зери хатари вайроншавӣ қарор медиҳад [105, с. 152]. Масалан, ҳангоми дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ (м. 298-и КҶ ҶТ) ҳуқуқи соҳибон ва истифодабарандагони иттилоот поймол карда мешавад, бинобар ин, муносибатҳои моликиятдорӣ ҳамчун объекти иловагӣ баромад мекунанд.

Иттилооти компютерӣ вобаста ба мундариҷа маҷмуи иттилооти дорои хусусиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ мебошад. Маълум аст, ки дар ҳар як ҳолати дастрасии ғайриқонунӣ, ягон объекти иловагӣ, яъне муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавҷудияти муътадили он ба дараҷаи амнияти иттилоотӣ вобаста аст ҳамеша зарар мебинад.

Омӯзиши предмети ҷиноят ба пурра ва дурусттар аниқ намудани моҳияти объекти бевоситаи он мусоидат мекунад. Бештари меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ҳамин тавр тартиб дода шудаанд, ки объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар онҳо ном бурда намешавад. Аксарияти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ба истилоҳ «предметдор» мебошанд, яъне предмети ҷиноят аломатии ҳатмии ин таркибҳои ҷиноятӣ мебошад. Бинобар ин, нисбат ба таркиби ҷиноятҳои баррасишаванда масъалаи предмети ин ҷиноятҳо аз объект дида аҳаммитяноктар мебошад.

Чун анъана, предмети ҷиноят ҳамчун ашё муайян карда мешавад [51, с. 90]. Аз ҷумла, В.Я. Татсий қайд менамояд, ки ба предмети ҷиноят танҳо ашёи алоҳида мансуб дониста мешаванд, на арзишҳои дигар, аз ин рӯ, он ҳамеша аломатии ашёии (моддӣ) аломати ҷиноят мебошад [85, с. 48]. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар солҳои охир дар баробари фаҳмиши анъанавии предмети ҷиноят дар бораи моҳияти он дигар ақидаҳо низ пайдо шуданд. Як

қатор муаллифон тарафдорӣ васеъ намудани доираи мафҳуми предмети ҷиноят мебошанд, бо назардошти он ки маҳдудияти он танҳо бо ашё ба воқеияти ҷамъияти ҳозира мувофиқ намебошад.

Ҳамин тавр, Г.П. Новоселов яке аз аввалинҳо шуда пешниҳод намуд, ки дар «зери мафҳуми предмети ҷиноят навъҳои гуногуни неъматҳои (арзишҳои) моддӣ ва ғайримоддие фаҳмида шаванд, ки метавонанд талаботи одамонро қонеъ гардонанд ва таъсири ҷинояти нисбат ба онҳо (ё муносибати ғайриқонунии онҳо) ба онҳо зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад» [75, с. 53]. Агар таркибҳои ҷиноятҳои, ки ба кисми махсуси КҶ ҶТ дохил шударо таҳлил намоем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки на танҳо объектҳои олами моддӣ ба таҷовузи ҷиноятӣ гирифтор мешаванд. Бинобар ин, мафҳуми предмети ҷиноятро васеъ баррасӣ намудан зарур аст.

Ба ҳамин монанд Н. Бабий предмети ҷиноятро ҳамон неъматҳои иҷтимоие мешуморад, ки вобаста ба онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, вуҷуд доранд ва бо таҷовуз ба онҳо ин муносибатҳо вайрон мегарданд [37, с. 65]. М.П. Бикмурзин ва Л. Букалеров ҳамчун предмети ҷиноят на танҳо ашёи олами моддии дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда, инчунин, иттилооти новобаста аз шакл, пешниҳоди он, бо роҳи эҷод ё таъсир расонидан ба онҳо, ки ҷинояткор бевосита ба объекти ҷиноят таҷовуз мекунад, пешниҳод мешавад [112, с. 356].

Мо ин мавқеъро дастгирӣ менамоем, зеро он барои предмети ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бештар қобили қабул аст. Ҳангоми муайян намудани он, мо пеш аз ҳама на арзишҳои моддиро қайд менамоем, гарчанде ки онҳо ҳамчун предмети ҷиноятҳо боби 28 КҶ ҶТ (таҷҳизоти компютерӣ (қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ) баромад мекунанд. Ҳамзамон, ба сифати неъмати ғайримоддӣ дар диспозитсияи қ. 1 м. 298 КҶ ҶТ иттилооте баромад мекунад, ки дар системаи компютерӣ, шабака ё васоити мошинӣ нигоҳ дошта мешавад. Ва дуруст баҳо додан ба ин ҷиноятҳо дар маҷмуъ ба муайян намудани моҳияти ин ҷиноятҳо вобаста аст.

Илова бар ин, дар доираи таҳқиқоти мазкур, мо тавсия медиҳем, ки истифодаи таърифи ҳуқуқии мафҳуми иттилоот, ки дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот», ки тибқи он иттилоот «маълумот дар бораи ашхос, ашё, ходиса, падида ва равандҳо, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад» ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои баррасишванда ва муайянсозии предмети ин ҷиноятҳо ба роҳбарӣ гирифта шавад. Барои ҳалли масъалаҳои таъмини гардиши самарабахши иттилоот омӯхтани хосиятҳои ҳуқуқии он зарур аст. Ба ин масъала, дар давраҳои гуногун чунин муаллифон, монанди А.Б. Венгеров, В. Копилов, В. Мазуров, О. Чиченкова ва дигарон машғул буданд [39, с. 19; 69, с. 33; 122, с. 38; 146, с. 149]. Муаллифон хусусиятҳои зерини ҳуқуқии иттилоотро муайян мекунанд: дахлнопазирии ҷисмонӣ; ҷудогона будан; такроршавандагӣ (паҳншавандагӣ); намунавӣ. Хусусиятҳои ҳуқуқии иттилоот дар омӯзиши муносибатҳои марбут ба он дар равандҳои иттилоотӣ, аз қабили истеҳсол, истифода, тақсимот ва ғайра зоҳир мегарданд.

Ҳамзамон, иттилоотро бе ягон асоси моддӣ пешниҳод кардан мумкин нест. Ҳама гуна амалҳоро бо иттилоот тавассути таъсир расонидан ба манбаи (интиқолдиҳандаи) он иҷро кардан мумкин аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки интиқолдиҳандаи иттилоот бояд субъекти ҷиноят эътироф карда шавад, зеро таҷовуз дар робита бо маълумоти муайян, на дар бораи интиқолдиҳанда содир мешавад. Ин махсусан бояд дар робита ба ҷинояти дар моддаи 299 КҶ ҶТ пешбинишуда ба назар гирифта шавад. Дар ин маврид, предмети ҷиноят маҳз маълумоте мебошад, ки дар барандаи моддӣ сабт шудааст, на барандаи воқеии моддие, ки дар он маълумот сабт шудааст.

Предмети ҷиноятҳои мавриди баррасӣ иттилооти компютерӣ мебошад, ки дар системаҳои компютерӣ нигоҳ дошта мешавад. Илова бар ин, ба ҳайси предмети ҷиноят, ҳамчунин, иттилооти компютерие шинохта мешавад, ки дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешавад, новобаста аз он ки он алоҳида аз системаҳои компютерӣ ҷойгир шудааст, аммо дорои аҳаммияти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар м. 3 Қонун ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» мафҳуми иттилоот дода шудааст, ки зери он «иттилооти ҳуҷҷатшуда, ки дар рафти омода сохтани он дар мошинҳои ҳисоббарори электронӣ мавриди истифода қарор мегиранд, фаҳмида мешавад» [12]. Аммо, чунон ки дар муқаддима қайд карда мешавад, муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи иттилооти ҳуҷҷатшуда, манбаъҳо ва захираҳои иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд, инчунин, офариш, истифода ва идоракунии технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳо ва системаҳои автоматиконидашудаи иттилоотиро танзим менамоянд, барои таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ, амнияти иттилоот ва татбиқи устувори онҳо равона шудаанд. Ба «иттилооти ҳуҷҷатшуда (ҳуҷҷат) - иттилоти дар ягон ҳомили моддӣ сабтшуда, бо маълумоте, ки ин иттилоотро исбот месозад, дохил мешавад» [12]. Ҳамин тариқ, бо таҳлили маънои Қонуни мазкур метавон ба хулоса омад, ки қонунгузор таваҷҷуҳи асосиро ба иттилооти компютерие равона кардааст, ки ҳуҷҷатшуда мебошад. Ин маънои онро дорад, ки танҳо иттилооти дорои асоси расмӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун иттилооти компютерӣ дар доираи қонун шинохта мешавад. Ин мавқеи қонунгузор дар адабиёти илмӣ низ дастгирӣ гардидааст [108, с. 152].

Инчунин, қайд намудани Қонуни ҶТ «дар бораи ҳуҷҷати электронӣ аз 10 майи 2002» [4] мувофиқи мақсад аст, ки талаботҳои умумӣ нисбат ба чунин ҳуҷҷатҳоро муайян менамояд.

Талаботҳо барои ҳуҷҷати электронӣ:

«– Он бояд тариқи воситаҳои барномавӣ ва техникӣ тайёр шуда, коркард, қабул ва ҳифз гардад;

– Бояд аломатҳоеро доро бошад, ки барои ҳаммонанд кардани он имконият медиҳанд;

– Пешниҳоди он барои дарки инсон қобили қабул бошад» [4].

Дар м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» пешбинӣ гардидааст, ки «ҳуҷҷати электронӣ аз ду қисм ибората аст: умумӣ ва махсус.

Қисми умумии ҳуҷҷати электронӣ аз маълумоти дорои мазмуни ҳуҷҷат ва маълумот дар бораи гирандаи мактуб иборат аст.

Қисми махсуси ҳуҷҷати электронӣ аз як ё якчанд имзоҳои электронии рақамӣ ё дигар воситаҳои ҳаммонандкунии мураттиб, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд иборат аст» [4].

Ҳамин тариқ, иттилооти ҳуҷҷатшуда дар шакли электронӣ ва ҳуҷҷати электронӣ мафҳумҳои ба ҳам монанд нестанд ва ҳама маълумоти ҳуҷҷатшуда ҳуҷҷати электронӣ шуда метавонад.

Миқдори зиёди иттилооти компютерӣ, ба андешаи мо, инчунин, метавонад иттилооти ҳуҷҷатнашуда бошад. Ин мавқеъро баъзе муаллифон низ дастгирӣ мекунанд. Масалан, И.А. Клепитский қайд мекунад, ки иттилооти ҳуҷҷатшуда танҳо як қисми хурди иттилоотест, ки қонун онро ҳифз менамояд [95, с. 505].

Ба иттилооти ғайриҳуҷҷатӣ В.Б. Вехов маълумотҳо, фармонҳо ва сигналҳоеро дохил менамояд, ки дар ҷараёни эҷод, табдил, интиқол, нигоҳдорӣ, азнавистеҳсол, нобуд намудани иттилоот пайдо мешаванд ва дорои аломатҳои ҳуҷҷат намебошанд [41, с. 26]. Чунин ба назар мерасад, ки на ҳама иттилооте, ки дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешаванд ё дар васоити мошин ҷойгир шудаанд, ба талаботи иттилооти ҳуҷҷатшуда ҷавобгӯ мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки дар таркиби ҷиноятҳои м.м. 299-301 ,303, 304 КҶ ҶТ қонунгузор танҳо ба «иттилооти дар системаи ё шабакаи компютерӣ мавҷудбуда» ишора намуда, бевосита ба ҳифзшаванда будани чунин иттилоот ишора накардааст. Танҳо он иттилоот ҳифзшаванда эътироф мешавад, ки тартиби ҳифзи он тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқӣ ё қоидаҳои муқаррарнамудаи соҳиби иттилоот муайян гардида бошад. Бо ин асос, чунин ба назар мерасад, ки ҳар гуна маълумот, новобаста аз он ки ҳуҷҷат аст ё не, соҳиби мушаххас дорад ё барои истифодаи шумораи номаҳдуди шахсон пешбинӣ шудааст, бояд таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор гирад. Мақсад

аз ин ҳимоя, таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии ҳар гуна таҷовуз ба ҳуқуқҳои қонунии соҳибон ё истифодабарандагони он мебошад.

Андешаҳои муқобил низ мавҷуданд. Ба ақидаи С.Ю. Битко, «пайдоиши технологияи компютерӣ танҳо як марҳилаи эволютсионии навбатии таърихи нигоҳдорӣ буда, интиқол ва коркарди иттилоот, имкониятҳои истифодабарандагонро васеъ менамояд. Аз дигар намудҳои иттилоот, иттилооти копютерӣ бо он фарқ менамоянд, ки онҳо дар шакли компютерӣ ё захираи мошинҳо таҷассум гардидаанд» [156, с. 40]. Бинобар ин, иттилоот ҳамчун предмети ҷиноятҳои баррасишаванда ба технологияи компютерӣ алоқаманд буда, дастрасӣ ба онҳо бо истифода аз чунин технология сурат мегирад.

Ҳамзамон, дар Кодекси ҷиноятӣ як қатор моддаҳо пешбинӣ шудаанд, ки ҷавобгариро барои амалҳои ғайриқонунӣ бо навъҳои алоҳидаи иттилоот пешбинӣ менамоянд, ки асосан чунин ҷавобгарӣ аз мазмуни иттилооти он вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди ин, роҳҳои расонидани зарар ба амнияти иттилооти компютерӣ васеътар аст. Илова бар ин, сарфи назар аз мазмуни иттилоот бояд на ҳар гуна, балки зарари назаррас расонида шавад ва зарар метавонад на танҳо бо мазмуни иттилоот, балки бо дигар сабабҳо низ расонида шавад.

Ба хусусиятҳои фарқкунанда ва муҳими ин мафҳум бештари муаллифон инҳоро ба гурӯҳҳои мухталиф дохил менамоянд.

Аввалан, иттилооти компютериро ба ду категория тақсим кардан мумкин аст:

1) иттилооти компютерӣ, ҳамчун таъмини барномавӣ, яъне ҷузъи ҷудонашавандаи компютер;

2) иттилооте, ки амалиётҳои бо он анҷомдодашаванда ба воситаи дастгоҳҳои компютерӣ амалӣ мегарданд.

Сипас, иттилооти компютерӣ метавонад ё дар муҳитҳои мошинӣ ҷойгир карда шавад (масалан, дар диски магнитӣ, лазерӣ, лентаи магнитӣ ва дигар

ҳомилҳои моддӣ) ё бевосита дар компютер ё дар системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо, яъне аз ҳомил ҷудонашаванда аст.

Сеюм, навъи иттилооти мавриди баррасиро танҳо бо истифодаи компютер метавон эҷод, тағйир, нусхабардорӣ ва татбиқ намуд, ба шарте ки таҷҳизоти периферии мувофиқ барои ин амалҳо мавҷуд бошад. Аз ин рӯ, иттилооти компютерӣ ҳамчун маҷмуи маълумот, махзанҳои иттилоотӣ ё барномаҳое муайян карда мешавад, ки барои истифода дар системаи компютерӣ ё идоракунии он пешбинӣ шуда, дар муҳитҳои мошинӣ, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳо ҷойгир мебошанд.

Ба сифати предмети ҷиноят танҳо он иттилооти компютерие шинохта мешавад, ки тибқи қонун ҳифзшаванда буда, дорои низоми махсуси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳар гуна унсурҳои дигари иттилоотӣ, ки аз доираи қонуни ҳифзшаванда берун меистанд, ба ин мафҳум шомил намегарданд ва ба сифати предмети ҷиноят баррасӣ намешаванд.

Дар мавриди масъалаи мазкур дар байни олимон андешаҳои гуногун ҷой дорад. Бархе олимон бо ин равиш розӣ буда, аксарияти дигар бар он ақидаанд, ки ба сифати предмети ҷинояти мавриди назар дилхоҳ иттилоот метавонад баромад намояд. Дар замони муосир иттилооте нест, ки мавриди ҳифз қарор нагирад ва меъёрҳои ҳифзкунандаи он хеле зиёд ба назар мерасанд [152, с. 15].

Бо вуҷуди ин, доираи иттилооте, ки дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешавад ё тавассути каналҳои алоқа интиқол дода мешавад, хеле васеъ аст. Илова бар ин, ин маълумот ҳам барои соҳиби (соҳиби иттилоот) ва ҳам барои шахсе, ки бо вайрон намудани қоидаҳои муқарраршуда ба он дастрасӣ пайдо карданӣ мешавад, арзиши гуногун дорад. Маълумоти ҳифзшаванда (чунон ки аз номаш бармеояд) аллакай дар қонунгузорӣ ҳимояи худро пайдо кардааст. Аммо маълумоте, ки барои он низоми махсуси ҳифз муқаррар нашудааст, метавонад арзиши камтар дошта бошад.

Бояд қайд намуд, ки предмети ин ҷиноятҳо «иттилооти компютерӣ мебошад». Ҳамзамон, ҳар як ҷинояти баррасишанда предмети бевоитаи худро дорад.

Предмети ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотиро баррасӣ намуда, бояд қайд намуд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намуд мумкин аст. Ба сифати гурӯҳи аввал ашёи олами моддӣ аз ҷумла дохил мешаванд, ҳомили иттилооти компютерӣ. Ба гурӯҳи дуюм бошад, иттилооти компютерӣ, вирусҳои компютериро ҳамчун намуди махсус шакли мавҷудиёти иттилооти компютерӣ мансуб медонанад.

Воситаҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ бошад, метавонанд ҳам ба гурӯҳи аввал ва ҳам ба гурӯҳи дуюм дохил шаванд, зеро чунин воситаҳо хусусияти техникӣ ( таҷҳизот) ва барномавӣ доранд.

Ба сифати предмети ҷиноятҳои мазкур ҳам системаи автоматикунонидашудаи коркарди маълумотҳо (компютер, шабакаҳои компютерӣ) ва ҳам барномаву дигар маълумотҳо баромад карда метавонанд, ки хусусияти ҷисмонӣ надоранд.

Олимони дигар низ баён медоранд, ки предмети ҷиноятҳои компютерӣ ҳам хусусияти ғайри моддӣ (иттилооти компютерӣ) ва ҳам хусусияти моддӣ (махзани мошини барои иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда, система ё шабакаи компьютерӣ, ё махзани мошинҳо) [194, с. 134] доранд.

Мафҳуми махзани мошинҳо дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври гуногун муайян мегардад.

Махзани мошинҳо ин дастгоҳҳои ҷамъоварӣ ва нигоҳ доштани иттилоот ба ҳисоб мераванд, ки бо ҳам алоқамандии МЭҲ ва дигар воситаҳои техникаи ҳисобиро таъмин менамоянд. Ба онҳо таҷҳизотҳои хотираи беруна ба монанди дискетҳо, винчестерҳо, лентаҳои магнитӣ, таҷҳизотҳои оптикиро дохил намудан мумкин аст [194, с. 149].

Двореский ба махзани мошинҳои иттилооти компютерӣ таҷҳизоти хотираи МЭҲ, дастгоҳҳои периферии МЭҲ, дастгоҳҳои компютерии алоқа,

дастгоҳҳои шабакавӣ ва шабакаҳои алоқаи барқиро дохил менамояд [161, с. 168].

Ба андеши А.Н. Копирюлин ба сифати предмети ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ: иттилооти компютерӣ, барномаҳо барои МЭҲ ва қоидаҳои истифодаи МЭҲ, системаи МЭҲ ё шабакаҳои онҳо баромад менамоянд [171, с. 70].

Доираи нисбатан васеи предмети ҷиноятҳои компютерӣ аз тарафи Р.Р. Гайфутдинов пешниҳод мешавад, ки мутобиқи он «ба ҳайси предмети ҷиноятҳои компютерӣ, иттилооти компютерӣ, барномаҳои зарарrасони компютерӣ, воситаҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ, инчунин, воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ё интиқоли иттилооти компютерии ҳифзшаванда баррасӣ мешаванд. Инчунин, шабакаҳои иттилооти телекоммуникатсионӣ, системаҳои иттилоотӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи идора ва шабакаҳои алоқаи барқӣ низ ба ин категория дохил мегарданд» [159, с. 13].

Бархе аз олимон бар он ақидаанд, ки «предмети ҷиноятҳои компютерӣ на танҳо иттилооти компютериро дар бар мегирад, балки барномаҳои компютерӣ, дастгоҳҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, махзанҳои мошинӣ ва дигар унсурҳои марбут ба технологияи иттилоотиро низ шомил менамояд» [107, с. 546].

Дигарон чунин мешуморанд, ки на махзани моддии иттилоот, балки танҳо иттилоот ба сифати предмети ин ҷиноятҳо баромад менамояд [195, с. 42].

Дар баробари ибораи «махзани мошинҳо» дар боби 28 КҶ ҶТ қонунгузор, инчунин, дар диспозитсияи моддаҳои алоҳида ибораҳои «системаи компютерӣ», «шабакаи компютерӣ»-ро истифода намудааст.

Ба андешаи баъзе аз олимон дар мафҳуми «махзани мошинҳо» тамоми воситаҳои нигоҳ доштани иттилоотро дар компютер, системаи компютерӣ ва шабакаҳо дар бар мегирдад. Бинобар ин, дар таркиби ҷиноятҳои компютерӣ танҳо нишон додани «махзани мошинҳо» ҳамчун воситаи нигоҳ доштани иттилооти компютерӣ кофӣ мебошад [140, с. 47-48]. Иттилоот дар захираи

муайяни мошинҳо нигоҳ дошта мешавад, ки онҳо қисми компютер (диски сахт, дастгоҳҳои нигоҳдорандаи хотира) эътироф мешаванд.

Дар баробари ин, дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми системаи компютерӣ ҷой надорад.

Пешниҳод мешавад, ки мафҳуми «иттилооти компютерӣ», «махзани мошинҳо» бояд дар КҶ ҶТ дар эзоҳ ба боби 28 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

Зери мафҳуми иттилооти компютерӣ дар моддаҳои боби мазкур иттилооти (маълумот, паёмакҳо) дар махзани мошинҳо нигоҳ дошташуда, тавассути компютер коркардшаванда ё бо ёрии воситаҳои алоқаи компютерӣ додашаванда ва барои коркарди компютерҳо дастрас фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми махзани мошинҳо махзани моддӣ (дастгоҳ) фаҳмида мешавад, ки барои сабт ва нигоҳ доштани иттилоот бо ёрии компютер истифода мешавад.

Зери мафҳуми компютер дар моддаҳои боби 28 КҶ ҶТ дилхоҳ дастгоҳи техникӣ фаҳмида мешавад, ки барои нигоҳ доштан, коркард ва интиқоли иттилооти компютерӣ (компютерҳои шахсӣ, планшетҳо, китобҳои электронӣ, телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо, дастгоҳҳои назоратӣ- хазинавӣ ва ғайра таъин шудааст.

Ба андешаи мо ба сифати предметҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бояд вобаста ба таркиби ҷиноятҳои мушаххаси боби 28 КҶ ҶТ муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, масалан, ба сифати предмети ҷинояте, ки дар м. 303 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, барномаҳои махсуси вирусдор баромад мекунанд.

Барномаҳои махсуси вирусдор барномаҳое мебошанд, ки бо дилхоҳ забони барномасозӣ навишта шуда, барои истифода ва паҳн кардан дар системаҳои иттилоотӣ ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ пешбинӣ шудаанд. Ин барномаҳо ба таъсири ғайриқонунӣ ба иттилоот ва воситаҳои техникаи компютерӣ ё алоқа оварда мерасонанд. Онҳо боиси ғайриқонунӣ несту нобуд кардани иттилоот, нусхабардории беиҷозат, расонидани зарар, муҳосира, коҳиши дастрасӣ ба иттилоот ё халалдор

шудани тартиби кори дастгоҳҳои техникӣ мегарданд [174, с. 9]. Барномаҳои вирусдор барои компютер барномаҳои сохташуда ё тағйирдодашудае мебошанд, ки дидаву дониста ба нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот мегардад, ки истифодаи онҳо аз ҷониби соҳиби иттилоот иҷозат дода нашудааст [171, с. 75]. Барномаҳои зараровар ин барномаҳои компютерӣ ба ҳисоб рафта, хусусияти худафзоиш дошта ё ба сохтори барномаҳои безарар дохил буда, мақсади нобуд сохтани иттилоот бараъло халалдор намудани фаъолияти системаҳои копмютериро доранд [185, с. 112].

Мафҳуми барномаҳои зараровар бештар бо мафҳуми вирусҳои компютерӣ алоқаманд мебошад. Дар замони муосир шаклҳои бештар паҳншудаи намудҳои барномаҳои зараровар вирусҳои компютерӣ, барномаҳои троянӣ, кирмакон ба ҳисоб меравaнд [165, с. 75].

Ғайр аз ин, барномаҳои зараровар вобаста ба амал ва оқибатҳои таъсиррасонии онҳо ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: «сироятҳои безарар», ки боиси нобуд шудани иттилоот намегарданд; «сироятҳои хавфнок», ки боиси нобуд шудани иттилоот, халалдор шудани кори дастгоҳҳои компютерӣ гардида, мустақилона афзоиш меёбанд; «сирояти дохилшаванда» – иттилоотро тағйир дода, ғайриқонунӣ дохил шудан ба системаи иттилоотиро осон мегардонад [165, с. 76].

Предмети ҷинояти м. 302-и КҶ ҶТ ҷавобгариро барои тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютериро муқаррар месозад. Қонунгузор дар моддаи мазкур ду намуди предмети ин ҷиноятро номбар кардааст: 1) воситаҳои махсуси барномавӣ ё 2) таҷҳизот барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ.

Воситаҳои махсуси барномавӣ ин барномаҳои компютерие мебошанд, ки барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаҳои ҳифзшаванда таъин шудаанд, масалан, барномаҳои дорои вирус, клавиатураҳои ҷосусӣ ва дигар барномаҳои махсусе, ки тавассути равон намудани иттилоот ба суроғаи

электронии шахси дигар ғайриқонунӣ дохил шудан ба шабакаи компютерии шахси дигар амалӣ мегардад. Яке аз усулҳои паҳнгаштаи воситаи махсус барои дастрасӣ ба шабакаи компютерии ҳифзшаванда ин истифодаи барномаҳои пайгирикунанда (трекерҳо) ва ҷосусклавиатураҳо ба ҳисоб меравaнд.

Илова ба ин, предмети ин ҷиноятҳо, инчунин, метавонад таҷҳизоти компютериро ташкил диҳад. Таркиби таҷҳизоти компютерӣ вобаста ба таъиноти истифодашаванда тафовут карда мешавад, аммо бо вуҷуди ин, асосан дар он блоки системавӣ, монитор, дастгоҳҳои воридот, баромад ва дастгоҳҳои алоқа мавҷуданд. Ҳомили мошинӣ, инчунин, ҳамчун предмети дастрасии беиҷозат номбар шудаанд. Махзани мошинҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ҳамчун нигоҳдории маълумот дар сабту истифода бурдан ба воситаи техникаи электронию ҳисоббарор дар шакли диски магнитӣ, лентаи магнитӣ, диски лазерӣ ва дигар ҳомилҳои моддӣ муайян шудааст [4].

Таҳлили ҳуқуқии аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва тартиби истифодабарии иттилооти дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст. Объекти иловагии таркибҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ – ҳуқуқ, озодӣ ва саломатии шаҳрвандон мебошанд, ки зери таҳдиди поймолшавӣ қарор мегиранд.

2. Предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро на танҳо ашёи олами моддӣ, балки ҳамчун неъматҳои (арзишҳои) ғайримоддӣ низ шуморидан зарур мебошад. Зеро предмети таҷовузи ҷиноятӣ бештари моддаҳои баррасишаванда иттилооти компютерӣ мебошанд, ки ҳамчун маълумот ва фармоишҳо дар ҳомилҳои мошинӣ, дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо сабтшуда, барои истифода дар

компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо пешбинӣ шудаанд. Дар баробари ин, ба предмети ин ҷиноятҳо таҷҳизоти компютерӣ, система ё шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо, таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерӣ дохил мешаванд.

3. Иттилооти компютерӣ ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ маҷмуи иттилоот, пойгоҳҳои иттилоотӣ ва барномаҳоро дар бар мегирад, ки барои истифода дар системаи компютерӣ ё идоракунии он пешбинӣ шудаанд. Ин иттилоот метавонад дар системаҳои компютерӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ё ҳомилҳои мошинӣ ҷойгир бошад. Мақсади қонунгузор аз ҳифзи чунин иттилоот пешгирӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ, вайрон кардани махфият, ё халал расондан ба фаъолияти устувори системаҳои иттилоотӣ мебошад.

4. На ҳама маълумоти компютерӣ ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд. Миқдори зиёди он метавонанд маълумоти дақиқи ҳуҷҷатнашуда бошанд, бинобар ин, чунин маълумот низ бояд ба мавзуи дастрасии беиҷозат дохил карда шавад. Ҳамин тавр, танҳо он иттилооти компютерӣ зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор мегирад, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба он қобилияти расонидани зарар ба манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро дорад. Қонунгузорӣ ҳадаф дорад, ки чунин иттилоотро аз дастрасии номатлуб, тағйир, нобудсозӣ ва истифодаи ғайриқонунӣ ҳифз намояд, то амнияти иттилоотӣ ва суботи иҷтимоӣ таъмин гардад.

**2.2. Аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ.**

Тарафи объективӣ яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят ҳисоб мешавад. Унсури мазкур аломатҳои ҷиноятро аз нуқтаи назари зуҳуроти берунаи он тавсиф медиҳад. Баъзан дар адабиётҳои ҳуқуқӣ тарафи объективии таркиби ҷиноят ҳамчун ифодаи берунаи ҷиноят муайян карда мешавад [71, с. 12]. Одатан, ба аломатҳои таркиби ҷиноят кирдори барои ҷамъият хавфнок, оқибатҳои хавфнокии ҷамъиятии он, робитаи сабаби байни кирдор ва оқибат, инчунин, ҷой, вақт, ҳолат, усул, восита ва олоти содир намудани

ҷиноятро мансуб мешуморанд [64, с. 213]. Аломатҳои зикршудаи тарафи объективии ҷиноят ба аломатҳои ҳатмӣ ва факултативӣ ҷудо карда мешаванд. Бояд зикр намуд, ки аксарияти олимон ба аломатҳои ҳатмии тарафи объективии таркиби ҷиноят танҳо кирдори барои ҷамъият хавфнокро мансуб медонанд. Аммо баъзе аз дигар олимон ба шумори чунин аломатҳо, инчунин, оқибати барои ҷамъият хавфнок ва робитаи сабабии байни кирдор ва оқибатро низ дохил менамоянд [87, с. 132-133].

Ҷой, вақт, вазъият, усул, восита ва олоти содир намудани ҷиноятро, одатан, аломатҳои факултативии тарафи объективии таркиби ҷиноят эътироф менамоянд, ки ин бебаҳс аз ҷониби олимон қабул шудааст.

Албатта вақте ки аломатҳои мазкур бевосита дар диспозитсияи меъёри қонуни ҷиноятӣ муқаррар шуда бошанд ё аз мазмуни он зоҳир шаванд, онҳо барои ҷинояти дар меъёри мушаххас пешбинишаванда ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд.

Таҳқиқи тарафи объективии таркиби ҷиноят аз таҳлили кирдори барои ҷамъият хавфнок оғоз мегардад.

Дар КҶ ҶТ ибораи «кирдор» бо ду маъно истифода шудааст:1) дар м. 17 КҶ ҶТ бо ёрии ибораи мазкур мафҳуми ҷиноят муайян карда шуда, он ҳама аломатҳои тавсифдиҳандаи ҷиноятро дар бар мегирад; 2) ибораи «кирдор» танҳо барои тавсифи яке аз аломатҳои тарафи объективӣ, яъне ҳаракат ё беҳаракатӣ истифода мешавад, ки он бояд барои ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ, даркшаванда ва иродавии амали инсон ҳисоб шавад.

Дар КҶ ҶТ чунин таркибҳои ҷиноятӣ ба муқобили амниятии иттилоотӣ пешбинӣ гардидаанд: Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (м. 298); Тағйир додани иттилооти компютерӣ (м. 299); Тахриби компютерӣ (м. 300); Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (ст. 301); Тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ (м. 302); Таҳия,

истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар (м. 303); Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (м. 304).

Сохтори тарафи объективии ҷиноятҳои баррасишаванда дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Ин ҷиноятҳо пеш аз ҳама аз якдигар аз рӯйи тарафи объективӣ, яъне хусусияти кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) барои ҷамъият хавфнок тафовут доранд. Ҳамин тавр, масалан, тарафи объективии м. 298-и КҶ «Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ» даромадани ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ мебошад. Тарафи объективии м. 299 КҶ ҶТ бо чунин кирдорҳои алтернативӣ, аз қабили «тағйири иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст», «ҳамчунин дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бараъало бардурӯғ» ифода ёфтааст». Тарафи объективии ҷиноят дар м. 304-и КҶ ҶТ «вайрон намудани қоидаҳои истифодаи системаи ё шабакаи компютерӣ» мебошад, ки бо ҳаракат ё беҳаракатӣ содир карда мешавад.

Оқибатҳое, ки қонунгузор ҳамчун аломати бандубастшавандаи ин ҷиноятҳо муқаррар намудааст, дар қ. 3 м. 298, қ. 2 м. 299, қ. 2 м. 300, қ. 4 м. 301, қ. 2 м. 303, қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ («оқибатҳои вазнин») пешбинӣ гардидаанд.

Таркибҳои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, ба истиснои қ. 1 м. 298, қ. 1, 2 м. 301, м. 302, қ. 1 м. 303 КҶ ҶТ моддӣ мебошад, яъне барои ба ҷавобагарии ҷиноятӣ кашидан барои кирдорҳои қайдгардида (м. 299, м. 300, қ. 2 м. 303 ва м. 304 КҶ ҶТ) оқибатҳо ва робитаи сабабӣ байни кирдор ва натиҷаи ҷиноятӣ зарур намебошанд.

Мутобиқи таҳрири амалкунандаи м. 298 КҶ ҶТ тарафи объективии таркиби асосии ин ҷиноят моддӣ буда, се аломати ҳатмиро дар бар мегирад:

1) кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи компютерӣ;

2) фарорасии оқибатҳои алтернативии барои ҷамъият хавфнок дар шакли тағйир додан, нест кардан ё муҳосираи (блокировкаи) иттилоот, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ расонидани зарари ҷиддӣ;

3) мавҷудияти робитаи сабаби байни кирдори содиршуда ва оқибатҳои бавуҷудомада.

Ҳамин тавр, тарафи объективии ҷинояти дар м. 298 КҶ ҶТ пешбинигардида ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ифода ёфтааст. Дар робита ба ин, зарурати муайян намудани мазмуни дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот чист ва дар кадом ҳолатҳо чунин дастрасӣ, ҷиноят эътироф карда мешавад, ба миён меояд. Пеш аз ҳама ошкор сохтани мафҳуми «даромадани ғайриқонунӣ ба иттилоот»-ро таҳлил намудан зарур мебошад. Барои ин муайян намудани ҳуқуқи дастрасии қонунӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Мазмуни ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008 «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» ошкор мегардад, ки тибқи он ҳар шаҳрванд ба ҷӯстуҷуи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (минбаъд – мақомот ва ташкилотҳо), шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд, ҳуқуқ дорад. Дар баробари ин, қонуни мазкур таърифи иттилооти дастрасиаш маҳдуд муқаррар намудааст, ки тибқи он – иттилооте, ки дастрасии он мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи сирри давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ танзим мегардонанд, ба манфиати таъмини амнияти миллӣ маҳдуд карда шудааст.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ду мавқеи мавҷударо вобаста ба муҳтавои мафҳуми «даромадан ба иттилоот» қайд намудан мумкин аст:

Зери мафҳуми даромадан ба иттилооти компютерӣ бояд аз ҷониби шахс ғайриқонунӣ ба даст овардани имконияти таъсиррасонӣ ба иттилооти компютерӣ дар намуди хондан, сабт ё иҷро намудани фармониҳои дигар дар системаи компютерӣ фаҳмида шавад [159, с. 99].

В.В. Воробев зери мафҳуми ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ бе иҷозати молик ё соҳиби дигари қонунии иттилооти компютерӣ дохил шудан ба он, аз ҷумла, бо ба даст овардани имконияти шинос шудан, ки он имкон медиҳад чунин иттилоот ихтиёрдорӣ карда шавад (нобуд, муҳосира, тағйир додан, нусхабардорӣ) ва хатарро барои ҳам иттилоот ва ҳам манфиатҳои молик ба вуҷуд меоварад [157, с. 70].

Даромадан ба иттилооти компютерӣ бояд ғайриқонунӣ сурат гирад. Аз таърифҳои мавҷудаи ғайриқонунӣ дар адабиёт, моҳияти даромадани ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ аз ҷониби қонун ҳифзшаванда, ба андешаи мо, дар он аст, ки шахс асоси ҳуқуқи барои таъсиррасонӣ ба иттилооти компютериро надорад [141, с. 32-35]. Масалан, бо ҳукми суд шаҳрванд С. ба компютери ба корхонаи ҷойи кори пештарааш мансуббуда логин ва рамзи худро насб намуда, ғайриқонунӣ вориди он гардидааст. Суд кирдори С.-ро мутобиқи м. 298 КҶ ҶТ бандубаст намудааст.

Дар як ҳолати мушаххас, шаҳрванд С.Ф. дар шабакаи интернетии «YouTube» наворе бо номи «Бесплатно взлом инстаграмм» пайдо намуда, онро тамошо карда, тарзи ғайриқонунии дастрасӣ ба аккаунтҳои истифодабарандагони шабакаи иҷтимоии Instagram-ро омӯхт. Баъдан, бо мақсади амалӣ намудани нияти ғайриқонунии худ, ӯ дар телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy A6+» замимаи махсуси «SurveyMonkey»-ро насб намуд.

Бо истифода аз ин замима, С.Ф. пурсишномаи махсус таҳия карда, пайванди онро тавассути аккаунти шахсии худ дар Instagram бо номи «F_i_r_u_z_l3_03» ба аккаунти истифодабаранда бо номи «Parvona-O3», ки ба шаҳрванд А.С. тааллуқ дошт, ирсол намуд. Шаҳрванд А.С., ки аз нияти воқеии С.Ф. огоҳӣ надошт, ба ин пайванд посух дода, маълумоти шахсии ӯ, аз ҷумла, номи корбарӣ ва рамзи махфӣ (логин ва парол), ба замимаи «SurveyMonkey», ки дар телефони мобилии С.Ф. насб шуда буд, ирсол гардид.

С.Ф., бо истифода аз маълумотҳои ба даст оварда, ғайриқонунӣ ба аккаунти «Parvona-ОЗ» ворид шуда, маълумоти дар он маҳфузбударо тағйир дод. Ӯ номи истифодабарандаро аз «Parvona-ОЗ» ба «ficyifyiicyciyuctcu», рақами телефони пайвастшударо аз +992 900919712 ба +992 919214565, ва почтаи электрониро аз «hasahovasaehat@gmail.com» ба «Samievflruz67@email.com» иваз кард.

Мувофиқи хулосаи мутахассисони Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълум гардид, ки С.Ф. бо истифода аз телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy A6+», ғайриқонунӣ ва бо фиреб ба телефони мобилии тамғаи «Samsung Galaxy S20», ки ба шаҳрванд А.С. тааллуқ дошт, ворид шуда, ба маълумоти шахсӣ ва муҳтавои аккаунти ӯ дастрасӣ пайдо кардааст. Суд шаҳрванд С.Ф.-ро дар содир намудани ҷиноят бо қ. 1 м. 298 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста, ба ӯ ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 200 (дусад) нишондиханда барои ҳисобҳо баробар ба маблағи 12.800 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин намудааст [198].

Бо назардошти тахлили диспозитсияи м. 298 КҶ ҶТ чунин мафҳуми ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотро пешниҳод менамоем, ки даромадани ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бояд ҳама гуна дохилшавии ғайриқонунӣ ба захираҳои итилоотии дар компютерӣ мавҷудбуда, сарфи назар аз ҳомили мошинии он фаҳмида шавад. Дар баробари ин, «ғайриқонунӣ» будани дастрасӣ ба иттилооти ҳифзшавандаи компютерӣ метавонад ҳам дар маънии бевоситаи қонунгузор ё дар мавҷуд набудани розигии соҳиби (соҳиби қонунии) иттилооти компютерӣ зоҳир гардад.

Ба сифати аломати дигари ҳатмии тарафи объективии м. 298 КҶ ҶТ тарзи содир намудани он, яъне вайрон намудани системаи муҳофизати он баромад менамояд. Воситаҳои махсуси ҳифзи иттилооти компютерӣ гуногунанд. Масалан, В.Е. Козлов усулҳои ҷисмонии ҳифз, дастгоҳҳо ва барномаҳои ҳифозатӣ, усулҳои криптографии муҳофизатро номбар менамояд [55, с. 97-101]. Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки воситаҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ ҳам воситаҳои умумӣ (назорати дастрасӣ, ҳушдор) ва

ҳам ҳама гуна воситаҳои зеҳниро дар бар мегиранд, ки дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютериро душвор мегардонанд (кодҳои дастрасии инфиродӣ ва ғайра). Воситаҳои ҳифзи нармафзорро соҳиби иттилоот ё бо фармоиши ӯ ба таври инфиродӣ сохтан мумкин аст.

Вайрон намудани системаи муҳофизатии иттилоот мумкин аст бо истифода аз калидсозӣ, рамзкушоӣ парол, тағйироти таъмини барномавӣ; зери ниқоби истифодабарандаи қонунӣ, тағйир додани суроғаҳои физикии воситаҳои техникӣ; истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ ё барномавӣ, ки барои бартараф намудани системаҳои муқарраршудаи муҳофизат имконият медиҳанд содир шавад.

Ба андешаи мо, худи факти дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот дар шароити кунунӣ хавфи ҷамъиятӣ надорад. Бинобар ин, дар сурати набудани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок ба дараҷаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронидани дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ба мақсад мувофиқ мебуд. Ҳамзамон, нигоҳ доштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ агар он сабаби ба таври назаррас поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои қонунии ҷамъият ё давлат гардида бошад, зарур аст.

Шахсе, ки ба компютер дастрасӣ дорад, метавонад ба маълумоти мушаххаси компютерии дар он захирашуда низ дастрасӣ надошта бошад. Соҳиб шудан ба компютери фардӣ ё ягон воситаи нигоҳдорӣ наметавонад ҳамчун дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ эътироф карда шавад, аммо мумкин аст боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарӣ барои тасарруфи техникаи компютерӣ ё вобаста ба самти қасд ҳамчун сӯйиқасд барои ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ гардад.

Инчунин, маълум аст, ки зарари ҷисмонӣ ба компютер ё дигар интиқолдиҳандаи иттилоот, ки боиси нобудшавии иттилооти дар он

нигоҳдошташуда гардидааст, ба мазмуни ҳуқуқии кирдори барои ҷамъият хавфнок мутобиқи қ. 1 м. 298 мувофиқат намекунад.

Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ метавонад ҳам тавассути тамоси бевоситаи шахс бо таҷҳизоти компютерӣ ва ҳам бо роҳи дастрасии бавосита бо истифода аз технологияҳои компютерии шабакавӣ тавассути ҳамоҳангии компютерҳои алоҳида дар масофаи назаррас ё интернет сурат гирад. Солҳои охир маҳз тарзи дуюм хело маъмул гардида истодааст.

Тарафи объективии ҷиноятӣ дар м. 299 КҶ ҶТ (Тағйир додани иттилооти компютерӣ) пешбинигардида, тағйири иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бараъло бардурӯғ, ки зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро пеш овардааст, мебошад.

Масалан, шаҳрвандони ҶТ Р.Д., ва Ш.Ҷ. бо шаҳрванди Федератсияи Россия ба тафтишот ҳамчун К.В. шинос, бо тариқи сомонаи (сайт) asterisk-support.ru, тасодуфан бо шахрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Д. шинос шуда, ба вай фаъолияти ғайриқонуниро, ки аз ивазкунии рақамҳои телефонҳои мобилӣ (терминатсия) иборат буд, пешниҳод намудааст. Шаҳрванд Р.Д. барои амали намудани фаъолияти ғайриқонунӣ (терминатсия) бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Ҷ. маслиҳат намуда, бо худ ҷалб намуданд бо мақсади ғайриконуни иваз кардани иттиолоотии компютерӣ, фаъолияти соҳибкориро бидуни гирифтани иҷозатномаи махсус (литсензия), ки ба ин фаъолият, яъне хизматрасонии алокаи барқи, тибқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2007 сол, №172 тасдиқ карда шудааст, гирифтани иҷозатномаи (литсензия) махсусро, пешбинӣ мекунад, амалӣ намуда, таҷҳизотҳои махсусӣ компютериро, ки аз 1(як) адад блоки системавӣ, 6 адад USB HUB ва 58 адад 3G модем иборат буда, харидори намуда, дар болохонаи бинои №55/1, воқеъ

дар ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ пешакӣ ба иҷора гирифта шуд, ҷойгир карданд. Аз моҳи июни соли 2012 то 25 октябри соли 2012, РД, ва Ш. Ҷ. зангҳои воридотии байналмилалии муштариёнро, ғайриконунӣ ба зангҳои маҳалии дохилӣ тағйир намуданд ва шаҳрванди Федератсия Россия ба тафтишот ҳамчун К.В. шинос, аз руйи ин фаъолияти ғайриқонунӣ ба шахсони дар боло зикр гардида бо воситаи кортаи пластикии бонкӣ «ВИЗА» ҳамчун музди мехнат маблағ интиқол менамуд, ки онро шаҳрвандон Р.Д. ва Ш.Ҷ. баробар тақсим мекарданд. Дар натичаи фаъолияти ғайриконуни (терминатсия), ба ДСП «Бабилон Мобайл» ва ҶСН «Индиго Тоҷикистон» зарари ҷиддӣ расонидаанд.

Суд кирдори судшавандаҳо Р.Д. ва Ш.Ҷ.., барои таъғйир додани иттилоот, ки дар система ё шабақаи компютерӣ, ё дар маҳзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин, дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти баръало бардурӯғ, ки зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро пеш овардааст, яъне бо қ. 1 м. 299 ва бо қ. 1 м. 259 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (литсензия) ҳатмӣ мебошад, ки бо ба даст овардани даромад ба микдори калон содир шудааст бандубаст намудааст [199].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ тағйир додани иттилооти компютерӣ, агар баъзе тафовутҳои пурмазмунро ба назар нагирем, асосан, тавассути аломати «тағйир» муайян карда мешаванд.

Масалан, ба андешаи А.С. Мойсевич тағйир додани иттилооти компютерӣ маънои тағйир додани мазмуни иттилоотро нисбат ба ҳолати аслӣ, ки дар ихтиёри соҳиби қонунӣ ё истифодабарандаи қонунии он қарор дошт, дар бар мегирад [131, с. 30].

Ба андешаи М.Ю. Дворетский, «тағйир додани иттилоот ворид намудани ҳама гуна тағйирот ба иттилооти дар системаҳо ва манбаъҳои иттилоотӣ нигоҳ дошташуда, ки ба соҳибмулк тааллуқ доранд, мебошад» [161, с. 86].

Ба фикри бархе аз муаллифон, тағйир додани иттилоот ҳама гуна тағйиротро дар иттилооти компютерӣ дар бар мегирад. Ин тағйирот метавонад ба барномаҳо, пойгоҳҳои додаҳо ва ҳатто иттилооти матние, ки дар ҳомилҳои моддӣ ҷойгиранд, дахл дошта бошад. Истисно ба ин қоидаҳо танҳо он ҳолатҳоянд, ки тағйиротҳо қонунӣ буда, аз ҷониби шахсони салоҳиятдор тибқи қоидаҳои муқаррааргардида анҷом дода мешаванд [59, с. 288].

Тибқи м. 2 Қонун ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002 тағйирдиҳии иттилоот чунин муайян карда шудааст «дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд» [7].

Дар баъзе мавридҳо қонунгузории ҶТ тағйир додани иттилоотро иҷозат медиҳад. Масалан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998 чунин муқаррар шудааст: «Шахсе, ки қонунан соҳиби нусхаи барнома барои МЭҲ ё манбаи маълумот мебошад, ҳуқуқ дорад, ки бе ризоияти муаллиф ё дигар соҳиби ҳуқуқи комил ва бе пардохти ҳаққи қалами иловагӣ корҳои зеринро анҷом диҳад: ба барнома барои МЭҲ ё манбаи маълумот тағйироте дохил намояд, ки он фақат бо мақсадҳои фаъолияти вай дар васоити техникии истифодабаранда амалӣ мешавад. Вай ҳар гуна амалеро иҷро менамояд, ки бо фаъолияти барнома барои МЭҲ ё манбаи маълумот мувофиқи таъиноти он вобаста аст, аз ҷумла, сабт ва нигаҳдорӣ дар хотираи МЭҲ, ки барои як МЭҲ ё истифодабарандаи як шабака мумкин аст, ба шарте ки дар шартнома бо муаллиф чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад: нусхаи барномаро барои МЭҲ ё манбаи маълумот таҳия намояд, ба шарте ки ин нусха барои мақсадҳои ба бойгонӣ супоридан ё иваз намудани нусхаи аслии барнома барои МЭҲ ё манбаи маълумоте, ки гум шудааст, ё ғайри қобили истифода гардидааст, таъин гардад. Агар соҳибияти минбаъда ба барномаи МЭҲ ё манбаи маълумот ғайриқонунӣ гардад, дар ин маврид, нусхаи барнома барои МЭҲ ё манбаи маълумот, бояд нобуд карда шавад» [3].

Тағйир додани иттилооти компютериро бояд ҳама гуна тағйир додани мундариҷаи аслии он, яъне ворид намудани ислоҳоти гуногун ба иттилооти мавҷуда бе иҷозати соҳиби қонунии он фаҳмида шавад. Ин метавонад ворид намудани маълумоти нав, қисман нест кардан ё дигар намуд тағйироти иттилооти компютерӣ бошад.

Масалан, шаҳрвандон А.М., С.Т. ва Б.Х. дар ҳолатҳои зерин даст ба содир намудани ҷиноятҳои қасдона задаанд.

Судшаванда А.М. бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт, бо истифодаи таҷҳизоти компютерии «Программатор TVP-25 88+», ба воситаи барномаҳои компютерӣ, роҳи тағйир додани иттилооте, ки дар системаи шабакаи компютерӣ, ё дар маҳзани мошинҳо нигоҳ дошта шударо пайдо намуда, барои кам кардани нишондиҳандаҳои ҳисобкунакҳои барқии электронӣ, дар хонаи истиқоматиаш, компютер ва дигар таҷҳизотҳои лозимаро ҷойгир намуда, барномаҳои махсусро ба компютераш васл карда, барои ба хотираи маҳзанҳои ҳисобкунакҳои электронии барқи тағйирот ворид кардан, шароит фароҳам овардааст.

Пас аз ин ӯ барои амали намудани нақшаи ҷинояткоронаи таҳрези кардааш, аз паси кофтукови ҳаммаслак гардида, ҳамкораш-кафшергари Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон судшаванда С.Т.-ро ҷалб намуда, байни худ нақшҳоро ҷудо кардаанд.

Минбаъд судшаванда С.Т. аз рӯйи нақшаи таҳрези кардаашон амал намуда, бо назоратчӣ-барқчиён ва сарнозирони Шабакаҳои барқӣ Р.Б., Х.А., ва дигарон шиносои пайдо намуда, бо онҳо маслиҳат намудааст, ки ин назоратчи-барқчиён аз муштариёни истифодабарандагони қувваи барқ ҳисобкунакҳои барқии рақамии қувваи зиёди барқ сарфа кардаро, бо қисми маблағи пулии барқи сарфа шуда гирифта, ҳамаашон ҳақи хизматашонро гирифта, судшаванда С.Т. дар навбати худ ҳисобкунакҳои барқиро ба воситаи судшаванда А.М., нишондиҳандаҳояшонро кам карда, нозирон онҳоро бозпас

бурда дар ҷойҳои истифодабарии барқи мизоҷон васл намуда, аз ин амали ғайриқонуниашон фоида ба даст меоранд.

Баъдан, ҳамаи судшавандаҳо аз паси иҷрои нақши кашидаашон гардида, дар давоми тахминан аз моҳи декабри соли 2017 то санаи 26-уми августи соли 2020 судшавандаҳои кормандони ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» аз боварии ба онҳо кардаи ин ҷамъият ва аз мақомҳои хизматиашон сӯиистифода карда, аз муштариёни ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» қисми маблағҳои пулии барқи сарфакардаашонро гирифта, тибқи нақшаи дар боло кашидаашон амал карда, ҳисобкунакҳои барқии электронии ин муштариёнро кушода гирифта, ба воситаи судшаванда С.Т. ҳамаи он ҳисобкунакҳоро ба судшаванда А.М. дода, охирин бо истифода аз техникаи компютери ва барномаҳои компютерӣ, ба иттилооти компютерии дар маҳзанҳои ҳисобкунакҳои барқии дарҷгардида, мавҷуд буда, тағйирот ворид намуда, нишондиҳандаҳои сарфи барқи онҳоро кам кардаанд.

Мутобиқи санади аудитии Палатаи ҳисобии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари моддии аз ҷониби А.М. ва ҳаммасликонаш ба ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» расонидашуда, ҷамъ ба маблағи 105374 сомониро ташкил медодааст.

Дар натиҷа судшаванда А.М., бо шариконаш ба ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» ҷамъ ба маблағи 105374 (яксаду панҷҳазору се саду ҳафтоду чор) сомонӣ, зарари калони моддӣ расонидаанд.

Шаҳрвандон А.М., С.Т. ва Б.Х. бо б «б» қ. 3 м. 253 ва қ. 1 м. 299 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шудаанд [202].

Истифодаи барномаҳо бе тағйир додани мазмуни маълумотҳо тағйир додани иттилоот ҳисоб намешавад, агар имконияти барқарор намудани намуди аввалаи он тавассути бойгониҳо, рамзгузорҳо ва ғайра ҷой дошта бошад.

Инчунин, бо ворид намудани маълумоти бардурӯғ тағйир додани маълумот имконпазир аст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 299 КҶ ҶТ танҳо дар сурате ба вуҷуд меояд, ки кирдори дар боло қайдгардида зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро пеш овардааст.

Дар моддаҳои дигар, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ расонидани зарари ҷиддӣ низ қайд гардидааст. Дар баъзе моддаҳо, он ҳамчун аломати таркиби асосӣ (қ. 1 м. 304 КҶ ҶТ), дар дигарон ҳамчун аломати бандубастшаванда (қ. 2 м. 298, қ. 3 м. 301 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Аммо дар ин маврид мафҳуми зарари ҷиддӣ кушода нашудааст.

Ба андешаи В. Комиссаров, «баҳодиҳии зарари ҷиддӣ ё ночиз аз арзиши иттилоот ва ҳаҷми он, давомнокии он, оқибатҳои манфӣ, шумораи истифодабарандагони зарардида, дараҷаи номуташаккилии фаъолияти корхонаю муассисаҳо, ҳаҷми зарари моддию маънавӣ ва дигар ҳолатҳо вобаста аст» [29, с. 587].

Зарари ҷиддӣ, ки дар моддаи 299 КҶ ҶТ зикр шудааст, метавонад моддӣ ва ғайримоддӣ бошад.

Зарари ғайримоддӣ мумкин аст дар халалдор ё вайрон шудани ҳуқуқ ва манифитаҳои қонунии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, расонидани зарари маънавӣ, паст шудани эътибори корӣ ва ғайра ифода гардида метавонад.

Мушкилоти бештарро муайян намудани зарари моддӣ ба миён меорад, зеро андозаи чунин зарар бевосита дар қонуни ҷиноятӣ муайян нашудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод мешавад, ки ҳангоми муайян намудани андозаи зарари моддӣ бояд халалдор шудани фаъолияти истеҳсолӣ, аз кор мондани корхонаҳо, муҳлати таъмини дастгоҳҳои компютерӣ, арзиши иттилоот, хароҷотҳои барои бартараф намудани чунин оқибатҳо сарфшаванда ва фоидаи аз даст рафта ба ҳисоб гирифта шавад [127, с. 40-43].

Таҳлили КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки қонунгузор дар як қатор ҳолатҳо ҳаҷми муайяни ифодаи моддии зарари ҷиддӣ нисбат ба хусусиятҳои ҷиноятҳои мушаххасро муқаррар намуда, онҳоро дар шакли эзоҳ ба

моддаҳои дахлдор пешбинӣ менамоянд (масалан, м.м. 156, 236 КҶ ҶТ ва ғайра).

Барои дақиқтар татбиқ намудани меъёрҳои боби 28 мо пешниҳод менамоем, ки моддаи мазкур бо эзоҳ пурра карда шавад. Моддаи 299-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳрири зайл ифода карда шудааст: «Дар ин боб таҳти мафҳуми зарари ҷиддӣ зараре фаҳмида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 200 маротиба зиёд мебошад».

Дар баробари заррари ҷиддӣ дар доираи таркиби баъзе аз ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, инчунин, «боиси оқибатҳои вазнин» гардидани кирдор ҳамчун аломати вазнинкунанда мустаҳкам шудааст, Масалан, қ. 3 м. 298, б «б» қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ ва ғайра.

Дар илм якчанд мавқеъ вобаста ба «оқибатҳои вазнин» вуҷуд дорад Ҳамин тавр, С.В. Бородин чунин мешуморад, ки «оқибатҳои вазнине, ки аз беэҳтиётӣ ба амал омадаанд, метавонанд ба марги одамон, зарар ба саломатии онҳо, халалдор шудани истеҳсолот дар корхона ё саноат, халалдор шудани фаъолияти бонк ё системаи бонкӣ, мураккаб шудани муносибатҳои дипломатӣ бо давлати дигар, ба вуҷуд омадани ҷанги мусаллаҳона оварда расонанд» [60, с. 666-667].

Ба ақидаи А.Н. Попов «вазнинии оқибатҳо нисбат ба вазъияти мушаххас муқаррар карда мешавад; оқибатҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун – қатъи маҷбурии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, гум шудани маълумот ва ғайра ифода карда шаванд; яъне ҳар гуна оқибатҳои вазнине мебошанд, ки суд бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда метавонад вазнин эътироф намояд» [58, с. 490].

Оқибатҳои вазнин бояд дар асоси ҳолатҳои мушаххас ва бо назардошти зарари аз ин оқибатҳо расондашуда муайян карда шаванд. Оқибатҳои вазнинро дар шаклҳои гуногун ифода кардан мумкин аст: вайрон намудани кори корхона ё муассиса, нест гаштани иттилооти пурарзиши компютерӣ [97, с. 262].

Баъзе муаллифон ин амалҳоро боиси марг ё расонидани зарар ба саломатӣ, халалдор намудани фаъолияти корхонаҳои тиббӣ, нақлиётӣ ё дигар корхонаҳо, садамаҳои калон, нобуд намудани маълумоти махсусан арзишманд ё нодир, расонидани зарари калони экологӣ, расонидани зарар ба муҳити зист ва зарари калони молу мулкӣ ва ғайра ҳисобида, онҳоро ба оқибатҳои вазнин дохил менамоянд [54, с. 137].

Чунин ба назар мерасад, ки вазнинии оқибатҳои кирдор бояд вобаста ба ҳар як ҳолати мушаххас муқаррар карда шаванд. Оқибатҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун, аз қабили, қатъи маҷбурии фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, гум намудани маълумоти муҳим ва ғайра ифода карда мешавад. Ба ибораи дигар, ҳама гуна оқибатҳое, ки суд бо назардошти ҳолатҳои мушаххас эътироф мекунад, метавонанд вазнин эътироф карда шаванд. Ба сифати оқибатҳои ҷиддӣ расонидани заррари махсусан калон, марги одамон, расондани зарари вазнин ба одамон, фалокат ва ғайраро метавон эътироф кард [96, с. 343].

Тарафи объективии ҷинояти таҳрибкории компютерро (м. 300 КҶ ҶТ) чунин кирдорҳои ба таври алтернамивӣ мустаҳкамшуда, ба монанди несту нобуд кардани иттилоот ё барномаҳои компютерӣ; муҳосира кардани иттилоот ё барномаҳои компютерӣ; корношоям гардонидани иттилоот ё барномаҳои компютерӣ; аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ; вайрон намудани система ё шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо ташкил медиҳанд.

Аввалин амали алтернативӣ несту нобуд намудани иттилооти компютерӣ мебошад. Ҳаракати мазкур дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври гуногун тавзеҳ дода мешавад. Масалан, баён мешавад, ки несту нобуд намудани иттилоот бо пурра ё қисман корношоям сохтани чунин маълумот вобаста мебошад. Фарқ надорад, ки ҷабрдида нусхаи маълумотеро, ки ҷинояткор нобуд кардааст, дошт ё не [128, с. 41].

Нобуд намудани иттилоот бояд тоза намудани он аз воситаҳои нигоҳдории иттилоот новобаста аз имконияти барқарор шудани он эътироф шавад [159, с. 110].

Несту нобуд намудани иттилооти компютерӣ ҳамчун бевосита нобуд сохтан ( ҳолате, ки иттилоот барқарор намегардад) ва ҳам тоза намудани он (несту нобуд намудни иттилоот ҳангоми ҷой доштани имконияти қисман ё пурра барқарор намудани он) фаҳмида мешавад [171, с. 94].

Муаллифони дигар мафҳумҳои «тоза кардан» ва «нобуд кардан»-и иттилоотро тафовут мекунанд [58, с. 651]. Нобудшавии иттилоотро инҳо ҳамчун ҳолате шарҳ медиҳанд, ки дар он барқароркунии иттилоот имконнопазир мегардад ва тозакунии иттилоот бошад, ҳамчун ҳолате шарҳ дода мешавад. Имкони барқарорсозии иттилоот бо истифода аз барномаҳои махсус мавҷуд аст.

Як зумра муаллифон бар он ақидаанд, ки нобудшавии иттилоотро дар сурати имконнопазирии барқарор намудани он ҳамчун несту нобуд гардидани иттилоот фаҳмидан зарур аст. Ин мавқеъро С. Кочои, Д. Савелев ишғол менамоянд [124, с. 45]. Бо чунин мавқеъ розӣ шудан душвор аст, зеро аз ҷиҳати назариявӣ, тавре ки барномасозон қайд мекунанд, ҳар як маълумоти ақаллан як маротиба дар компютер сабт шударо, бо роҳи аз хотираи амиқ баровардан барқарор кардан имконпазир мебошад [69, с. 97]. Аммо бештари корбарон, чун қоида, қобилияти мустақилона барқарор намудани иттилоотро надоранд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки нест намудани иттилоот аз васоити мошинӣ, ҳатто агар барқарор намудани он имконпазир бошад, бояд ҳамчун нобудшавии иттилоот баррасӣ карда шавад.

Дар адабиёт нуқтаи назаре ҷой дорад, ки тибқи он агар соҳиби иттилоот, онро ба осонӣ барқарор карда тавонад, пас ҷазои ҷиноятӣ барои кирдоре ба миён меояд, ки воқеан ба молик ё дигар истифодабарандаи қонунӣ зарар нарасонидааст. Чунин кирдор, ба андешаи С.Д. Бражник ва Д. Ястребова, аз нигоҳи қонуни ҷиноятӣ хавфи ҷамъиятӣ надорад, бинобар ин, наметавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ шавад [154, с. 74]. Аммо, ба андешаи мо, ҳама гуна

имкони аз ҷониби ҷабрдида барқарор намудани маълумоти мавҷудбуда набояд ба озод намудани ҷинояткор аз ҷавобгарӣ таъсир расонад. Дар акси ҳол, мавҷудияти таркиби ҷиноят дар кирдори шахс на аз кирдорҳои воқеан содиркардаи шахси гуноҳгор, балки ба таҷриба ва дурандешии эҳтимолии ҷабрдида вобаста мегардад.

Муайян намудани ҳаҷми нобудшавии иттилоот муҳим аст. Баъзе муаллифон қисман нест намудани онро низ нобудшавӣ меҳисобанд, бе муайян намудани он ки то чӣ андоза қисман нест кардан низ нобудшавӣ хоҳад буд. Дар чунин мавридҳо бояд аз таҳлили чунин хосиятҳои иттилоот, ба монанди мукаммалӣ ва эътимоднокӣ, ки арзиши онро муайян мекунанд диққат дод. Бинобар ин, агар қисман бартараф намудани иттилоот маънои онро ба таври назаррас тағйир диҳад, пас маълумот дар ин ҳолат хусусияти сифатии худро гум мекунад.

Дар байни амалҳои алтернативӣ, ки мутобиқи қ. 1 м. 300 КҶ ҶТ ҷавобгариро ба вуҷуд меорад, муҳосираи иттилоот низ ҳамчун амали алтернативии тарафи объективии тахриби компютерӣ ном бурда мешавад, ки моҳияти онро, ба андешаи мо В. Лосев дуруст муайян кардааст. Ба ақидаи ӯ, муҳосираи иттилоот эҷоди монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи истифодаи озоди иттилоот, ки боиси дастнорас шудани он мегардад, фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар муҳосира, дастрасӣ ба иттилооти компютериро ба корбарии қонунии он ғайриимкон менамояд ё халалдор месозад [127, с. 41].

Шахси гуноҳкор барои муҳосираи иттилоот, новобаста аз он, ки чунин муҳосира муваққатӣ ё дарозмуддат, пурра ё қисман мебошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар адабиёти илмӣ саволе баррасӣ мегардад, ки муҳосираи иттилооти компютерӣ то чӣ андоза бояд идома ёбад, то ки ҷавобгарии ҷиноятиро мутобиқи қ. 1 м. 300 КҶ ҶТ ба вуҷуд меорад. Бояд қайд намуд, ки дар ин маврид мафҳуми «муҳосираи иттилоот» бо ҳадаф ва муҳиммияти иттилоот алоқаманд нагардидааст. Сухан дар бораи он меравад, ки вобаста ба доираи

истифодабарии иттилоот таносуби он бо категорияи вақт мувофиқат намекунад.

Ҳамин тавр, О.Я. Баев ва В.А. Мешеряков барои мисол қайд менамоянд, ки ҳатто даҳ сония таъхир дар гирифтани иттилоот дар бораи ҳуҷуми мушакии ядрои дар системаи автоматикунонидашудаи огоҳии пешакӣ, сабаби оқибатҳои фалокатовар хоҳад дошт [110, с. 11]. Барои созмонҳо, бастани дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ метавонад боиси халалдор шудани ҷараёни кор гардад. Дар баробари ин, дар сатҳи истифодабарандаи оддӣ, ҳатто нимсоата таъхир додани натиҷаи коркарди иттилоот метавонад монеаи дилгиркунанда шавад. Кушодани иттилоот метавонад ҳам дар натиҷаи амали касе ва ҳам ба таври худкор, пас аз як давраи муайян анҷом дода шавад.

Чунин ба назар мерасад, ки муҳосираи иттилоот аз халалдор намудани фаъолияти муътадили корбарони иттилоот ё эҷоди таҳдиди қатъи ин фаъолият, сарфи назар аз давомнокии вақт, ба шарте, ки зарари назаррас расонида шавад, иборат аст.

Дар байни амалҳои эҳтимолӣ тахрибкории компютерӣ, қонун, инчунин, корношоям намудани таҷҳизоти компютериро муайян намудааст, ки ҳолатҳои гуногуни марбут корношоямии компютеро ба вуҷуд оварда метавонанд: рад намудани додани иттилоот, додани иттилооти нодуруст, вайрон намудани тартиботи фаъолият, иҷро нанамудани фармоиш ё хориҷ намудани унсурҳои алоҳида аз таркиби компютер, системаи компютерӣ, шабака, ки ба фаъолияти он мутобиқи таъиноти пешбинишуда ба таври назаррас халал мерасонад. Моҳияти ин амал аз он иборат аст, ки таҷҳизоти компютерӣ ба ҳолате оварда мешаванд, ки он вазифаҳои худро иҷро карда наметавонад ва ё нодуруст иҷро мекунад. Дар ин сурат, ки тамомияти ҷисмонии компютерро нигоҳ медорад. Агар ба таҷҳизоти компютерӣ зарари воқеии ҷисмонӣ расонида шуда бошад, кирдор метавонад бо шартҳои муайян ба маҷмуи ҷиноятҳои мутобиқи м. 300 ва моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ,

ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои зидди моликият бандубаст мекунад, равона шуда бошад.

Корношоям сохтани иттилооти компютерӣ ё барнома. Дар ин ҳолат, сухан на танҳо дар бораи душвориҳое меравад, ки бевосита бо коркарди хотираи компютер алоқаманданд, балки дар бораи дахолат дар экрани дисплей, ҳангоми чоп ва нусхабардории маълумоти компютерӣ, инчунин, дар ҳама гуна дастгоҳҳои периферӣ ва идоракунии таҷҳизот пайдо мешаванд. Масалан, сенсорҳо. Ҳамин тавр, ин ҳаракат маънои онро дорад, ки иттилоот ё барномаҳои компютерӣ дар компютер мавҷуданд, вале бо сабаби нест ё вайрон намудани қисамтҳои асосии онҳо вазифащои худро ба пуррагӣ иҷро карда наметавонанд. Масалан, фарқ намудани як иттилоот аз иттилооти дигар.

Аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ.

Барои муайян намудани моҳияти корношоям сохтани системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ ва ё махзани мошинҳо зарурияти муайян намудани мафҳумҳои зерин зарур аст:

1. Таҷҳизоти компютерӣ ин таҷҳизотест, ки барои табдил додан ва нигоҳ доштани иттилоот пешбинӣ шудааст. Ба ин намуд таҷҳизот таҷҳизоти системаҳо ва воситаҳои алоқа, воситаҳои ченкунӣ ва идоракунӣ, воситаҳои техникаи ҳисобкунӣ, воситаҳои намоиши визуалӣ ва акустикии иттилоот, воситаҳои нигоҳдории иттилоот ва ғайра дохил мешаванд [82, с. 333].

2. Системаи компютерӣ. Системаи компютерӣ – ин маҷмуи муташаккили технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарорӣ ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро таъмин менамоянд, мебошад;

3. Шабакаи компютерӣ маҷмуи воситаҳои техникаи ҳисоббарор мебошад, ки ба он, инчунин, таҷҳизоти компютерӣ, аз қабили, ҳама гуна дастгоҳҳои электронӣ, ки қодиранд вазифаҳои қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилооти дар шакли сигналҳои барқӣ рамзгузоришударо иҷро кунанд, компютерҳои шахсӣ, аз ҷумла, ноутбукҳо ва планшетҳо, телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо ва дигар дастгоҳҳои электронӣ, воситаҳо ва

технологияҳои, ки барои ҷамъоварӣ ва интиқоли иттилоот, алоқаманд бо ҳамдигар ё муҳити беруна бе иштироки инсон таъин шуда дохил мешаванд, ки тавассути шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ муттаҳид карда шудаанд ва дар доираи он мубодилаи иттилооти компютерӣ байни онҳо амалӣ мегардад [148, с. 9].

4. Махзани машинҳо – флешкартаҳо, сахтафзорҳо, CD-ROM, DVD-ROM, дискҳои оптикӣ ва ғайраҳо барандагони иттилоот ба ҳисоб мераванд.

Аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ мумкин аст натиҷаи аз кор баровардани таъмини барномавӣ; халалдор шудани пуррагии таъминоти таҷҳизот, ки ба он таъминоти барномавии мазкур гузошта шудааст; зарар дидани системаи алоқа ва ғайра ба ҳисоб равад. Дар ин маврид, сухан на танҳо дар бораи мушкилоти бевоситаи коркард бо хотираи компютер, балки дар монеаҳое, ки дар экран ҳангоми чоп ва нусхабардорӣ пайдо мешаванд, рафта метавонад [42, с. 70].

Аз кор баровардан, яъне корношоям намудани чунин таҷҳизотҳо ҳамчун таркиби асоси дар м. 300 тахрибкории компютерӣ ва ҳамчун аломати бандубастшаванда дар қ. 2. м. 298 пешбинӣ гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки аз руйи хусусиятҳои худ таркиби ҷинояти мазкур бояд дорои таркиби моддӣ бошад. Вале дар қ. 1 м. 300 КҶ ҶТ қонунгузор оқибатҳои ҷиноятро дар намуди расонидани зарар аз доираи таркиби асосии он берун мондааст, ки ин метавонад боиси зарари ночиз, ба монанди вайрон намудани мушаки компютер гардад ва дар натиҷа шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Бинобар ин, ба андешаи мо тағйир додани қ. 2. м. 298 ва қ. 1 м. 300 КҶ ҶТ дар таҳрирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад;

а) Ҳамин кирдор, агар аз беэҳтиётӣ боиси тағйир додан, нест кардан ё муҳосираи (блокировкаи) иттилоот, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ гашта бошад, ки зарари ҷиддӣ расонидааст (қ. 2. м. 298);

б) Несту нобуд, муҳосира ё корношоям сохтани иттилооти компютерӣ ё барнома, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ, ҳамчунин вайрон

кардани система ё шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо, ки зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро пеш овардааст (м. 300 КҶ ҶТ).

Мо ба моҳияти ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро баҳо дода, чунин мешуморем, ки он норавшан ифода ёфтааст ва шарҳи он ба моҳияти он пурра мувофиқ нест. Чунки чунин зуҳуротҳо ба монанди радди додани иттилоот, додани иттилооти нодуруст, халадор шудани тартиби иҷрои фармонҳо ва ғайра ҳатман шаҳодатгарӣ аз кор баромадани таҷҳизоти компютерӣ буда наметавонанд, балки аз халалдор шудани кори таҷҳизоти компютерӣ дарак медиҳанд. Худи аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ, ба фикри мо, дар кори дастгоҳҳои алоҳида ва ё дар тамоми системаи ҳисоббарор рӯй додани камбудиҳои техникӣ мебошад. Дар баробари ин, кормандон соҳаи технологияҳои иттилоотӣ бар ин ақидаанд, ки осеб ба таҷҳизот бе дастрасии бевоситаи шахсӣ ғайриимкон аст. Дар ҳар сурат, ба ақидаи мо, дар сурати тахриби компютерҳо, корношоям сохтани иттилооти компютерӣ ё барнома, нисбат аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ эҳтимоли бештар дорад. Баъзе муаллифон мундариҷаи ин амалро ошкор намуда, онро ҳамчун ҳама гуна ҳолати ғайристандартӣ (ғайриоддӣ) бо компютер ё дастгоҳҳои он мефаҳманд, ки монеаҳои муваққатӣ ё қавиро ҳангоми аз рӯйи таъинот истифода шудани чунин таҷҳизот ба вуҷуд оварда, боиси ғайриимкон шудани истифодаи шабакаи компютерӣ дар низоми одӣ мегарданд [186, с. 73].

Бинобар ин, ба назари мо дар қ.1 м. 300 тағйир додани ибораи «аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ» ба ибораи «вайрон намудани системаи компютерӣ ё шабака» афзалтар ба назар мерасад.

Тарафи объективии м. 301 КҶ ҶТ ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро амалҳои зерин ташкил медиҳанд:

1) Нусхабардории ғайриқонунӣ;

2) бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд;

3) дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад.

Нусхабардорӣ (таҷдиди репрографӣ) – дар шакл ва андозаи дилхоҳ як ё якчанд маротиба нусхабардорӣ намудани нусхаҳои асл ё нусхаҳои асарҳои хаттӣ ё дигар асарҳои графикӣ бо роҳи нусхабардории аксӣ ё бо кумаки васоили техникии дигар, ғайр аз васоили чопӣ; нигаҳдорӣ ва таҷдиди нусхаҳои мазкур дар шакли электронӣ (аз ҷумла, ададӣ), оптикӣ ё дигар шакли хониши мошиннавис ба таҷдиди репрографӣ дохил намешавад.

Тарзи асосии содир намудани ин ҷиноят нусхабардории ғайриқонунии иттилоот мебошад. Вобаста ба истилоҳи нусхабардорӣ дар робита ба ин ҷиноят, дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи ягона ҷой надорад.

Ҳамин тавр, нусхабардори намудани иттилооти компютерӣ ин гузаронидани он ба дигар махзан ҳангоми нигоҳ доштани он дар шакли сигналҳо, новобаста аз воситаи нигоҳдорӣ, коркард ва интиқол ба ҳисоб меравад. Ҷойгир намудани маълумот дар қоғаз, дар хотираи шахс объекти нави иттилооти компютериро ба вуҷуд намеорад, чунки маълумот гарчанде нусхабардорӣ шавад ҳам, аммо он нусхабардории компютерӣ ҳисоб намешавад [117, с. 75].

К.Н. Евдакимов бар ин назар аст, ки роҳҳои нусхабардории иттилооти компютерӣ метавонанд бисёр бошанд, аммо на усули нусхабардорӣ, балки нигоҳ доштани шакли электронию рақамӣ ҳангоми интиқоли информатсияи компютерӣ аз як ҳомили моддӣ ба дигараш муҳим аст. Аз ин рӯ, дар сурати мустақилона интиқол додани иттилооти компютерӣ ба хотираи дастраси тасодуфии компютери шахси гуноҳкор, ҳатто агар он дар рӯйи коғаз чоп нашуда бошад ҳам, ин маънои арзёбии ҳуқуқӣ нусхабардории онро дорад ва амали шахси гунаҳкор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [162, с. 83].

Олимони дигар баён медоранд, ки аксбардории матн аз экрани дисплей, мутолиа намудан, дасти нусхабардори намудани он бо мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ нусхабардории компютерӣ ба ҳисоб намеравад [89, с. 596].

Ба андешаи В.С. Карпов нусхабардории иттилооти компютерӣ амалҳои қасдона мебошанд, ки ба такрор ва тасври устувор чоп намудани иттилоот дар мошин ё дигар ҳомили мошинӣ нигаронида шудаанд.

Нусхабардории иттилооти компютерӣ бо тарзи дастӣ, ба тасври аксбардории матн аз экрани дисплей, инчунин, хондани информатсия тавассути боздоштани радиатсияи компютер, рамзкушоӣ намудани садои принтер ва ғайра дар диспозитсияи ин моддаи КҶ ФР пешбинӣ нашудааст (м. 272) [169, с. 95].

В.В. Воробёв нусхабардории иттилоотии компютериро ҳамчун истеҳсоли як ё якчанд нусхаи (дакик ё нисбатан саҳеҳ) маълумоти ибтидоӣ мефаҳмад. Шарти ҳатмӣ барои нусхабардории иттилооти компютерӣ далели интиқоли иттилооти нусхабардорӣ ба дигар ҳомилҳои мошинӣ мебошад [157, с. 83].

Мо бо нусхабардории иттилооти компютерӣ интиқоли ғайриқонунии иттилоотро ба муҳитҳои моддии дигар, таҷдиди иттилоот дар ҳама гуна шакли моддӣ ё бо роҳи боздоштани иттилоот дар назар дорем.

Дигар тарзи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооте, ки дар низоми компютерӣ, шабака ё васоити мошинӣ нигоҳ дошта мешавад, маънои «бадаст овардани имконияти нисбати чунин иттилоот амалӣ намудани ҳама ё баъзе аз ваколатҳои соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ ҳангоми ҷой надоштани ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ ба он ё амалӣ намудани ваколатҳои мазкур бархилофи тартиби муқарраршуда, бо вайрон намудани қоидаҳои танзимкунандаи он бо роҳҳои марбут ба нусхабардории маълумоти компютерӣ, яъне ба ғайр аз нусхабардорӣ бо ҳар роҳ ба даст овардани маълумоти компютерӣ фаҳмида мешавад» [73, с. 822].

Дар луғатҳои ҳуқуқӣ соҳибият ба яке аз шаклҳои моликият дахл дорад; ҳукмронӣ бар ашё [86, с. 93], соҳибияти воқеии ашё, ба соҳибмулк имкони таъсири бевосита ба он, истифода бурдан, ба ихтиёри ашхоси дигар доданро фароҳам овардан фаҳмида мешавад [106, с. 54]. Дар асоси таърифҳои моликият ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ин мафҳум танҳо дар робита бо объектҳои олами моддӣ (чизҳо) баррасӣ мешавад.

Аз сохти грамматикии диспозитсияи м. 301-и КҶ ҶТ бармеояд, ки истилоҳи «ба даст овардан», нусхабардории иттилооти компютериро дар бар мегирад, ки ин аз ибораҳои «нусхабардорӣ ё бо дигар усул ба даст овардани иттилоот» шаҳодат медиҳад. Вале ҳангоми нусхабардории ғайриқонунии иттилоот, он аз соҳибии молик дур намешавад ва имконияти аз рӯйи таъинот истифода шудани иттилооти компютерӣ аз даст намеравад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи нусхабардории ғайриқонунии иттилооти компютерӣ, ҳамлакунанда воқеан ин маълумотро соҳиб мешавад ва имкон дорад, ки ба он дар баробари соҳиби қонунии, ки аз он нусхабардори шуда бевосита таъсир расонад.

Ба андешаи мо, ба даст овардани иттилооти компютерӣ дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои нусхабардорӣ метавонад бо роҳҳои зерин амалӣ карда шавад:

– бевосита ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки бо гирифтани он аз соҳибаш ба манфиати онҳо ё ба манфиати шахсони дигар бо роҳи гузаштан ба муҳитҳои дигари мошинӣ алоқаманд аст;

– гирифтани маълумоти компютерӣ бо роҳи ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба ҳомили моддӣ, ки дар он маълумоти компютерӣ нигоҳ дошта мешавад (масалан, дуздӣ, ғорати корти хотираи флеш, компютери шахсӣ ва ғ.);

– бо роҳи қаллобӣ гирифтани иттилооти компютерӣ (бо талаби маълумот бо ниқоби шахси ваколатдор, фиреб ва ғ.);

– ба даст овардани маълумоти компютерӣ бе огоҳӣ ва ризоияти соҳиби он тавассути истифодаи барномаҳои зараровар ва дигар барномаҳои компютерӣ, сайтҳои «фишинг»(fishing);

– ба даст овардани иттилооти компютерӣ бо розигии соҳиби иттилоот, вале бар хилофи хоҳиши ӯ (масалан, зери таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, нобуд ё расонидани зарари молу мулкӣ ва ғайра талаб намудани иттилооти компютерӣ ё махзани моддӣ, ки дар он иттилооти мазкур нигоҳ дошта мешавад). Дар ин маврид, барои соҳиб шудан ба иттилооти компютерӣ,

бешубҳа, нисбат ба дигар хатари ҷамъиятии бештар дорад. Аз ин рӯ, дар қ. 2 м. 301 КҶ ҶТ ҳамчун аломати бандубастшванда пешбинӣ шудааст.

Амали дигари алтернативии тарафи объективии ҷинояти дар м. 301 КҶ ҶТ пешбинигардида, дошта гирифтани иттилооте мебошад, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар Конвенсия «Дар бораи ҷиноятҳои компютерӣ» аз 23 ноябри соли 2001 [19] дошта гирифтани иттилоот ҳамчун намуди мустақили ҷиноятҳои компютерӣ мустаҳкам шуда, таркиби он дар м. 3 Конвенсияи мазкур ҳамчун «қасдан бо истифода аз воситаҳои техникӣ ғайриқонунӣ дошта гирифтани маълумотҳои компютерӣ, ки барои истифодаи омма таъин нашуда, ба системаи компютерӣ, аз он ё дар дохили чунин системаҳо дода шаванда» [19] муқаррар шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дошта гирифтани иттилоот ҳамчун роҳи содир намудани ҷиноятҳои компютерӣ баррасӣ мешавад. Масалан, В.С. Карпов аз зумраи маъмултарин усулҳои содир намудани ҷиноятҳои компютерӣ ба дошта гирифтани иттилоот ишора мекунад, ки аз чанд намуд иборат аст: дошта гирифтани иттилооти бевосита, электронӣ, аудио, ва гирифтани видео [169, с. 108-109].

Бевосита дошта гирифтани иттилоот тавассути пайвасти мустақим ба таҷҳизоти телекоммуникатсионии компютер, системаи компютерӣ ё шабака, масалан, хати чопгар ё сими телефонии канали алоқа, ки барои интиқоли маълумот ва сигналҳои идоракунии таҷҳизоти компютерӣ истифода мешавад ё бевосита тавассути дастгоҳи порти компютери фардӣ дахлдор амалӣ карда мешавад.

Дошта гирифтани иттилооти электронӣ як боздошти дурдаст мебошад, ки пайвасти мустақим ба таҷҳизоти компютериро талаб намекунад. Ин усул ба насби приёмник, ки мавҷҳои электромагнитиро қабул мекунад, асос ёфтааст. Қабулкунанда ба басомади муайян танзим карда мешавад, масалан, мавҷҳоеро, ки экрани монитор мебароранд (принсипи найчаи катодӣ) қабул

мекунад. Бо ин усул шумо метавонед сигналҳоро аз масофаҳои дур дастрас кунед.

Дошта гирифтани аудио ё нест намудани иттилоот тавассути канали виброакустикӣ. Ин усули содир намудани ҷиноят аз ҳама хатарнок ва хеле маъмул аст. Аслан ду намуди ҷустуҷӯйи иттилоот вуҷуд дорад: Якум, насб намудани телефони инфинитивӣ (асбоби шунавоӣ – «буг», «планшет» ва ғ.) дар таҷҳизоти коркарди иттилоот, дар дастгоҳҳои гуногуни техникӣ, дар хатҳои симии алоқа ва ғайра. Дуюм, – навъи аз ҳама хавфнок аст ва аз он иборат аст, ки сенсорҳои акустикӣ ва ларзиш барои ҷустуҷӯйи иттилоот дар иншооти муҳандисӣ ва техникӣ, ки берун аз биноҳои муҳофизатшаванда ҷойгиранд, насб карда мешаванд. Инҳо деворҳои борбардори биноҳо, қисмҳо, шифтҳо, тирезаҳо, дарҳо, каналҳои вентилятсионӣ ва ғайра мебошанд.

Дошта гирифтани видео. Ин усули содир намудани ҷиноят аз амали ҷинояткор иборат аст, ки барои ба даст овардани маълумот ва маълумоти зарурӣ бо истифода аз таҷҳизоти гуногуни видео-оптикӣ амалӣ мегардад. Ин усул ду навъ дорад: физикӣ ва электронӣ. Дар ҳолати аввал, боздошти иттилоот бо истифода аз таҷҳизоти гуногуни видео-оптикии аз ҷониби ҷинояткор, масалан, камераҳои видеоӣ бо линзаҳои мувофиқ сурат мегирад. Дар ҳолати дуюм, раванд гирифтани маълумот аз ҷониби ҷинояткор бо истифода аз таҷҳизоти махсус анҷом дода мешавад, ки мавҷудияти каналҳои гуногуни алоқаи доимӣ ва муваққатӣ насбшударо дар назар дорад [169, с. 108-109].

Дигарон дошта гирифтани иттилоотро як роҳи нусхабардории иттилоот медонанд [59, с. 288].

Тарзҳои дошта гирифтани иттилооти компютерӣ метавонанд гуногун бошанд. В.Б. Вехов ва як қатор олимони дигар ду тарзи гирифтани ахбороти компютериро тафовут менамоянд: фаъол ва ғайрифаъол [40, с. 58].

Бо дошта гирифтани фаъоли иттилоот он бо истифода аз пайвасти мустақим ба таҷҳизоти телекоммуникатсионии компютер, система, шабака,

масалан, хат анҷом дода мешавад. Масалан, принтер ё сими телефони канали алоқа, ки барои интиқоли маълумот ва сигналҳои идоракунии таҷҳизоти компютерӣ истифода мешаванд. Дошта гирифтани электромагнитӣ (фаъол) бидуни пайвасти мустақим ба система тавассути пайвастшавӣ ба барандаи физикии шуоъҳои электромагнитӣ, ки ҳангоми кори таҷҳизоти компютерӣ амалӣ мегардад.

Чунин ба назар мерасад, ки боздошти иттилооти компютерӣ, чӣ фаъол ва ҳам ғайрифаъол, танҳо тавассути истифодаи таҷҳизот ва нармафзор барои гирифтани иттилооти компютерӣ имконпазир аст. Натиҷаи ҷиноятӣ дар ин парванда аз он иборат аст, ки шахс ғайриқонунӣ иттилооти компютериро ба манфиати худ ё ба манфиати шахсони дигар ғасб мекунад ё маълумоти компютериро нусхабардорӣ мекунад.

Чунки дар диспозитсияи м. 301-и КҶ ҶТ, дошта гирифтани иттилооти компютерӣ бо мафҳуми «бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» фаро гирифта шудааст, пас танҳо он бояд ҳамчун тавсифи усули содир намудани ҷиноят нигоҳ дошта шавад ва бо ин роҳ аз истифодаи маълумоти нопурра ва шартҳои нодурусти техникӣ даст кашад. Дар баробари ин, чунон ки А. Халиуллин қайд менамояд, «ҳангоми нусхабардорӣ ва дошта гирифтани иттилооти компютерӣ тарзи анҷом додани кирдор ба ҳам мувофиқ меояд ва ҳангоми криминализатсияи онҳо онҳо кӯшиш карда мешавад, ки шаклҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии паҳнкунии иттилооти табиатан аз як вазифаро иҷро кунанда, фарқ кунанд» [143, с. 25].

Ҳамин тавр, тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои зерини алтернативӣ иборат мебошад:

Нусхабардории иттилооти компютерӣ интиқоли ғайриқонунии иттилоотро ба муҳитҳои моддии дигар, таҷдиди иттилоот дар ҳама гуна шакли моддӣ ё бо роҳи боздоштани иттилоот дар назар дорем;

Дигар тарзи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооте, ки дар низоми компютерӣ, шабака ё васоити мошинӣ нигоҳ дошта мешавад, маънои

«бадаст овардани имконият нисбат ба чунин иттилоот амалӣ намудани ҳама ё баъзе аз ваколатҳои соҳибӣ, истифода ё ихтиёрддорӣ ҳангоми ҷой надоштани ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ ба он ё амалӣ намудани ваколатҳои мазкур бархилофи тартиби муқарраршуда, бо вайрон намудани қоидаҳои танзимкунандаи он бо роҳҳои марбут ба нусхабардории маълумоти компютерӣ, яъне ба ғайр аз нусхабардорӣ бо ҳар роҳ ба даст овардани маълумоти компютерӣ фаҳмида мешавад» Дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад;

Дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад ҷой дорад, мисол, дар ҳолати бо воситаи почтаи электронӣ ирсол намудани иттилоот ба суроғаи шахси дигаре, ки истифодабарандаи он мебошад.

Моддаи 302-и КҶ ҶТ ҷавобгариро тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ пешбинӣ мекунад. Тарафи объективии ин ҷиноят аз тайёр кардан, инчунин, ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ иборат аст.

1. Тарафи объективии ҷинояти мазкур дар чунин мавридҳо ифода мегардад:

а) тайёр намудани барномаҳои махсус;

б) тайёр намудани воситаҳои таҷҳизотии махсус;

в) ба соҳибияти каси дигар додани барномаҳои махсус;

г) ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои таҷҳизотии махсус.

Тайёр намудани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ дар ҳолате таркиби ҷинояти мазкурро ташкил медиҳад, ки агар он бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани чунин воситаҳо содир шуда бошанд.

Воситаҳои махсуси барномавӣ, асосан, барномаҳое эътироф мешаванд, ки барои шикастани ҳифзи иттилоот аз дастарасии ғайриқонунӣ, нусхабардорӣ, дуздӣ ё тағйир додани иттилоот таъиншуда иборат мебошанд.

Таҷҳизот бошад, воситаҳои техникие ба ҳисоб мераванд, ки барои коркарди маълумотҳо истифода мешаванд. Ба ин ҳама таҷҳизоти механикӣ, барқӣ ва таҷҳизоти электронӣ мансуб мебошанд, ки барои ба таври автоматӣ коркард намудани маълумотҳо таъин шудаанд (компютрӣ шахсӣ, таҷҳизоти периферӣ ва махзани ҷисмонии мошинҳои иттилоотӣ).

Мутобиқан ба мазмуни м. 302 КҶ ҶТ таҷҳизот барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерии муҳофизатдор ҳама намудҳои дастгоҳҳои механикӣ, электромеханикӣ, электронӣ, оптикӣ, лазерӣ, радио, таҷҳизоти радиотехникӣ ва дигар таҷҳизотҳо дар назар дошта шудааст, ки барои бартараф намудани ҳифзи системаи компютерӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ, нусхабардорӣ, дуздӣ ё тағйир додани иттилооти дар он нигоҳдошташаванда таъин шудаанд.

Ба соҳибияти каси дигар додани чунин воситаҳо мумкин аст аз фурӯш, иҷора, тухфа кардан ва ғайра иборат бошад.

Таркиби ҷинояти м. 302 КҶ ҶТ расмӣ буда, он аз лаҳзаи содир намудани яке аз ҳаракатҳои дар диспозитсияи моддаи мазкур муқарраршуда хотимаёфта эътироф мешавад.

Таркиби ҷиноятӣ расмӣ мебошад: ин ҷиноят аз лаҳзаи содир шудани ҳар яке аз амалҳои алтернативии дар диспозитсия нишондодашуда анҷомшуда ҳисобида мешавад. Дар тайёр намудани, воситаҳои махсуси барномавӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерии муҳофизатдор дар доираи истеҳсоли таҷҳизотӣ – ба вуҷуд овардани системаҳои гуногуни материалҳои электронии як мақсад ё ба ин мақсад тағйир додани системаҳои мавҷуда пешбинӣ шудааст. Фурӯши онҳо, ҳадя кардан, ба истифодаи пулакӣ ё ройгон додани онҳо, баргардонидани қарз ва ғайра, ҳамчун фурӯши чунин маблағҳо ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ҷиноятe, ки дар м. 303 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, кирдорҳое мебошанд, ки таҳияи барномаҳои компютерӣ ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира

кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо маҳфуз аст, инчунин, таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор, дидаю дониста истифода бурдани онҳо ё паҳн намудани махзанҳои дорои чунин, барномаҳоро ташкил медиҳад.

Барномаи компютериро ҳамчун маҷмуи фармонҳо ва маълумотҳо фаҳмидан лозим аст, ки барои кори компютер бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян дар компютер пешбинӣ шудаанд. Дар МЭҲ ба таври ҷисмонӣ барнома, инчунин, иттилооти компютерӣ, дар яке аз муҳитҳои мошин (дар хотираи доимӣ, амалиётӣ ё берунии компютер) ҷойгир аст.

Барномаҳои компютерӣ аз инҳо иборатанд:

1. барномаҳои системавӣ (системаҳои амалиётӣ, барномаҳои нигоҳдорӣ: драйверҳо, барномаҳои қабатӣ, барномаҳои ёрирасон – утилитаҳо)

2. барномаҳои амалӣ (маҷмуи барномаҳои махсусгардонидашуда, ки барои ҳалли як синфи муайяни вазифаҳо таъин шудаанд, масалан, муҳаррирҳои матнӣ, барномаҳо ва системаҳои зиддивирусӣ, барномаҳои ҳифзи дастрасии беиҷозат, протсессори ҷадвалҳо, системаҳои идоракунии маълумотҳо (МБМ), муҳаррирҳои графикӣ, графикаи системаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, системаҳои тарҳрезии компютерӣ, системаҳои муттаҳидшуда, барномаҳои ҳисобдорӣ, барномаҳои идоракунии равандҳо ва ғайра);

3. барномаҳои асбобӣ (системаҳои барномасозӣ), ки забонҳои барномасозӣ, инчунин, тарҷумонҳо – маҷмуи барномаҳои тарҷумаи автоматиро бо забонҳои алгоритмӣ ва рамзӣ дар кодҳои мошинӣ таъминкунандаро дар бар мегиранд.

Мафҳуми барнома барои МЭҲ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998 ҳамчун «барнома барои МЭҲ маҷмуи дастурҳо, ки бо калимаҳо, рамзҳо, аломатҳо, нишонаҳо, диаграммаҳо ё бо ягон шакли дигар ифода ёфтаанд ва метавонанд дар МЭҲ ё дастгоҳи дигари компютерӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ истифода шаванд. Ин мафҳум ҳам системаи

амалиётӣ ва ҳам барномаи амалиро, ки дар рамзҳои ибтидоӣ ё объектӣ ифода ёфтаанд, ҳамчунин, маводи тайёрӣ ва тасвирҳои аудиовизуалиро, ки дар натиҷаи таҳияи барнома барои МЭҲ ба даст омадаанд, дар бар мегирад ва ба мафҳуми «манбаи маълумот» тааллуқ надорад» [3] муайян шудааст.

Яке аз ҳаракатҳои тавсифдиҳандаи тарафи объективии ҷинояти м. 303 КҶ ҶТ ин таҳияи барномаҳои компютерӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузор дар диспозитсияи моддаи мазкур ба таҳияи ду намуд барномаҳо ишора намудааст: 1) таҳияи барномаҳои компютерӣ; 2) таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор.

Барномаҳои компютерӣ ин маҷмуӣ фармонҳо ва маълумотҳое мебошанд, ки барои фаъолияти компютер бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои муайян таъин шудаанд.

Таҳияи барномаҳои компютерӣ бошад, аз коркарди барномаҳое иборат мебошад, ки дар навиштани матн (алгоритм), яъне фармонҳои пайдарҳами мантиқӣ ва минбаъда табдил додани матн ба шакли аз тарафи мошин хондашаванда бо дохил намудани минбаъдаи он ба компютер ё бидуни он ифода мегардад.

Дохил намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда вобаста ба м. 303 КҶ ҶТ аз он иборат мебошад, ки дар ин маврид, ҳаракатҳои шахс аз тағйир додани алгоритми чунин барномаҳо бо роҳи аз матни он хориҷ намудани қисмҳои алоҳида, бо дигар қисмҳо иваз намудани онҳо, бо қисмҳои нав илова кардан ва ғайра ифода мегардад, ки дар натиҷаи чунин ҳаракатҳо барнома хусусияти ғайриқонунӣ нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоотр пайдо менамояд. Ҳангоми дохил намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда шахс тағйиротҳоро қасдан бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот анҷом медиҳад.

Барномаҳои вирусдор ин барномаҳои махсусе мебошанд, ки қобилияти худсарона ҳамроҳ шудан бо дигар барномаҳоро дошта, боиси амалҳои гуногуни охирин мегарданд: вайрон шудани файлҳо ва каталогҳо, нодуруст

шудани натиҷаҳои ҳисобкунӣ, ифлос шудан ё тоза шудани хотира ва ғайра. Дар вақти муайян чунин барномаҳо мумкин аст ноаён бошанд, вале минбаъд он метавонад боиси аз кор баромадани компютер гардад.

Барномаи зараровар ин барномае мебошад, ки махсус бо дилхоҳ забони барномасозӣ навишта шуда, истифода ё паҳн шудани он боиси таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба воситаҳои техникаи компютерӣ ё алоқа гардида, он дар ғайриқонунӣ нобуд, нусхабардорӣ, зарар дидан, муҳосира, тағйир ёфтани иттилоот ё ба таври дигар вайрон шудани тартиби кории аз тарафи соҳиби қонунии чунин таҷҳизот муқарраршуда ифода мегардад [174, с. 9].

Таърифи ба ин монанд аз тарафи Н.А. Лихачев низ дода мешавад, ки мутобиқи он барномаи зараровари компютерӣ ин барномае мебошад, ки бо забони барномасозӣ таҳия гардида, дидаву дониста барои ғайриқонунӣ дохил шудан ба таҷҳизоти компютерӣ ва таъсиррасонӣ ба он бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, шинос шудан бо он, пайгирӣ намудани компютер, маҳдуд намудан дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ-телекоммуникасионӣ дар шабакаҳои Интернет, бартараф намудани воситаҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ таъин шудааст [125, с. 179].

Таърифи нисбатан мухтасари барномаҳои зараровар аз ҷониби Русскевич дода шудааст. Муаллифи мазкур барномаҳои зараровари компютериро ҳамчун барномаҳои компютерӣ ё иттилооте маънидод месозад, ки барои амалӣ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ, аз ҷумла, бо роҳи тағйир додани барномаҳои қонунӣ сохта шудаанд [180, с. 287].

Истифодаи барномаҳои махсуси вирусдор бояд, ҳамчун бевосита ба кор даровардан, содир намудани ҳаракатҳо оид ба дохил намудани барномаҳои зараровар фаҳмида шавад. Истифодаи барномаҳои зараровар мумкин аст ҳам тариқи низоми мустақил ва ҳам дар шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникасионӣ, аз ҷумла, тавассути шабакҳои «Интернет» амалӣ гардад.

Истифодаи барномаҳои зараровар ҳамчун ба кор даровардани чунин барномаҳо дар МЭҲ, системаҳои МЭҲ ё дар шабакаҳои он фаҳмида мешавад [166, с. 120]. Олимони дигар низ зери мафҳуми истифодаи барномаҳои зарароварро бо ба кор даровардани чунин барнома дар компютер вобаста менамоянд [163, с. 347].

Паҳн намудани махзанҳои дорои барномаҳои вирусдор – ин бо ёрии махзанҳои махсус, шабакаҳо ва ҳам бо дигар усул ба шахси дигар додани он ба ҳисоб меравад [50, с. 347].

Барои барномаҳои зараровар паҳн намудан барориши дилхоҳ барои муомила, шакли дилхоҳи амалӣ намудани он, пешниҳод намудани дастрасӣ бо усули дилхоҳи соҳиби намудан, инчунин, қасдан фиристодани он ба суроғаҳои початаҳои электронӣ фаҳмида мешавад [174, с. 92].

Воробев низ ба сифати аломати асосии паҳн намудани барномаҳои зараровар ба пешниҳод намудани дастрасӣ ба чунин барнома, аз ҷумла, тавассути шабакаҳо ва дигар усулҳо ишора менамояд [115, с. 57].

КҶ ҶТ дар м. 304 ҷавобгариро барои вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, агар ин амал аз беэҳтиётӣ боиси нобуд ё муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ, вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ гашта бошад, муқаррар намудааст.

Тарафи объективии ҷинояти пешбининамудаи моддаи 304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кирдорҳое иборат аст, ки аз вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, агар ин амал аз беэҳтиётӣ боиси нобуд ё муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ, вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ гашта бошад.

Вайрон намудани қоидаҳои дар м. 304 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда дар ҳолате боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд, ки агар боиси:

а) нобуд ё муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ;

б) вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ;

в) расонидани зарари ҷиддӣ гардад.

Ба сифати аломатии ҳатмии тарафи объективии м. 304 КҶ ҶТ қонунгузор пеш аз ҳама ба вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ ишора намудааст.

Қоидаҳои истифодаи компютер тавассути санадҳои дахлдори меъёрӣ муайян карда мешавад. Он, инчунин, дар шиносномаи сифат, тафсири техникӣ ва дастурамал оид ба истифода, ки ҳангоми соҳиб шудан ба техникаи компютерӣ дода мешавад, ҷойгир шудааст.

Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи системаи ё шабакаи компютерӣ дар риоя накардани қоидаҳои низоми кори он, ки дар дастурамалҳои мансабӣ муайян шудааст, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, инчунин, қоидаҳои муносибат бо иттилооти компютерӣ, ки аз ҷониби молики иттилоот ё қонун ё санади дигари меъёрӣ муқаррар шудааст, ифода мегардад. Ба ин номгӯй, инчунин, дастурамал оид ба истифодаи компютер низ мансуб мебошад, зеро маҳз санади мазкур низоми истифодаи компютерро тавсиф медиҳад, ки риоя накардани он боиси халалдор шудани техникаи компютерӣ шуда метавонад [166, с. 125].

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми бандубасти ҷинояти мазкур бояд муфаттиш нишон диҳад, ки маҳз кадом банд ё моддаи мушаххаси қоидаҳои истифодаи системаи компютерӣ аз ҷониби гунаҳкор вайрон карда шудааст.

Вале дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ на ҳама вақт аз ҷониби суд вайрон гардидани кадом банд ё моддаи мушаххаси қоидаҳои истифодаи системаи компютерӣ нишон дода мешавад. Масалан, бо ҳукми суд шаҳрванд Б.А. барои вайрон кардани қоидаҳои истифодаи системаи компютерӣ, ки боиси расонидани зарари ҷидди гардидааст, гунаҳгор дониста шудааст, ки ин ҷиноятро вай дар ҳолати зерин содир кардааст.

Чунончи: Шаҳрванд Б.М. бо фармони мудири филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Исфара ба вазифаи оператори нуқтаи интиқоли пули

Филиал, таъин гашта, дар дар рафти фаъолияти корияш бо вайрон кардани қоидаҳои истифодаи системаи ё шабакаи компютерӣ даст задааст, ки дар натиҷа зарариҷидди расонида шудааст.

Ӯ ҳангоми фаъолияти хизматиаш, бар хилофи ӯҳдадориҳои хизматиаш дастуру супоришҳои роҳбарияти ҶСК «Бонки Эсхата» бо мақсади дар вақти кори ба кирдорҳои шавқовар машғул шудан, дар компютери хизматиаш, ки дар нуқтаи итиқоли пулӣ, воқеъ дар суроғаи шаҳри Исфара кучаи марказӣ гузошта шудааст, шабакаи иҷтимои «Mail.ru-Агент»-ро пайваст карда, қоидаҳои истифодаи системаи шабакаҳои компютериро дағалона вайрон намуда, бо воситаи «Mail.ru-Агент» бо шиноси худ алоқаи доиминамуда, фаъолият бехатарии Бонкиро заиф сохтааст.

Аз ин кирдори Б.М. шахси номаълум бо номи «Парвиз» бо хабар гардида, 5 июли соли 2012 бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ва суйистифодаи боварӣ, бо востаи шабакаи иҷтимоии «Mail.ru-Агент» аз номи барномасози Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Исфара А.А. ба суроғаи почтаи электронии Б.М. @mail.ru аз суроғаи почтаи электронии isfara@mail.ru дархост оид ба алоқааш ворид намудан ирсол кардааст. Б.М. бо фикри он, ки дархости мазкурро барномасоз А.А. ирсол намудааст онро қонеъ намуда, шахсони номаълум бо номи «Парвиз»-ро ба алоқаи шахсиаш, ки дар шабакаи иҷтимоии «Mail.ru-Агент» пайваст мебошад ворид намуда, қоидаҳои истифодаи система ё шабакаҳои компютериро дағалона вайрон намудааст. Пас аз ин Б.М. бар хилофи дастуру супоришҳои роҳбарияти ҶСК «Бонки Эсхата» бо хоҳиши шахси номаълум бо номи «Парвиз» дар компютери хизматиаш барномаи компютерии «teamviwer», ки маънои идоракунии фосилавӣ дошта, истифодаи он аз ҷониби Бонки зикршуда расман манъ карда шудааст, барқарор кардааст.

Баъди ин шахси номаълум бо номи «Парвиз» бо воситаи шабаки иҷтимои «Mail.ru-Агент» бо судшаванда Б.М. ба алоқа баромада, худро ҳамун барномасоз Филиали зикршуда А.А. вонамуд сохта, ба Б.М. изҳор

намудааст, ки рафти корбарии барномаҳои компютерӣ хизматрасонии охиронро аз назар мегузаронад ва аз Б.М. хоҳиш намудааст, ки рамзҳои махсус (парол)-и барномаи «teamviwer»-ро, ки бо воситаи он имконияти ба компютерӣ хизматии Б.М. ворид шудан ба амал меорад диҳад. Б.М. бар хилофи қоидаҳои бехатарии истифодабарии система ё шабакаҳои интернет, ба ба шахси номаълум бо номи «Парвиз» рамзҳои махсусро дода, ҳамзамон, низоми интиқолии «Золотая Корона», ки дар шабакаҳои интернет пайваст буда, бо калидҳои махсус ҳифз карда шудааст, бархилофи дастурамалҳои Бонки дар ҳолати кушода гузошта, қоидаҳои истифодабарии системаи компютерӣ ва шабакаҳои интернетиро дағалона вайрон кардааст.

Сипас шахси номаълум бо номи «Парвиз» бо истифода аз шабакаи интернет ва бо ёрии барномаи компютерии «teamviwer» ба компютерӣ хизматии Б.М. ғайриқонунӣ ворид гашта, экрани компютери Б.М.-ро сиёҳ намуда, бе мамоният ба низоми интиқолии «Золотая Корона», ки дар ҳолати кушода будааст ворид гашта, аз номи шахси бофташудаи «Р.П.» ба бонки «МДМ Бонк»-и шаҳри Новосибирски Федератсияи Россия ба номи М.С. 100.000 рубли Федератсияи Россия, ки баробар ба 14.907 сомону 60 дирам мебошад, амалиёти интиқоли содир намуда, бо ҳамин роҳ маблағҳои мазкурро тасарруф намудааст, ки дар натиҷаи ин кирдорҳои судшаванда Б. М. ба манфиати ҶСК «Бонки Эсхата» зарари ҷиддӣ расонида шудааст.

Бо ҳукми суд Б.М. бо қ. 1 м. 304 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, ба вай ҷазо – ҷарима ба фоидаи давлат ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо (100x40) – 4.000 (чор ҳазор) сомонӣ ҷазо таъин карда шудааст [201].

Хусусияти қоидаҳои истифодаи системаи компютерӣ аз он иборат мебошад, ки қонунгузор зери он на ҳама дастурамал, фармонҳои молик ё соҳиби он, балки қоидаҳои хусусияти меъёрӣ доштаро дар назар дорад, ки кори муътадили МЭҲ ба танзим медароранд. Дуюм, вобаста ба м. 304 КҶ ҶТ бояд зикр намуд, ки нисбати он талаботҳои қоидаҳои истифодае татбиқ мешаванд, ки барои шабакаи дохилии муассиса, корхона ё ташкилотҳо дахл

доранд. Моддаи 304 КҶ ҶТ нисбати муносибатҳои бо истифодаи шабакаҳои дигар, масалан, шабакаи Интернет паҳн намегардад [171, с. 114].

Дар корхона, муассиса ё ташкилот мавҷуд набудани чунин қоидаҳои кори система ё шабакаҳои компютерӣ дар кирдорҳои шахс таркиби ҷиноятро истисно мекунад. Вайрон намудани танҳо қоидаҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ё идоравӣ пешбинӣ шудаанд, асос намедиҳад, ки амали мазкур мутобиқи м. 304-и КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд. Чунин амалҳо, дар сурати мавҷуд будани ҳама шартҳои дигар, метавонанд тибқи м. 315-и КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

Аз мазмуни м. 304-и КҶ ҶТ бар меояд, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти дорои таркиби моддӣ, ки он бояд аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар намуди несту нобуд кардан, муҳосира кардан, тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ, вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ гашта бошад, пешбинӣ шудааст.

Аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро ҷамъбаст намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:

Бо назардошти таҳлили диспозитсияи м. 298 КҶ ҶТ чунин мафҳуми ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотро пешниҳод менамоем

1. Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ бояд ҳамчун ғайриқонунӣ дохил шудан ба захираҳои иттилоотии дар компютер, дигар махзани мошинҳо маҳфузбуда маънидод карда шавад. Хусусияти ғайриқонунӣ доштани даромадан ба иттилот тавассути қонунгузорӣ ва дар ҳолати набудани розигии соҳиби иттилоот метавонад ҷой дошта бошад.

2. Ба андешаи мо, худи факти дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот дар шароити кунунӣ хавфи ҷамъиятӣ надорад. Бинобар ин, дар сурати набудани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок ба дараҷаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронидани дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ба мақсад мувофиқ мебуд. Ҳамзамон, нигоҳ доштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои

дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, агар он сабаби ба таври назаррас поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои қонунии ҷамъият ё давлат гардида бошад, зарур аст;

3. Тағйир додани иттилооти компютерӣ бояд ҳама гуна тағйир додани мундариҷаи аслии он, яъне ворид намудани ислоҳоти гуногун ба иттилооти мавҷуда бе иҷозати соҳиби қонунии он фаҳмида шавад. Ин метавонад ворид намудани маълумоти нав, қисман нест кардан ё дигар намуд тағйироти иттилооти компютерӣ бошад;

4. Истифодаи барнома бе тағйир додани мундариҷаи иттилоот, масалан, бойгониҳо, рамзгузорҳо ва ғайра ва нигоҳ дошта шудани имконияти барқарор намудани шакли аслии он тағйир додани иттилоот ҳисоб намешавад.

Инчунин, бо ворид намудани маълумоти бардурӯғ тағйир додани маълумот имконпазир аст;

5. Барои дақиқтар татбиқ намудани меъёрҳои боби 28 мо пешниҳод менамоем, ки моддаи мазкур бо эзоҳ пурра карда шавад. Моддаи 299-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳрири зайл ифода карда шавад: «Дар ин боб таҳти мафҳуми зарари ҷиддӣ зараре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 200 маротиба зиёд мебошад»;

6. Тағйири додани қ. 2. м. 298 ва қ. 1 м. 300 КҶ ҶТ дар таҳрирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад»;

а) Ҳамин кирдор, агар аз беэҳтиётӣ боиси тағйир додан, нест кардан ё муҳосираи (блокировкаи) иттилоот, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ гашта бошад, ки зарари ҷиддӣ расонидааст (қ. 2. м. 298).

б) Несту нобуд, муҳосира ё корношоям сохтани иттилооти компютерӣ ё барнома, аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ, ҳамчунин, вайрон кардани системаи шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо, ки зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро пеш овардааст (м. 300 КҶ ҶТ).

7. Дар қ. 1 м. 300 тағйир додани ибораи «аз кор баровардани таҷҳизоти компютерӣ» ба ибораи «вайрон намудани системаи компютерӣ ё шабака» афзалтар ба назар мерасад»;

8. Декриминализатсия намудани ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (қ. 1 м. 298 КҶ ҶТ). Ин равиш ба сиёсати муосири ҷиноятии давлати мо мувофиқат мекунад ва яке аз тамоюлҳои он аз декритминализатсия намудани кирдорҳое мебошад, ки хатари бузурги ҷамъиятӣ надорад. Дар баробари ин, кирдорҳои дар қ. 2 ва 3 ҳамин бо нигоҳ доштани ҷавобгарии ҷиноятӣ нигоҳ дошта шавад.

9. Дар номгузории м. 303 КҶ ҶТ ва ҳам дар диспозитсияи он бояд ба ғайриқонунӣ будани кирдорҳои содиршаванда ишора карда шавад.

# БОБИ III. АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТВИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

## 3.1. Хусусиятҳои аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ

Аломатҳои субъективии таркиби ҷиноят барои бартараф намудани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим доранд. Аломатҳои субъективии таркиби ҷиноят субъекти ҷиноятӣ ва тарафи субъективии таркиби ҷиноятро дар бар мегиранд.

Масъалаҳои марбут ба субъекти ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтааст [68, с. 54]. Бояд зикр намуд, ки дар худи қонунгузории ҷиноятӣ ибораи субъекти ҷиноят қариб ки истифода нашудааст. Танҳо дар м. 37 КҶ ҶТ «Ҷавобгарии шарикони ҷиноят» аст, ки дар қисми 4-и он қайд карда мешавад: Шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Дар КҶ ҶТ боби алоҳида (боби 4), ки «Шахсоне, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд» номгузорӣ шудааст, бо дар бар гирифтани м.м. 22-26 КҶ ҶТ ба муқаррар намудани аломат ва хусусиятҳои субъекти ҷиноят бахшида шудааст. Чунончӣ м. 22 КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки «Танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст» [2]. Ҳамин тавр, ба сифати аломатҳои зарурии субъекти ҷиноят эътироф шудани қонунгузор ба шахси воқеӣ будан, мукаллафӣ ва расидан ба синну соли муайян ишора намудааст.

Аломатҳои зикршудаи субъекти ҷиноят хусусияти умумӣ дошта, барои ҳама намуди ҷиноятҳо баробар хос мебошанд, бинобар ин, субъекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ низ, аз ҷумла, танҳо шахси воқеӣ баромад карда метавонад.

Яке аз аломатҳои тавсифдиҳандаи субъекти ҷиноят ин мукаллафӣ ба ҳисоб меравад. Вале дар КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ муайян нашудааст. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ низ диққати олимон, асосан, ба мафҳуми номукаллафӣ ҷалб шудааст.

Одатан, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ду маҳаки номукаллафиро фарқ месозанд: маҳаки тиббӣ (биологӣ) ва ҳуқуқӣ (руҳӣ). Маҳаки аввал бо ҷой доштани бемории руҳии муайян тавсиф мегардад. Маҳаки дуюм бошад, дар навбати худ аз ду аломат иборат мебошад: аломати зеҳнӣ, яъне надоштани қобилияти дарк намудани кирдори худ ва аломати иродавӣ, яъне надоштани қобилияти идора намудани он.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ баҳсҳо дар мавриди чунин ҳолати руҳии шахс сарҳади мукаллафӣ ва номукаллафӣ қарор дошт, яъне оид ба усулҳои муайян намудани чунин ҳолат, ташаккул додани мафҳуми дахлдори тавсифдиҳандаи он, ба мақсад мувофиқ будани мустаҳкам намудани чунин таъриф дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки то кунун идома дорад. Дар натиҷа, қонунгузор таъсири чунин ҳолатро ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан эътироф намуда, дар м. 25 КҶ ҶТ чунин меъёрро ҷойгир намуд, ки мутобиқи он «Шахси мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии руҳи наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» [2]. Дар баробари ин, дар қ. 2 моддаи мазкур муқаррар мегардад, ки «ҳолати мукаллафии маҳдуд ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта шуда, барои таъин намудани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ асос шуда метавонад» [2]. Аммо ба андешаи мо муқаррароти қ. 2 м. 25 КҶ ҶТ чандон мушаххас ифода нагардидааст. Зеро аз он бевосита маълум нест, ки суд чи тавр бояд чунин ҳолатро ба назар гирад, яъне танҳо ба инобат гирад, ба сифати ҳолати сабуккунандаи ҷазо баҳо диҳад ё ба таври дигар асоснок намоед. Бинобар ин, меъёри мазкур мумкин аст ба шакли зерин мушаххасан дар қонуни ҷиноятӣ метавонад дарҷ карда шавад:

Содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахс дар ҳолати мукаллафии маҳдуд аз ҷониби суд ба сифати ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф шавад. Ҳолати мукаллафии маҳдуд асос барои татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ шуда метавонад.

Аломати дигари субъекти умумии ҷиноят расидани ба синну соли муайян ҳисоб мешавад. Қонунгузор дар қ. 1, м. 23-и КҶ ҶТ «Синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад» чунин муқарраротро пешбинӣ намудааст: «Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст» [2].

Шахс мумкин аст ба сифати субъекти ҷиноят танҳо дар ҳолатҳое баромад намояд, ки вақте ба чунин дараҷаи пухташавии иҷтимоӣ мерасад, ки ҳангоми он метавонад мазмун ва моҳияти иҷтимоии рафтори худро дарк ва вобаста ба чунин фаҳмиш амал намояд. Чунин қобилият танҳо бо расидан ба синну соли муайян имконпазир мегардад. Қонунгузор фаро расидани чунин имконият ва қобилиятро бо расидан ба синни 16-солагӣ вобаста намудааст, ба истисони он таркиби ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ нишон дода шуда, ҷавобгарӣ барои онҳо аз синни 14-солагӣ муқаррар шудааст.

Субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ мебошад. Дар назарияи ҳуқуқ ҳамаи шаҳрвандон, хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд шахсони воқеи эътироф карда мешаванд [76, с. 668].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят, одатан, ба умумӣ ва махсус тақсим мешавад. Субъекти махсуси ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар баробари аломатҳои асосӣ, аломатҳои иловагӣ дорад (синну сол, ҷинс, касб, муносибат бо ҷабрдида, мавқеи хизматӣ ва ғ.)

Хусусиятҳои шабеҳе, ки субъектро тавсиф мекунанд, аз ҷумла, аз ҷиҳати криминологӣ, аз тафсири ҳар як моддаи баррасишаванда муайян намудан мумкин аст. Ҳамин тавр, дар қ. 1 м. 298 КҶ ҶТ, б «а» қ. 2 м. 300 КҶ ҶТ, қ. 1-2 м. 301 КҶ ҶТ ва ғайра ба андешаи мо субъекти ҷиноят шахсе мебошад, ки

ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти компютериро надорад. Ин ҳолат барои муқаррар намудани шакли гунаҳкории субъект низ муҳим аст [47, с. 136].

Ҳамзамон, тибқи қ. 1 м. 303 КҶ ҶТ ё қ. 1 м. 304 КҶ ҶТ субъект шахсе мебошад, ки дорои маҷмуи донишҳо: дар бораи таъиноти барномаи компютерӣ ё иттилооти компютерӣ барои беиҷозат нобуд кардан, муҳосира кардан, тағйир додан, нусхабардории иттилооти компютерӣ ё вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ, дар бораи қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ мебошад. Ин мавқеъ хусусияти хоси субъекти ин ҷиноятҳо мебошад.

Аз таҳлили қ. 1 м. 304 КҶ ҶТ, чунин ба назар мерасад, ки танҳо шахсе, ки ӯҳдадории риояи қоидаҳои муайянро ба ӯҳда дорад, метавонад қоидаҳоро вайрон кунад. Чунин равиш, одатан, ҳангоми таҳлили сохтор ва дигар унсурҳои ҷиноят, ки ҷавобгариро барои вайрон намудани қоидаҳои муайян пешбинӣ мекунанд, қабул карда мешавад (масалан, м.м. 128, 285, 190 КҶ ҶТ ва ғайра). Аммо нуқтаи назари муқобил низ вуҷуд дорад, ки мувофиқи он субъекти ин ҷиноятҳо умумӣ аст [42, с. 81].

Бояд қайд намуд, ки дар таркибҳои асосии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро дар қисматҳои аввали ин моддаҳо пешбинӣ менамоянд, дар онҳо субъекти ҷиноят бо ягон аломати иловагии ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсиф карда намешавад, яъне умумӣ мебошад. Ҳамзамон, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятe, ки дар м. 304 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, танҳо субъекти махсус мебошад, яъне шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, дар бораи қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ иттилоот дорад.

Дар баробари ин, таҳлили амалияи судӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ нишон медиҳад, ки пешорӯйи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як қатор масъалаҳои муҳим роҷеъ ба баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва танзими қонунгузорӣ қарор доранд. Аз ҷумла, муайян намудани категорияи субъектҳои ҷиноят, ба монанди крекерҳо, вируссозон

ва дигар ҷинояткорони компютерӣ, зарурати таҳлили амиқро тақозо мекунад.

Ин гурӯҳҳо аксар вақт ҳангоми дуздидани маблағҳо аз банкоматҳо ва терминалҳои пардохтӣ аз барномаҳои зараровари компютерӣ истифода мебаранд. Онҳо бо амалҳои худ қоидаҳои фаъолияти таҷҳизоти компютерӣ, аз ҷумла, нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоотро вайрон мекунанд. Ин амалҳо метавонанд ҷудо намудани таҷҳизот аз шабакаҳои иттилоотӣ, баровардани беназорати маблағҳои пулӣ, набудани раванди мушаххаскунии муштарӣ ва бастани кори системаи оператсионии дастгоҳҳоро дар бар гиранд.

Ба андешаи мо, шахсоне, ки тибқи вазифаҳои касбӣ, хизматӣ ё дигар уҳдадориҳои худ барои таъмини амнияти иттилоотӣ масъуланд, бояд нисбат ба дигарон ҷавобгарии сахттар дошта бошанд. Зеро онҳо манфиатҳои давлат, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, инчунин, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро, ки бояд муҳофизат ва кафолат дода шаванд, поймол мекунанд.

Бо назардошти ин, дар қ.қ. 2-уми м.м. 298, 299, 300, 301, 302, 303, 304 КҶ ҶТ пешбинӣ намудани аломати бандубастшаванда «ҳамон кирдор бо истифода аз мақоми хизматӣ» мувофиқи мақсад ба назар мерасад.

Истифодаи мақоми хизматӣ ҳангоми содир шудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ содир шудани чунин ҷиноятҳоро аз ҷониби шахсони мазкур осон мегардонад. Зеро шахсони мазкур дар бештар ҳолатҳо нисбати иттилооти компютерӣ дастрасӣ доранд.

Ба шумори чунин шахсон метавон инҳоро дохил намуд:

1) шахсоне, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ишғол намуда, номгуйи онҳо дар эзоҳи м. 314 КҶ ҶТ оварда шудааст;

2) шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият ё дигар корхонаҳои ғайритиҷоратӣ анҷом медиҳад.

Дар муқоиса аз субъекти умумӣ ба ақидаи мо, ин ашхос метавонанд бевосита ба истифода ва нигоҳдории компютерҳо, коркард, интиқоли иттилооти компютерӣ ё шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ алоқаманд набошанд. Маҳз мавқеи хизматии шахс ба ӯ имконият медиҳад, ки шахсан ё бо истифода аз кӯмаки шахсони тобеъ ё вобастаи касбӣ, ҷиноятҳоро дар соҳаи иттилооти компютерӣ содир намояд. Ба назари мо, истилоҳи «истифода аз мақоми хизматӣ» маънои онро дорад, ки шахс бо такя ба ваколат ва имкониятҳои ба ӯ вобаста дар доираи мавқеи хизматияш, амалҳои ҷиноятиро анҷом медиҳад. Ин амалҳо метавонанд бо сӯиистифодаи бевосита аз салоҳиятҳои хизматӣ ва бо вайрон кардани тартиботи иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ сурат гиранд.

Субъекти тамоми таркиби ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда танҳо шахсе баромад карда метавонад, ки ба синни 16-солагӣ расида бошад. Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ин андешаҳое низ баён мешаванд, ки синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ин ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ аз 16 то 14 солагӣ кам карда шавад [151, с. 105].

В.С. Карпов то 14 -солагӣ кам намудани синну соли ҷавобгариро барои ҷиноятҳои компютерӣ бо он асоснок месозад, ки шахсони ба чунин синну сол расида низ малакаҳои баланди корӣ бо дастгоҳҳои компютериро дошта, ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва фаро расидани оқибатҳои онро пешбинӣ карда метавонанд [169, с. 127]. Р.М. Айсанов бошад, бар он андеша аст, ки то 14 солагӣ кам намудани синну соли ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои мазкур дидаву дониста истифода шудани чунин шахсонро аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноятӣ пешгирӣ месозад [151, с. 105].

К.Н. Евдакимов низ паст намудани синну соли ҷавобгариро барои ҳолатҳои вазнинкунандаи м. 273 КҶ ФР (м. 303 КҶ ҶТ) тарафдорӣ намуда, баён медорад, ки «агар кирдор дар чунин ҳолат зарари калони молу мулки

расонида бошад, ҷазо мумкин аст ба шахси воқеии мукаллафи ба синни 14-солагӣ расида, таъин карда шавад. Зеро дар чунин ҳолат зарари молу мулкии ба молик расонидашуда ҷинояти мазкурро вобаста ба объекти таҷовуз бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк ва ғайра) наздик мегардонад, ки нисбати онҳо қонунгузор ҷавобгариро аз синни 14-солагӣ муқаррар намудааст. Агар таҳия, истифода ё паҳн намудани барномаҳои зараровари компютерӣ боиси марги одамон, расонидани зарари калони молу мулӣ ва ғайра шуда бошад, пас чаро шахси ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк менамояд, фаро расидани оқибатҳои онро пешбинӣ месозад ва чунин оқибатҳоро мехоҳад бояд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба нарасидан ба синни 16 солагӣ озод шавад, ҳол он ки барои кирдорҳое, ки боиси чунин оқибатҳо мешаванд, қонунгузор ҷавобгариро аз 14 солагӣ муайян намудааст» [162, с. 73].

Мо ба пуррагӣ ба андешаи зикршудаи Евдакимов розӣ буда наметавонем, зеро интихоб намудани синну сол барои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ҷинояти мушаххас набояд вобаста буда, дар асоси ба кадом категорияи ҷиноятҳо мансуб будани ҳол баррасӣ карда шавад. Бояд асоси кам намудани синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ё он ҷиноят аз рӯйи таҳқиқотҳои тиббӣ, педагогӣ, равоншиносӣ вобаста ба дараҷаи инкишофӣ руҳиву ахлоҳии наврасон амалӣ карда шавад.

Ҳамзамон, ин ақида аз ҷониби муҳаққиқони дигар танқид карда мешавад [174, с. 116].

Масалан, баён мешавад, ки гарчанде шахсони аз 14 то 16-сола донишҳои баланди техникӣ доранд ва ҳар чи бештар аз техникаи компютерӣ истифода мебаранд, вале онҳо вобаста ба синну соли худ пурра ба хусусиятҳои хавфнокии ҷамъиятии кирдори худ мумкин аст сарфаҳм нараванд. Бинобар ин муқаррар шудани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои компютерӣ аз синни 16-солагӣ асоснок шуморида мешавад [121, с. 21].

Ба андешаи мо, таълими асосҳои этикаи компютерӣ дар доираи фанни мактабии «Информатика», ки дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз синфҳои ибтидоӣ таълим дода мешавад, ба наврасон имкон медиҳад, то рафтори ғайриқонунии онҳо дар соҳаи истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию коммуникатсионии оқибатҳои манфи доштаро дарк кунанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ба андешаи мо низ асоснок ба ҳисоб мерафт, агар нисбати баъзе аз таркиби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бо назардошти хусусияти чунин ҷиноятҳо ва имконияти аз ҷониби шахсони ба синни 14-солагӣ расида, содир шудани онҳо синну соли пасттари ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда мешуд. Вале на барои таркиби асосии ҷиноят, балки танҳо нисбат ба ҳолатҳое, ки агар кирдор боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои вазнин гардад ё таҳдиди фаро расидани чунин оқибатҳоро ба вуҷуд орад. Дар таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ низ барои баъзе аз таркиби ҷиноятҳои компютерӣ фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ пешбинӣ шудааст [34].

Инчунин, ба андешаи мо дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилооти имкони ба ҷабрдидагон расонидани зарраси ҷиддӣ ҷой дорад (қ. 2 м. 298, м. 273, қ. 3 м. 301, 304 КҶ ҶТ), ки онҳоро ба ҷиноятҳои зидди молу мулк (дуздӣ, қасдан несту нобуд ё вайрон намудани молу мулк ва ғайра ) наздик мекунад, ки барои онҳо тибқи КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷинояти аз синни 14 солагӣ оғоз мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, мо чунин мешуморем, ки ба рӯйхати ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 зикр шудаанд, дохил намудани таркибҳои ҷиноятҳои дар қ. 3 м. 298, қ. 2. 299, қ. 3 м. 300, қ. 2 м. 303, қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ як қадами комилан мантиқӣ ва асоснок аз ҷониби қонунгузор хоҳад буд.

Мутобиқи КҶ ҶТ субъекти умумии ҷиноят, аз ҷумла, субъекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ шахси воқеӣ мебошад ва шахсони ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонанд.

Дар баробари ин, дар солҳои охир як қатор нашрияҳое пайдо шуданд, ки зарурати муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро асоснок мекунанд [91, с. 195].

Дар баробари ин, идеяи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби як қатор олимон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дастгирӣ карда мешавад.

Ба андешаи ҷонибдорони ин ақида, чунин ҷавобгарӣ ба мавҷудияти ду ҳолат вобаста аст: аввалан, кирдори ҷиноятӣ бояд ба манфиати шахси ҳуқуқӣ содир карда шавад, дуввум онро бояд роҳбар ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ содир кунад [120, с. 57].

Мутобиқи равишҳои байналмилалӣ пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ дар маҷмуъ ва бахусус барои ҷиноятҳои компютерӣ мумкин аст. Масалан, дар м. 12 Конвенсия оид ба киберҷиноят ба таври возеҳ ба имконияти ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҳуқуқӣ барои ҷиноятҳое, ки мутобиқи Конвенсияи мазкур пешбинӣ шудаанд, «аз ҷониби ҳар як шахси воқеӣ, ки ба манфиати он амал мекунанд, ба таври инфиродӣ ё дар ҳайати яке аз мақомоти дахлдор фаъолият мекунад, ишора карда мешавад, Дар дохили ин, шахси ҳуқуқи мавқеи роҳбарикунандаро ишғол менамояд ва аз ҷониби шахсе, ки ваколатҳои намояндагӣ, қабули қарор аз номи ӯ ва амалигардонии назорат дар дохили ин шахси ҳуқуқиро дорад, ишора карда мешавад. Дар қ. 2-и ҳамин модда имконияти ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ гузоштани ҷавобгарӣ дар ҳолатҳои аз ҷониби шахси воқеи ҷиноятро ба манфиати ин шахси ҳуқуқӣ содир кунанда аз тарафи шахси воқеӣ таҳти салоҳияти он содир карда шавад» [20].

Мо ҷонибдори ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ҳастем ва бар ин назарем, ки муҷозоти танҳо роҳбарон ё намояндагони шахси ҳуқуқӣ, масалан, барои вайрон намудани ҳуқуқи муаллифӣ, истифодаи барномаҳои зараровар ё дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, наметавонад вазъиятро комилан бартараф намояд. Ин сабаб дорад, ки шахси ҳуқуқӣ метавонад фаъолияти ғайриқонунии худро барои ба даст овардани даромади ҷиноятӣ идома диҳад, аз ҷумла, бо роҳи

бастани шартномаҳои меҳнатӣ бо шахсони воқеӣ, ки барои амалисозии нақшаҳои ғайриқонунии онҳо ҷалб мешаванд.

Муҳокимаи зарурати ворид намудани институти ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба қонунгузории миллии мо чанд даҳсола боз идома дорад. Тавре ки профессор Т.Г. Пониатовская дуруст қайд кардааст, «ин масъала аслан бо роҳи сиёсӣ ҳал хоҳад шуд» [91, с. 195]. Ин фикр нишон медиҳад, ки барои ҷорӣ намудани чунин институт на танҳо асосҳои ҳуқуқӣ, балки иродаи сиёсӣ ва омодагии ҷомеа низ зарурат дорад.

Ба андешаи мо, ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ метавонист мубориза бо ҷиноятҳои компютериро тақвият дода, доираи пешгирии чунин ҷиноятҳоро васеъ гардонад.

Шахси ҳуқуқӣ низ бояд дар содир намудани ҷинояти компютерӣ гунаҳкор дониста шавад, агар муайян гардад, ки он имконият барои риояи қоидаҳо ва меъёрҳои пешбинишуда дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад, вале барои пешгирии вайроншавии онҳо тамоми чораҳои заруриро наандешидааст.

Ба андешаи мо, ҷазо додан ба шахси ҳуқуқӣ набояд боиси озод намудани шахси воқеии гунаҳкор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад. Ҳамзамон, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси воқеӣ низ набояд шахси ҳуқуқиро аз ҷазо барои иштироки он дар содир намудани ҷиноят озод намояд. Ин принсип на танҳо адолати ҳуқуқиро таъмин менамояд, балки барои пешгирии ҳамоҳангшудаи ҷиноятҳои компютерӣ замина мегузорад. Бинобар ин, пурра намудани қисми умумии КҶ ҶТ бо фасли «Ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ» бо иловаҳо ва тағйироти дахлдор ба моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ дуруст ва асоснок аст.

Аломати дигари тавсифдиҳандаи таркиби ҷиноятҳои мазкур тарафи субъективии ҷиноят мебошад. Масъалаи мазмуни тарафи субъективӣ дар илми ҳуқуқ ҳанӯз ҳам мавриди баҳс қарор дорад. Тарафи субъективии ҷиноят – фаъолияти даркшавандаи руҳии субъект буда, бевосита бо содиршавии

ҷиноят алоқаманд аст [100, с. 122-124]. Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки гуноҳ ва тарафи субъективии ҷиноят мафҳумҳои якхела мебошанд. Ин мавқеъро, масалан, П. Дагел ва Д.П. Котов, ки гунаҳкор ва пайгирӣ менамоянд, зеро тибқи ақидаи онҳо фаъолияти зеҳнӣ ва ихтиёрии шахс бевосита бо фаъолияти ҳавасмандӣ ва эмотсионалӣ зич алоқаманд аст [45, с. 38]. Аммо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи бартариятдошта он аст, ки мазмуни равонии тарафи субъективии ҷиноят аз чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гунаҳкорӣ, сабаб ва мақсад иборат аст [81, с. 58]. Чунин мавқеъ қобили қабул ба назар мерасад, зеро бо ёрии гуноҳ, ангеза ва мақсад мазмуни психологии тарафи субъективии ҷиноят ошкор мегардад, ин аломатҳо ба таври органикӣ бо ҳам алоқамананд.

Тарафи субъективии ҷиноят барои бандубасти кирдор аҳаммияти ҳалкунада дошта, тавассути он таркиби ҷиноятҳои аз рӯйи аломатҳои дигар бо ҳам наздик фарқ карда мешаванд. Ғайр аз ин аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят барои таъини ҷазо низ аҳаммияти муҳим доранд [99, с. 85-86].

Мазмун ва моҳияти тарафи субъективии ҷиноят тавассути аломатҳои тавсифдиҳандаи он ба монади гуноҳ, ангеза, мақсад, инчунин, эҳсосоти шахс муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, мо мавқеъеро ҷудо мекунем, ки мувофиқи он ба таркиби тарафи субъективӣ эҳсосот низ дохил мешавад. Дар доираи ин мавқеъ метавон нуқтаи назари К.Ф. Тихоновро [48, с. 88] қайд намуд, ки эҳсосотро дар баробари гуноҳ, ангеза ва мақсад аз ҷумлаи аломатҳои тарафи субъективӣ дохил менамояд; «... эҳсосот ҷузъи зарурии муносибати равонӣ мебошад, ки гунаҳкориро ташкил медиҳад» [43, с. 12].

Дар адабиёт таърифҳои гуногуни тарафи субъективии ҷиноят мавҷуданд. Ҳамин тавр, ба андешаи В.В. Лунеева, тарафи субъективӣ ҷанбаи дохилии психологии рафтори ҷиноятӣ мебошад, ки аз муносибати равонии ҷинояткор ба кирдори содиршуда, дар маҷмуъ ва унсурҳои алоҳидаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти хоси дорои хусусияти объективӣ иборат аст [67, с. 7]. Тарафи

субъективии ҷиноят ин дар шуури гунаҳкор инъикосс гардидани аломатҳои объективии кирдор ва муносибати ӯ нисбат ба чунин аломатҳо ба ҳисоб рафта, он бо шакли мушаххаси гуноҳ, ангеза, мақсад ва баъзан бо ҳаяҷон тавсиф мегардад [90, с. 165]. Дар асоси таърифҳои мавҷуда тарафи субъективӣ: 1) тарафи ботинии ҳама гуна ҷиноят; 2) муносибати равонии шахсро нисбат ба кирдори содиршуда ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки он ифода мекунад.

Гуноҳ аломати асосии тарафи субъективии таркиби ҷиноят ба ҳисоб рафта, он дар муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори барои ҷамъят хавфнок ва оқибатҳои он дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода мегардад. Гуноҳ ҳам мазмуни ҳуқуқӣ (дар содир намудани ҷинояти мушаххас), иҷтимоӣ (маҳкум намудани рафтори шахси ҷиноят содирнамуда аз ҷониби ҷомеа) ва руҳӣ (дар муайян намудани зеҳн ва иродаи шахс) дорад.

Дар КҶ ҶТ ду шакли гуноҳ мустаҳкам шудааст: гуноҳи қасдона ва беэҳтиётӣ (м. 27 КҶ ҶТ). Барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ низ яке аз ин ду шакли гуноҳ хос мебошад.

Ин яке аз принсипҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ – принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ мебошад. Татбиқи ин принсип ба равшан фаҳмидани моҳият ва мазмуни гуноҳ асос меёбад. Дар қ. 1 м. 27 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки дар содир намудани ҷиноят танҳо шахси қасдан ё аз беэҳтиётӣ кирдор содир намуда, гунаҳкор дониста мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ муносибати руҳии гунаҳкор ба кирдорҳои содиршуда ва оқибатҳои дар диспозитсияҳои моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ пешбинигардида мебошад.

Қасд дар тамоми навъҳои он кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва хос буда дорои таркиби моддӣ мебошанд (қ.қ. 2, 3 м. 298, м. 299, м. 300 қ. 3, «б» қ. 4 м. 301, қ. 2 м. 303, м. 304 КҶ ҶТ). Ҳангоми содир намудани ҷинояти дорои таркиби расмӣ (қ. 1 м. 298, қ. 4 м. 301, қ. 1 м. 302, қ. 1 м. 303 КҶ ҶТ), он аз лаҳзаи содир намудани амалҳои зиддиқонунӣ, хотимаёфта дониста мешавад

(Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, бо вайрон намудани системаи муҳофизати онҳо; нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин, дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад).

Таҳлили тарафи субъективии ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (м. 298 КҶ ҶТ) нишон медиҳад, ки қонунгузор барои ин намуди кирдор шакли гуноҳи қасдонаро муқаррар кардааст, вақте ки ҷинояткор ба ҷамъият хавфнок будани ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар маҳзани мошинҳо мавҷуданд, бо вайрон намудани системаи муҳофизати онҳо худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат карда бошад. Дар адабиёти илмӣ тарафи субъективии даромадани ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ аз ҷониби аксари муаллифон бо гуноҳ дар шакли қасд, яъне ҳам қасди бевосита ва ҳам бавосита тавсиф дода мешавад [29, с. 583].

Ҷинояти дар қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ пешбинигардида дар шакли беэҳтиётӣ содир мегардад, зеро шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ накарда аст. Ҳол он, ки дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад. Ба ақидае баъзе аз олимон, шакли беэҳтиётии гуноҳ метавонад дар ҳолати баҳодиҳии қонунии дастрасии шахс ба иттилооти компютерӣ, инчунин, дар робита ба оқибатҳои манфии чунин дастрасӣ, ки дар диспозитсияи ин меъёр пешбинӣ шудааст, зоҳир гардад [175, с. 94].

Сохтори қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ-ро дар таҳрири ҷорӣ таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷинояти бо қасди бавосита содиршуда аз

доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ берун мондааст. Он ба аломатҳои ягон ҷинояти дигар ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва пеш аз ҳама ба тахриби компютерӣ дохил нагардидааст, ки метавонад ба чунин оқибатҳо оварда расонад ва танҳо қасди бевоситаро дар назар дорад. Аз ин рӯ, мавқеи қонунгузори ҶТ қобили қабул аст, ки муносибати қасданонаи шахси гунаҳкорро ба чунин оқибатҳо муқаррар мекунад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки аз диспозитсияи қ. 2 м. 298-и КҶ ҶТ калимаи «аз беэҳтиётӣ» хориҷ карда шавад.

Тарафи субъективии тағйир додани иттилооти компютерӣ (қ. 1 м. 299 КҶ ҶТ) қасд буда, он метавонад бевосита ва бавосита бошад. Яъне шахс ба ҷамъият хавфнок будани тағйири иттилоотро дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин, дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бараъло бардурӯғ, ки ба ҷомеа зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро дарк менамояд. Ҳангоми ворид намудани маълумоти бардурӯғ шахси гунаҳкор бояд дарк намояд, ки ин иттилоот ба воқеият мувофиқат намекунад.

Моддаи 302 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои тайёр кардан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин, ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерии муҳофизатдор пешбинӣ менамояд. Ин ҷиноят танҳо бо қасди бевосита содир мегардад. Аломати ҳатмии тарафи субъективӣ дар тайёр кардан объектҳои ҷиноят бо мақсади махсус ба соҳибияти каси дигар додани фурӯши онҳо мебошад. Ҳамин тавр, тайёр намудани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерии муҳофизатдор бе мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи м. 302-и КҶ ҶТ ба вуҷуд намеорад. Аз ин рӯ, ҳатто интиқоли ройгони воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерии муҳофизатдор, ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноят дар м. 303 КҶ ҶТ пешбинигардида танҳо бо қасди бевосита тавсиф карда мешавад, зеро шахс таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зарароварро дарк менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки аксари олимон бар он ақидаанд, ки дар ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, шахс хатари ҷамъиятии амалҳои худ, ки дар шакли таҳияи барномаҳои компютерӣ ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда, бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан, тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо маҳфуз аст, инчунин, таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор, дидаю дониста истифода бурдани онҳо ё паҳн намудани махзанҳои дорои чунин барномаҳоро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он мебошад, яъне бо нияти бевосита амал менамояд.

Дар баробари ин, дар қ. 3 м. 298, қ. 2 м. 299, қ. 2 м. 300, қ. 3 м. 301, қ. 3 м. 303, қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ қонунгузор аломати бандубастшаванда «аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад» муқаррар кардааст.

Моҳияти чунин аломати вазнинкунанда дар расонидани зарар ба доираи нисбатан барои давлат муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ, масалан, фаро расидани марги якчанд одамон, садамаҳои миқёси калондошта, таҳдиди амнияти системаҳои иттилоотии корхонаҳо ё давлат зоҳир мегардад [123, с. 32].

Ба оқибатҳои вазнин, инчунин, расонидани зарари калони моддӣ, ба таври ҷиддӣ халалдор шудани фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо, садамаҳо, расонидани зарари миёна ё вазнин ба саломатии одамон ё марги онҳо ва ғайра фаҳмида мешавад [171, с. 886].

Оқибати вазнин расонидани чунин зараре мебошад, ки он нисбат ба зарар ба миқдори калон ба таври назаррас зиёд мебошад ва ба тарафи ҷабрдида муҳимтар ба ҳисоб меравад.

Ба оқибатҳои вазнин «аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, беморӣ, маъюбӣ, марги инсон, несту нобуд шудани молу мулкро дохил менамоянд» [148, с. 129].

Ба чунин оқибатҳои вазнин К.Н. Евдакимов «аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, садамаҳо дар нақлиёт, сохторҳои энергетикӣ ё истеҳсолӣ, зарари каломи моддӣ, зарари ҷиддӣ ба муҳити зист ва ғайраро» [162, с. 367] дохил менамояд.

Дар ин мавридҳо, мо чунин мешуморем, ки тарафи субъективии м. 303 КҶ ҶТ бо қасди бевосита тавсия карда мешавад, зеро шахс ин барномаҳои компютериро бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан, тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ва дар махзани мошинҳо маҳфуз аст, инчунин, таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор, дидаю дониста истифода бурдани онҳо ё паҳн намудани махзанҳои дорои чунин барномаҳо таҳия менамояд.

Моддаи 304 КҶ ҶТ шакли гуноҳи беэҳтиётиро пешбинӣ намудааст. Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, дар ҳоле ба вуҷуд омада метавонад, ки агар ин амал аз беэҳтиётӣ боиси нобуд, муҳосира шудан ё тағйир ёфтани иттилооти компютерӣ, вайрон шудани кори таҷҳизоти компютерӣ ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ гашта бошад. Ҳамзамон, ба андешаи мо, ин амал метавонад аз ҷониби шахс қасдан ва аз беэҳтиётӣ содир шавад. Аз беэҳтиётӣ кирдорҳои мазкур мумкин аст бештар аз ҷониби наврасон, пиронсолон ва дигарон, ки таҷрибаи кофӣ истифодаи компютерро надоранд (масалан, коргарони бетаҷриба: посбонҳо, фаррошҳо, коргарони гардероб, ошхона ва ғайра, ки дастрасии маҳдуд ба компютери умумӣ доранд), содир карда мешаванд.

Таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотиро идома дода, дар бораи чунин аломатҳои он, ба монанди мақсади содир намудани ҷиноят таваҷҷуҳ кардан зарур аст. КҶ ҶТ дар банди «г» қ. 3. м. 301

ҳамчун аломати бандубастшаванда «бо мақсади ба даст овардани иттилооти ниҳоят арзишнок содир шуда бошад», инчунин, м. 302 «мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин, ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси барномавӣ ё таҷҳизотӣ барои ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерии муҳофизатдор» муайян намудааст, пешбинӣ менамояд.

Ба андешаи мо, дар баланд бардоштани самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ пешбинӣ намудани ҷиноят як қадами мусбат хоҳад буд, зеро қонунгузор ангезаи кирдори ҷиноятиро ҳамчун аломатҳои ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят ҳисоб намекунад.

Тавре дар адабиёти илмӣ дуруст қайд мегардад, дар қонуни ҷиноятӣ мавҷуд набудани нишонаи бевоситаи ангезаҳо ва мақсади содир намудани ҷиноятҳои компютерӣ холигии қонунгузории ҷиноятӣ мебошад [174, с. 115-116].

Бо мақсади такмили КҶ ҶТ бо назардошти таҳлили корҳои илмӣ оид ба ин масъала [163, с. 361] ва амалияи мавҷудаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, дар м. 298-304 КҶ ҶТ пешбинӣ намудани аломати бандубастшавандаи «содир намудани ҷиноят аз ҳиссиёти авбошӣ»-ро мувофиқи мақсад мешуморем.

Ангезаи зикршуда, ба андешаи мо, дар муқоиса бо ангезаҳои дигари ҷиноятӣ (шавқи таҳқиқотӣ, фароғатӣ, бозӣ ва ғ.) ба сабаби зиддияти бошууронаи нишон додани ҷинояткор ба муқобили ҷомеа, «даъват» ба давлат аз ҷиҳати иҷтимои хусусияти хатарнокии ҷамъиятии бештар дорад, ки дар беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъият, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, беҳтироми нисбати қонун ва тартибот, нисбат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар зоҳир мегардад.

Дар робита ба ин, ба андешаи мо, содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ амалҳо, ки бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ содир мешаванд) бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомот ё

ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин, халал расондан ба фаъолияти муътадили воситаҳои ахбори омма, мақомот, муассисаҳои давлатӣ хавфи афзояндаи ҷамъиятӣ дорад ва бояд ба он ҷазои сахттар дода шавад, зеро ин кибертерроризм мебошад.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили корҳои илмӣ, маводи амалияи тафтишотии судӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти криминологӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ҳамаҷониба ва пурраи кирдори мавриди назар, тафриқаи самаранок ва объективии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ зарур аст, ки ангезаҳои ҷиноятӣ диспозитсияҳои моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ бо аломатҳои бандубастшаванда нав пурра карда шаванд:

– «ҳамон кирдор аз ҳиссиёти авбошӣ содир шудаанд»;

– «ҳамон кирдор бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, инчунин, монеъ шудан ба фаъолияти муътадили воситаҳои ахбори омма, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатӣ ва (ё) шаҳрӣ, корхонаҳо».

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши аломатҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти итилоотӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Пурра намудани қисми умумии КҶ ҶТ бо фасли «Ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ» бо иловаҳо ва тағйироти дахлдор ба моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ дуруст ва асоснок аст. Ворид намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ талаботи замон мебошад. Танҳо татбиқи ҷазо нисбати роҳбарон ё намояндагони шахси ҳуқуқӣ, масалан, барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ, истифодаи барномаҳои зараровар ё дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, наметавонад вазъи ҷинояткориро дар ин самт ба таври назаррас коҳиш диҳад. Шахсони ҳуқуқӣ метавонанд фаъолияти ғайриқонунии худро идома диҳанд ва барои ба даст овардани даромади ҷиноятӣ бо истифода аз механизмҳои ҳуқуқӣ, ба монанди бастани шартномаҳои меҳнатӣ бо шахсони воқеӣ, шахсони сеюмро барои амалисозии

накшаҳои ғайриқонунии худ ҷалб намоянд. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худи шахси ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ин гуна амалҳо самараноктар пешгирӣ карда шаванд ва низоми адолати ҷиноятӣ пурзӯр гардад.

2. Субъекти ҷиноятҳои компютерӣ тибқи КҶ ҶТ шахси воқеии мукаллаф ба ҳисоб меравад, ки ба синни 16-солагӣ расидааст. Бо вуҷуди ин, паст намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин ҷиноятҳо то 14-солагӣ дар ҳолатҳои махсус комилан асоснок менамояд. Чунин ҳолатҳо метавонанд дар сурате татбиқ шаванд, ки ҷинояти компютерии содиршуда оқибатҳои вазнини иҷтимоӣ ё иқтисодӣ дошта бошад ё таҳдиди чунин оқибатҳо вуҷуд дошта бошад. Масалан, истифодаи ғайриқонунии барномаҳои зараровар, ки ба шикастани системаҳои амнияти иттилоотӣ, дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти махфӣ ё вайрон кардани кори муассисаҳои муҳим боис мегардад, метавонад асоси ҷавобгарии барвақт гардад. Ба сифати асос барои чунин тағйирот метавон таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷиро зикр кард, ки дар онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои компютерӣ аз синни 14 ё 15-солагӣ муқаррар гардидааст. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани ҷавобгарии барвақт на танҳо воситаи самараноки пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ аст, балки метавонад ҳамчун омили тарбиявӣ барои пешгирии рафтори ҷинояткоронаи ҷавонон амал намояд. Ғайр аз ин, дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилооти имкони ба ҷабрдидагон расонидани зарари ҷиддӣ ҷой дорад (қ. 2 м. 298, м. 273, қ. 3 м. 301, 304 КҶ ҶТ), ки онҳоро ба ҷиноятҳои зидди молу мулк (дуздӣ, қасдан несту нобуд ё вайрон намудани молу мулк ва ғайра) дохил мекунанд ва дар он барои онҳо тибқи КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14 солагӣ оғоз мегардад. Бинобар ин, ба рӯйхати ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 23 зикр шудаанд, дохил намудани таркибҳои ҷиноятҳои дар қ. 3 м. 298, қ. 2. 299, қ 3 м. 300, қ. 2 м. 303, қ 3 м. 304 КҶ ҶТ дарҷшуда як қадами комилан мантиқӣ ва асоснок аз ҷониби қонунгузор хоҳад буд.

3. Сохтори қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ-ро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷинояти бо қасди бавосита содиршуда аз доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ берун мондааст. Он ба аломатҳои ягон ҷинояти дигар ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва пеш аз ҳама ба таҳриби компютерӣ дохил нагардидааст, ки метавонад ба чунин оқибатҳо оварда расонад ва танҳо қасди бевоситаро дар назар дорад. Аз ин рӯ, мавқеи қонунгузори ҶТ қобили қабул аст, ки муносибати қасдонаи шахси гунаҳкорро ба чунин оқибатҳо муқаррар мекунад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки аз диспозитсияи қ. 2 м. 298-и КҶ ҶТ калимаи «аз беэҳтиётӣ» хориҷ карда шавад.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки дар қ.қ. 2-юми м.м. 298, 299, 300, 301, 302, 303, 304 КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда «ҳамон кирдор бо истифода аз мақоми хизматӣ» пешбинӣ карда шавад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки дар 298-304 КҶ ҶТ аломатҳои бандубастшаванда дар таҳрири зерин пешбинӣ карда шаванд: «ҳамон кирдор аз ҳиссиёти авбошӣ содир шудаанд».

6. Пешниҳод карда мешавад, ки дар 298-304 КҶ ҶТ аломатҳои бандубастшаванда дар таҳрири зерин пешбинӣ карда шаванд: «ҳамон кирдор бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, инчунин, монеъ шудан ба фаъолияти муътадили воситаҳои ахбори омма, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатӣ ва (ё) шаҳрӣ, корхонаҳо».

### 3.2. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таркибҳои бандубастшаванда дар сохтори моддаҳои 298-304 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таркиби вазнинкунандаи ҷиноят ин як намуди таркиби асосии ҷиноят ба ҳисоб меравад, аммо он дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти дар таркиби асосӣ муқарраршударо баланд мебардорад.

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноятро бояд аз ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо, ки дар м. 62 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд, фарқ намуд.

Бинобар ин, дар ҳолатҳои пешбинӣ шудани аломатҳои дар м. 62 КҶ ҶТ зикршуда дар яке аз моддаҳои боби 28 КҶ ҶТ суд наметавонад онро такроран ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба назар гирад.

Дар м.м. 298-304 КҶ ҶТ доираи гуногуни аломатҳои вазнинкунанда мустаҳкам шудааст.

Аломати бандубастшавандаи такрори ҷиноят танҳо дар м. 301 ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ пешбинӣ гардидааст (б «а» қ. 4).

Моҳияти аломати мазкур бояд бо назардошти муқаррароти м. 19 КҶ ҶТ, ки ба институти такрори ҷиноят бахшида шудааст, муайян карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки такрори ҷиноят ҳамчун аломати бандубастшаванда кирдоре эътироф мешавад, ки агар шахс дар вақтҳои гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи Кодекси ҷиноятӣ пешбинишударо содир намудааст. Аломати вазнинкунанда дар намуди такрори ҷиноят дар фардикунондани ҷазо ва пешгирии ҷиноятҳои мушаххас аҳаммияти калон дорад. Бояд зикр намуд, ки такрори ҷиноят бештар хоси таҷрибаи қонунгузории даврони шуравӣ буда, он ба сифати аломати вазнинкунанди таркиби ҷиноят дар аксари КҶ давлатҳои мазкур пешбинӣ шудааст.

Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, ҳаминро бояд қайд кунем, ки бо мақсади мукаммалгардонии қонуни ҷиноятии ватанӣ истифодаи аломати такрори ҷиноят ҳамчун аломати бандубастшаванда дар тамоми таркибҳои баррасишаванда мувофиқи мақсад мебошад, зеро барои такроран содир намудани ҷиноят ҳамон як намуд ҷазоро татбиқ намудан ба присипи адолат мувофиқат намекунад.

Расонидани зарари ҷиддӣ ҳамчун аломати тарафи объективии ҷиноят, оқибати эҳтимолӣ, аломати бандубастшаванда дар ҳолати ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (қ. 2 м. 298 КҶ ҶТ) ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (қ. 2 м. 301 КҶ ҶТ) пешбинӣ гардидааст.

Мафҳуми зарари ҷиддӣ баҳододашаванда буда, он бевосита дар боби 28 КҶ ҶТ вобаста ба ченаки муайян муқаррар карда нашудааст.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 26 июни соли 2009, №22 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» омадааст, ки зарари ҷиддии ба шаҳрванд расонидашуда аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида бо назардошти вазъи молу мулкӣ, манбаҳои даромади оилавӣ, вобаста ба шумораи шахсони дар тарбияаш буда, сарчашмаҳои даромад ва ғайраҳо муайян карда шавад [197]. Аз ҷумла, тибқи банди 2-и эзоҳи м. 244-и КҶ ҶТ зарари ба миқдори калони андозаи арзиши моликият, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Махсусан, калон бошад, мушаххас аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мешавад. Андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад.

Ба андешаи В.М. Хомич баҳо додан ба сифати зарари ҷиддӣ бояд бо ҳолатҳои объективӣ асос ёфта, оқибатҳои кирдори содиршуда бо он тасдиқ гардад [35, с. 246].

Аз сабаби он ки диспозитсияи м. 298 КҶ ҶТ, м. 301 КҶ ҶТ бевосита расонидани зарари моддиро (зарари ҷиддӣ, калон ё махсусан калон) дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои мазкур муқаррар намесозанд, бинобар ин, зарари ҷиддӣ ҳамчун натиҷаи кирдорҳои мазкур мумкин аст ҳам хусусияти моддӣ ва ғайримоддӣ дошта бошад.

Вобаста ба дигар таркиби ҷиноятҳо олимон ба оқибатҳои ғайримоддӣ ҳангоми зарари ҷиддӣ халалдор шудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ба таври назаррас поймол шудани манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилот ва муассисаҳо, фароҳам овардани монеаҳо барои кори муътадили онҳо, расонидани зарари маънавӣ, ошкор намудани маълумотҳои сирри давлатӣ, вайрон шудани тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайраро мансуб медонанд [73, с. 763].

Бояд зикр намуд, ки оқибатҳои мазкури зарари ҷиддӣ хусусияти умумӣ надошта, вобаста ба таркибҳои алоҳида хусусиятҳои худро пайдо намуда, бояд мушаххас муайян карда шаванд.

Масалан, аз рӯйи м. 298 КҶ ҶТ ба зарари ҷиддӣ дар натиҷаи ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ мумкин аст фаро расидани оқибатҳоеро дохил намуд, ки дараҷаи зарарро ба манфиатҳои ҶТ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ, экологӣ ва ғайра нишон диҳанд. Аз ҷумла, чунин оқибатҳо мумкин аст аз қатъ шудани фаъолияти объектҳои ҳаётан муҳимми аҳолӣ (таъминоти барқӣ, об, газ, гармидиҳӣ); қатъ шудани кори системаҳои нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан; қатъ шудани фаъолияти шабакаҳои барқтаъминнамоӣ; маҳдуд шудани имконияти аз тарафи аҳолӣ гирифтани маблағҳои пулӣ (музди меҳнат, нафақа ва ғайра); қатъ шудани фаъолияти объектҳои аҳаммияти муҳимми иҷтимоидошта ҳисоб шавад.

Зарари ҷиддӣ дар мавриди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мумкин аст, инчунин, дар расонидани зарар ба манфиатҳои давлат ва ҷомеа (масалан, ҳангоми паҳн намудан, тағйир додан, нобуд сохтани иттилооти хизматии паҳншавиаш маҳдуд, сирри хизматӣ; тағйир додан ё муҳосираи давомдор, нобуд сохтани иттилооти муҳим аз саҳифаҳои расмии интернетӣ, ки барои аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо зарар мебошад) ба ҳисоб равад [134, с. 805].

Ба андешаи мо, бо мақсади мушаххас намудани мафҳуми мазкур ва татбиқи ягонаи он дар амалия пешниҳод мешавад, ки дар м. 298 КҶ ҶТ эзоҳ мустаҳкам карда шуда, дар он мафҳуми зарари ҷиддӣ муайян карда шавад: «андозаи зарари ҷиддии ба моликияти шахсӣ расонидашуда аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда шавад, аммо набояд аз 500 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад».

Оқибатҳои вазнин аломат бандубастшавандаи тағйир додани иттилооти компютерӣ (қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ), тахриби компютерӣ (қ. 2 м. 300 КҶ ҶТ), таҳия, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар (қ. 2 м. 303 КҶ ҶТ) ва

ҳамчун аломат, махсусан, бандубастшавандаи ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (қ. 3 м. 298 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (қ. 4 м. 301КҶ ҶТ), вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (қ. 3 м. 304) пешбинӣ гардидааст.

Оқибатҳои вазнин боиси расонидани чунин ҳаҷми зарар мебошад, ки нисбат ба зарари калон зиёд буда, барои ҷабрдида аҳаммиятноктар мебошад. Хусусияти оқибатҳои вазнин дар ин меъёрҳои КҶ ҶТ ифшо намегардад, бинобар ин, чунин аломатҳо баҳодиҳӣ мебошанд. Хусусияти баҳодиҳӣ дар ин кирдор ба корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки ҳангоми баҳодиҳии ҷиноят тамоми ҳолатҳои парвандаро пурра ба инобат гирад.

Ба сифати оқибатҳои вазнин расонидани зарари калони моддӣ ба истифодабарандагони таҳҷизоти компютерӣ, дуру дароз нигоҳ доштани кори корхона ё муассиса, ҳодисаҳои нохуш бо одамон (ба марг расонидан, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) оқибатҳои вазнин дониста мешаванд [80, с. 398]. Ба андешаи мо, ба ғайр аз зарари вазнин дигар навъҳои зарар ба саломатиро – зарари миёна, сабук аз рӯйи мазмуни худи истилоҳот ба оқибатҳои вазнин нисбат додан мумкин нест. Инчунин, дар адабиёт ба оқибатҳои вазнини ҷиноятҳои баррасишаванда расонидани зарари миёна ба саломатии ду ё зиёда шахс, ба таври оммавӣ расонидани зарари сабук ба саломатии одамон дохил мешаванд, аммо, барои чанд оқибатҳои алоҳида ҷамъ намудан, ҳамаи инро ҳамчун оқибати вазнин баҳо додан ягон асос надорад.

Бояд қайд намуд, ки аломати бандубастшавандаи «бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерӣ алоқаманд», ки дар б «а» қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ «Тағйир додани иттилооти компютерӣ» пешбинӣ гардидааст, бо м. 298 КҶ ҶТ «Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ» фаро гирифта мешавад, бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ин аломати бандубастшаванда аз таркиби ҷинояти м. 299 КҶ ҶТ истисно карда шавад.

Дар таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ тағйир додани иттилооти компютерӣ, бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ одатан, бо б. «а» қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Масалан, шаҳрвандон К.А. ва А.С. барои содир намудани ҷиноят дар чунин ҳолат гунаҳкор дониста шудаанд. Чунончи К.А. ва А.С. дар ҶДММ «Ултра» дар вазифаи «техник» кору фаъолият намудаанд, ки самти фаъолияти кориашон аз ҷамъоварии маблағҳо аз терминалҳои худхизматрасонии дар ҳудуди шаҳри Душанбе қарордошта, ки ба ҶДММ «Ултра» тааллуқ доранд, иборат мебошад.

Шаҳрвандони мазкур дар хусуси тағйир додани итилоот дар системаи компютерӣ ва ба он дохил намудани иттилооти баръало бардурӯғ, маслиҳат намуда, сипас аз рӯйи нақшаи пешакӣ таҳрези намудаашон амал карда, ғайриқонунӣ ба маҳзани 45-адад терминалҳои маблағгузаронии мазкур ворид гардида, бо мақсади тасарруфи қисми маблағҳои дар терминалҳо воридгардида, барномаи «TAJPAY»-ро, ки ба ҶДММ «Пардохт-ТҶ», таалуқ доранд, тағйир дода, таҷҳизотҳои воҳиди системави дар ҷувздони ҳуҷҷатҳои ман папкаи нави барномаи маблағгузарони «TAJPAY» дигаргунӣ ба таври нусхабардорӣ карда, ба он маълумоти барьало бардуруғ ворид намуда, бо ин роҳ иттилооти шабакаи компютериро тағйир додаанд.

Мувофиқи хулосаи ташхиси техникаи компютерӣ маълум гардид, ки таҷҳизотҳои воҳиди системави дар ҷувздони ҳуҷатҳои ман папкаи нави барномаи маблағгузарони «TAJPAY» дигаргунӣ ба таври нусхабардорӣ дида мешавад. Ҳангоми ташхиси таҷҳизоти воҳиди системави компютер мазкур дида мешавад, ки дар файлҳо дар даруни ҷувздони нусхабардори намуда вуҷуд дошта ба барномаи аслӣ нусхабардори карда шудааст, ки дар он базаи пардохтҳо ва ҷамоварии маблағ мавҷуд аст.

Инчунин, онҳо бо мақсади амали намудани кирдорҳои ҷинояткоронаи худ ва бо мақсади азонихудкунӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шуда буд ва дар ихтиёри ӯ буд, аз рӯйи маслиҳати пешакӣ ғайриқонунӣ ба маҳзани 45 адад терминалҳои маблағгузаронӣ, ки нигоҳубин ва ҷамоварии маблағҳояшон ба ӯ вобаста буд, ворид гардида, аз

терминалҳои мазкур ҷамъ маблағи 301.734 (сесаду як ҳазору ҳафтсаду сиву чор) сомониро давра ба давра тасарруф намуда, ба эҳтиёҷоти худ сарф намудаанд, ки дар натиҷа бо ин кирдорҳои қасдонаашон ба ҶДММ «Ултра» зарари молу мулки ба миқдори махсусан калон расонидаанд. Бо ҳукм суд шаҳрвандон К.А. ва А.С. дар содир кардани ҷиноят бо б. «а» қ. 2 м. 299 ва б. «б» қ. 4 м. 245 КҶ ҶТ гунаҳгор دониста шуда, ба онҳо ҷазоҳои сазовор таъин шудааст [200].

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ҳангоми истифода аз мақоми хизматии шахс дар фаъолияти ҷиноятӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои хизматро таъмин карда, вайрон карда мешаванд, объекти ҳатмии иловагии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд. Аломати истифода аз мақоми хизматии шахс бояд ба шахсоне, ки қонунан бо техникаи компютерӣ кор мекунанд ё ба он хизмат мерасонанд, нисбат дода шавад. Барномасозон, маъмурони системавӣ, мутахассисони шуъбаҳои системаҳои идоракунии автоматӣ, кормандони операторҳои алоқа ва ғайраро метавон ба ин сифат эътироф кард. Масалан, В.А. мувофиқи қ. 2 м. 146 КҶ ҶТ «Вайрон намудани маҳрамияти мукотиба сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот» гунаҳкор дониста шуд, чунки ҳангоми кор ба ҳайси мутахассис дар яке аз ширкатҳои телефонӣ, тибқи дархост дар бораи зангҳои телефонӣ иттилоот додааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки кирдори В.А. аломатҳои таркиби ҷиноят дар м. 301 «Нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин, дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад» дар бар мегирад.

Қонунгузор сатҳи содирнамоии ин ҷиноятҳоро бо истифодаи ҷониби «шахсони истифодаи мақоми хизматӣ» ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда пешбинӣ менамояд. Мавриди зикр аст, ки бештари кирдорҳое, ки дар моддаҳои баррасишаванда содир мегарданд, аз ҷониби мутахассисон содир мегарданд ё аз ҷониби ашхосе содир мегарданд, ки ба чунин иттилоотҳо,

бинобар сабаби мақоми хизматиашон дастрасӣ доранд. Масалан, тибқи моддаи 304 КҶ ҶТ «Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ» ҷавобагрии ҷиноятиро барои вайрон намудани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ин система ё шабака ҳуқуқи даромаданро дорад, пешбинӣ менамояд. Бинобар ин, дар м.м. 298-304 КҶ ҶТ пешбинӣ намудани аломати бандубастшаванда «бо истифодаи мақоми хизматӣ» ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар б. «б» қ. 3, б. «б» қ. 4 м. 301 КҶ ҶТ аломатҳои вазнинкунанда дар намуди аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил мустаҳкам шудааст.

Мазмуни ин ҳолатҳои вазнинкунада бояд бо назардошти меъёрҳои қ.қ. 2,3 м. 39 КҶ ҶТ тавзеҳ дода шавад. Аломатҳои ҷиноятҳои компютерӣ, ки дар шарикӣ содир мешаванд, ягон хусусияти махсус надошта ба пуррагӣ бояд дорои аломаҳои дар м. 39 КҶ ҶТ зикршуда бошанд.

Дар м. 39 КҶ ҶТ чунин шаклҳои гурӯҳи шахсон, аз ҷумла, содир шудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил, иттиҳоди ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Дар б. «б» қ. 3, б. «б» қ. 4 м. 301 КҶ ҶТ бошад, танҳо чунин шаклҳои шарики дар ҷиноят ба монанди содир шудани он аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва гурӯҳи муташаккил муқаррар шудааст.

Мутобиқи қ. 2 м. 39 КҶ ҶТ «Ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд» [2].

Дар ҷиноятҳои гурӯҳи қасдӣ ҳар яке аз шарикон бояд кирдорҳои дар диспозитсияи м. 301 КҶ ҶТ муқарраршударо дар намуди масалан, нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот (қ. 1 м. 301 КҶ ), маҷбур кардан, таҳдиди истифодаи зуроварӣ (қ. 2 м. 301 КҶ ҶТ) дар бар гирад.

Яке аз аломатҳои муҳимми содиршудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон ин бо ҳам мувофиқ будани ҳаракатҳои байни аъзои чунин гурӯҳ ба ҳисоб меравад. Чунин мувофиқи пешакӣ байни аъзои гурӯҳ маслиҳат карда мешавад. Ҳаракатҳои ду шахс ҷиноятҳои гурӯҳӣ эътироф намешавад, агар ҳаракатҳои чунин шарик танҳо барои мусоидат намудан барои содир намудани ҷиноят равона шуда бошад. Ҳангоми ҷинояти гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ зарур аст, ки ҳар яке аз аъзои он ба сифати иҷрокунанда баромад намоянд. Аммо талаб карда намешавад, ки ҳама ҳамиҷрокунандагон ба пуррагӣ дар содир намудани ҷиноят иштирок карда бошанд. Барои иштирокчии чунин гурӯҳро ҳамиҷрокунанда эътироф намудан кифоя аст, ки ӯ ҳаракатҳое содир намояд, ки барои ноил шудан ба натиҷаи умумии ҷиноятӣ равона шуда бошад. Дар чунин ҳолат муҳимм он аст, ки маслиҳати пешакӣ дар бораи содир намудани кирдор то лаҳзаи иҷрои тарафи объективи ҷиноят мавҷуд бошад [115, с. 147].

Моддаи 301 КҶ ҶТ, инчунин, аломати махсусан, бандубастшаванда аз ҷониби гурӯҳи муташаккил мебошанд, ки сабаби содир намудан ва ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ мегарданд.

Гурӯҳи муташаккил мутобиқи қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ гурӯҳи устувори шахсоне ҳисоб мешавад, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд.

Новобаста аз таърифи қонунгузории гурӯҳи муташаккил дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол андешаҳои ягона дар бораи аломатҳои тавсифдиҳандаи шакли мазкури шарикӣ ва доираи аломатҳои ҳатмии он ҷой надорад.

Дар фарқият аз гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ баъзе аз аъзои гурӯҳи муташаккил мумкин аст бевосита дар содир намудани ҷиноят иштирок накарда, танҳо нақшҳои ташкилккунанда ё ёрдамчиро иҷро намоянд. Дар чунин ҳолат новобаста аз ҳамиҷрокунандагӣ ё тақсими нақшҳо кирдор аз рӯйи аломати содир шудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил бе ишора ба м. 36 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад [191, с. 114].

Бояд қайд кард, ки бештари ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мумкин аст бо мақсади ғаразнок содир шаванд. Вале аломати мазкур ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҳеҷ кадоме аз таркиби ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ муқарраршуда нишон дода нашудааст. Мумкин аст ба таври истисно б. «г» қ. 3 м. 301 КҶ ҶТ номбар намуд, ки дар он мақсади ба даст овардани иттилооти ниҳоят арзишнок содир шуда бошад, ба сифати аломати вазнинкунанди ин ҷиноят мустаҳкам шудааст.

Ба андешаи мо, бо мақсади тафриқабанди намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок ба ҳисоб мерафт, агар бо мақсади ғаразнок содир шудани ҷиноят ҳамчун аломати вазнинкунанда дар м.м. 298, 299, 302, 303 КҶ ҶТ низ муқаррар карда мешуд.

Дар натиҷаи таҳлили аломаҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳои дар боби 28 КҶ ҶТ муайяншуда метавон ба чунин хулосаҳо омад:

1. Боби 28 КҶ ҶТ бо эзоҳи дорои мазмуни зайл пурра карда шавад: «Андозаи ҷиддии зарар дар моддаҳои боби мазкур андозаи зарари ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ расонидашудае эътироф мешавад, ки аз 500 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад».

2. Ба андешаи мо бо мақсади тафриқабанди намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок ба ҳисоб мерафт агар бо мақсади ғаразнок содир шудани ҷиноят ҳамчун аломати вазнинкунанда дар м.м. 298, 299, 302, 303 КҶ ҶТ низ муқаррар карда мешуд.

3. Бояд қайд намуд, ки аломати бандубастшавандаи «бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба система ё шабакаи компютерӣ алоқаманд», ки дар б. «а» қ. 2 м. 299 КҶ ҶТ «Тағйир додани иттилооти компютерӣ» пешбинӣ гардидааст, бо м. 298 КҶ ҶТ «Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ» фаро гирифта мешавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ин аломати бандубастшаванда аз таркиби ҷинояти м. 299 КҶ ҶТ истисно карда шавад.

## ХУЛОСА

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ бори аввал баъд аз қабул гардидани КҶ ҶТ соли 1998 алоқаманд буда, дар боби 28 КҶ КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Дар баробари қабул гардидани боби мазкур марҳилаи нави муқовимат бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ оғоз гардид. Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии беиҷозат ба системаҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори муътадили онҳо шаванд. Чунин кирдорҳо механизмҳои муқарраршудаи ҳифзи иттилоотро заиф намуда, барои ҳифз, дастрасӣ ва махфияти маълумот хатар эҷод мекунанд [8-М].

